ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 327.2(575.4)



БАҲРИДДИНЗОДА БАХТИЁР БАҲРИДДИН

ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ВА ДУРНАМОИ ОН (СОЛҲОИ 2003–2025)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна

Роҳбари илмӣ:

номзади илмҳои таърих,

дотсент Шарипов А.Н.

Душанбе – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО.....3

МУҚАДДИМА.....5

БОБИ I. ҶОЙГОҲИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1.1. Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва роҳҳои татбиқи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.....27

1.2. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид.....51

БОБИ II. ДИПЛОМАТИЯИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ТАТБИҚИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

2.1. Моҳият, ҳадаф ва вазифаҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон.....69

2.2. Нақши дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид.....88

БОБИ III. ДУРНАМОИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҚАРИНАИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

3.1. Тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи об ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои ҳифзи пиряхҳо (2020–2025) 114

3.2. Дурнамои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар заминаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018–2028 138

ХУЛОСА.....153

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....155

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....160

РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.....182

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

БРСММ – Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид

БҲБА – Барномаи ҳавзаи баҳри Арал

БҶ – Бонки ҷаҳонӣ

БРО – Бонки рушди Осиё

ИМР – Институти маблағгузории рушд

ИҲЗО – Идоракунии ҳамгироишудаи захираҳои об

КБҲИЗО – Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии идоракунии захираҳои об

КРР – Кумаки расмӣ барои рушд

МУ СММ – Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид

НБО – Неругоҳи барқи обӣ

ОМ – Осиёи Марказӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

СМР-2030 – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

СООУО – Саммити оби Осиё ва уқёнуси Ором

БҶО – Барномаи ҷаҳонии озуқаворӣ

ФУО – Форуми умумиҷаҳонии об

ХБНА – Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал

ҲДС – Ҳавзаи дарёи Сир

ҲМ – Ҳисоботи миллӣ оид ба ҷараёни татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар пасманзари ҲРУ

ҲРУ – Ҳадафҳои рушди устувор

ҲРУ СММ – Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид

ҲРҲ – Ҳадафҳои рушди ҳазорсола

ШМР – Шурои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ШУО – Шурои ҷаҳонии об

ШҲР – Шурои ҳамоҳангсози рушд

ЮНДАФ – Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак баҳри рушд дар Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020

MAPS – Mainstreaming, Acceleration and Policy Support UN SDGs (Ҳамгирои, суръатбахш ва дастгирии сиёсӣ дар татбиқи ҲРУ СММ)

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар таърихи давраи истиқлоли Тоҷикистон муайян намудани самтҳои рушди давлат ва мутобиқ сохтани онҳо ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди устувор ҷойгоҳи муҳим дорад. Дар ташаккули ин масир саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назаррас ба ҳисоб меравад. Рушди устувор манфиату ниёзҳои ҷомеаро дар ҷараёни бунёди давлатдории навин ба ҳадафҳои муштарак мепайвандад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ барои пешбурди ин ҳадафҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ намуда, мушорикати худро дар самтҳои гуногуни рушди ҷаҳонию минтақавӣ густариш додааст.

Масъалаҳои инкишоф ва рушди устувор ҳанӯз аз нимаи дуюми асри XX ҳам дар назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳам дар амалияи дипломатия ва сиёсати хориҷии давлатҳо мубрам гардида буданд. Вобаста ба ин, давлатҳо ҳам дар сатҳи дастаҷамъӣ ва ҳам ба таври инфиродӣ ҳамчун субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ ташаббускори ҳадафҳои инкишоф ва рушди ҷаҳонӣ гардиданд. Барои Тоҷикистон инкишоф ва рушди устувори ҷаҳонӣ дар татбиқи сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон аз зумраи фаъолтарин субъектҳои низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар самти пешбурди барномаҳои рушди ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Зуҳури буҳронҳо дар ибтидои асри XXI вобаста ба масъалаҳои обу иқлим Тоҷикистонро ба пешниҳоди ташаббусҳо барои ҳалли ин мушкилоти башарӣ водор кард. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ, дар чорабинии «Об ва Наврӯз – ду сарчашмаи ҳаёти башар» таъкид намуд, ки «аҳаммияти қарорҳои СММ-ро, ки бо ташаббуси кишвар оид ба Соли байналмилалии оби тоза (2003), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013) ва

даҳсолаҳои «Об барои ҳаёт» (2005–2015) ва «Об барои рушди устувор» (2018–2028) қабул шудаанд. Ҳамчунин барои дастгирии ташаббусҳо оид ба Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон шудани соли 2025, муқаррар намудани Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо ва таъсиси Бунёди мақсадноки ҳифзи пиряхҳо изҳори сипос кард» [40].

Таҳдидҳои марбут ба обу иқлим, ҳамзамон, ба чанд давлат таъсир мерасонанд, аз ин рӯ, рафъи паёмадҳои онҳо ҳамоҳангии амалҳо дар сатҳи байналмилалиро талаб мекунад. Барои Тоҷикистон фаъолият дар Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд - СММ) ҳалли мушкилоти рушди кишварро бо иштирок дар барномаҳои умумӣ - нахуст дар амалисозии Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва сипас Ҳадафҳои рушди устувор - мепайвандад. Бо пешниҳоди ташаббусҳо дар минбарҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ кишвар дар муайян кардани самтҳои чунин ҳамкорӣ саҳм мегузорад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқотро метавон бо чанд масъалаи ба ҳам алоқаманд асоснок намуд:

1. Идоракунии захираҳои об ва истифодаи самараноки онҳо дар сиёсати ҷаҳонии муосир мавқеи афзалиятнок пайдо кардааст. Тағйирёбии иқлим, зиёд шудани аҳолӣ, афзоиши талабот ба захираҳои табиӣ ва эҳтиёҷ ба таъмини амнияти экологӣ вобастагии рушди устувор ва суботи байналмилалиро аз омили об бештар мегардонанд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва пешбурди дипломатияи об имкон медиҳад, то имкониятҳои ин воситаи ҳамкорӣ дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонии об аз нигоҳи назарию амалӣ арзёбӣ шаванд.

2. Дар солҳои 2003–2025 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешбурди ташаббусҳои обӣ мавқеи сиёсӣ ва дипломатии худро дар рӯзномаи ҷаҳонии об таҳким бахшид. Эълони «Соли байналмилалии оби тоза» (2003), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005–2015),

«Соли ҳамкорӣ дар соҳаи об» (2013) ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018–2028) натиҷаи пешниҳод ва пайгирии чунин ташаббусҳо мебошад. Маҷмуи иқдомоти мазкур аз ташаккули самти хосси дипломатияи Тоҷикистон дарак медиҳад, ки омӯзиши он барои таҳқиқоти илмӣ ва рушди назарияи дипломатияи муосир аҳаммият дорад.

3. Масъалаи дигари муҳим робитаи дипломатияи об бо татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд ҲРУ-и СММ) мебошад. Қабули рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 ва дар доираи он муайян гардидани Ҳадафи шашум оид ба дастрасии умумӣ ба об ва беҳдошт зарурати омӯзиши воситаҳои дипломатии ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллию байналмилалиро дар идоракунии захираҳои об афзун намуд. Таҷрибаи Тоҷикистон дар ин самт барои таҳқиқи саҳми дипломатия дар пешбурди ҳадафҳои ҷаҳонӣ маводди муҳим фароҳам меорад. Дар ҳамин суханронӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори боварӣ намуд, ки «татбиқи даҳсолаи об ва дигар ҳадафҳои ҷаҳонии марбут ба об бо густариши ҳамкории давлатҳо дар истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист ҳамроҳ хоҳад буд» [40].

4. Афзоиши таҳдидҳои экологию иқлимӣ, аз ҷумла обшавии босуръати пиряхҳо, коҳиши захираҳои оби ширин ва эҳтимоли ба вуҷуд омадани ихтилофҳои фаромарзӣ вобаста ба истифодаи захираҳои обӣ, зарурати таҳкими ҳамкориҳои байналмилалиро дар ин самт тақозо менамояд. Аз ин рӯ, таҳқиқи дипломатияи оби Тоҷикистон ҳамчун воситаи таҳкими муколама, ҳамкорӣ ва эътимод байни давлатҳо ба талаботи воқеии рушди низоми муносибатҳои байналмилалии асри XXI ҷавобгӯ мебошад.

5. Пайгирии ташаббусҳои умумиҷаҳонии об аз ҷониби Тоҷикистон дар тули беш аз ду даҳсола зарурати арзёбии натиҷаҳои сиёсӣ ва дипломатии ин фаъолиятро ба миён меорад. Чунин арзёбӣ бояд

дастовардҳо, мушкилоти мавҷуда ва самтҳои афзалиятноки идомаи дипломатияи обро фаро гирад. Дар ин маврид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид менамоянд: «Боиси қаноатмандист, ки ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар давоми ду даҳсола кишварҳои аъзои СММ ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро ҷиҳати муҳокимаи мушкилоти ҷаҳонии об ва дарёфти роҳҳои ҳаллу фасли он муттаҳид месозанд» [133]. Ин арзёбӣ заминаи баррасии илмии нақши афзояндаи Тоҷикистонро дар дипломатияи байналмилалии об фароҳам месозад.

6. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2003–2025 бо таҳкими дипломатияи об дар доираи ҲРУ-и СММ таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалиро ба буҳрони ҷаҳонии об ва роҳҳои рафъи он ҷалб намуд. Омӯзиши заминаҳо, марҳилаҳо ва натиҷаҳои ин фаъолият мазмуни масъалаи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва дурнамои он (солҳои 2003–2025)»-ро муайян намуда, аҳаммияти илмии таҳқиқи онро асоснок месозад.

Ҳамин тариқ, робитаи мушкилоти об бо тағйирёбии иқлим ва талаботи рушди устувор истифодаи дипломатияро барои мувофиқ сохтани манфиатҳои давлатҳо зарур мегардонад. Тоҷикистон, ки захираҳои бузурги об дорад, дар ду даҳсолаи охир тавассути ташаббусҳои байналмилалии худ ҷойгоҳи кишварро дар сиёсати ҷаҳонӣ баланд бардошта, дар ташаккули рӯзномаи байналмилалии об саҳм гузоштааст. Таҳқиқи марҳилаҳои ташаккул, хусусиятҳо, самтҳои асосӣ ва дурнамои дипломатияи оби Тоҷикистон дар солҳои 2003–2025 барои рушди дониши таърихӣ дар бораи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ аҳаммият дорад. Натиҷаҳои чунин омӯзиш, ҳамчунин, метавонанд барои такмили сиёсати хориҷии кишвар ва муайян

намудани афзалиятҳои минбаъдаи фаъолияти байналмилалии он истифода шаванд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Дар таърихи давлатдории навини тоҷик масъалаи об мавқеи марказиро ишғол намуда, махсусан, дар даврaи соҳибистиқлолӣ пешбурди дипломатияи об ба абзори муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, дар доираҳои илмӣ доир ба сиёсати оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳилаҳои ташаккули дипломатияи оби кишвар, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар соҳаи об дар заминаи Ҳадафҳои рушди устувори СММ, ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи обу иқлим, танзими мушкилиҳои обӣ дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори СММ таҳқиқоти зиёд таълиф шудааст. Пажӯҳишҳои мазкур аз тарафи коршиносони ватанию хориҷӣ дар шакли китобу монография, маҷмуаҳои илмӣ, таҳқиқоти диссертатсионӣ, мақолаҳои илмӣ ва гузоришҳои таҳлилӣ омода шудаанд. Барои дарки мубрамии мавзуи таҳқиқот адабиёт ва таълифоти илмии истифодашуда ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шудаанд.

Ба гурӯҳи аввал китобу таълифоти олимони ватанӣ дохил шудаанд, ки бевосита ба таҳқиқи сиёсати оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши омили об дар пешбурди сиёсати хориҷии кишвар ва ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ куллан бахшида шудаанд. Ба ин гурӯҳ осори Ғафуров Б., Насриддинзода Э.С., Қувватзода С.З., Шарипов А.Н., Одинаев Ҳ.А., Раҳимов К.Х., Абдуллаев С.Ф., Маслов В.А., Солихоҷаева С.А., Нематов А.Р., Маҳкамбоев С.Д., Назаров Т.Н., Қурбонализода Ф., Муминзода О.С., Насруллоев Х., Салимов Ф.Н. ва дигарон дохил мешаванд [62; 69; 86; 91; 101; 106; 109; 110; 112; 113; 114; 115; 116; 117; 118; 122; 124; 125; 126; 128].

Дар осори илмии муҳаққиқони мазкур масъалаҳои сиёсати оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи захираҳои фаромарзии об, нақши омили об дар таъмини манфиатҳои миллӣ ва ташаккули дипломатияи об дар давраи соҳибистиқлолӣ аз дидгоҳҳои гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ ва байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Маҷмуи ин пажӯҳишҳо заминаи назарию методологӣ (равишшиносӣ) ва амалии омӯзиши дипломатияи оби Тоҷикистонро ташаккул медиҳад.

Аз ҷумла, асари бунёдии Б. Ғафуров – «Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав», ҳарчанд бевосита ба дипломатияи об бахшида нашудааст, барои дарки нақши таърихии об дар ташаккули тамаддуни тоҷикон, рушди давлатдорӣ ва муносибатҳои минтақавӣ аҳаммияти назариявӣ дорад [56].

Таҳқиқоти Қувватзода С.З. дар рушди заминаҳои назариявии дипломатияи об дар Тоҷикистон арзишманд ҳисобида мешавад. Ӯ дар монографияи худ сиёсати обиро ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, нақши ташаббусҳои байналмилалии кишварро дар шаклгирии рӯзномаи ҷаҳонии об таҳлил намудааст. Муҳаққиқ мафҳум, принсип, механизм ва самтҳои асосии дипломатияи обро муайян намудааст. Аҳаммияти илмии ин асарҳо дар ташаккули дастгоҳи мафҳумии дипломатияи об ва таҳияи равишҳои нави сиёсӣ барои истифодаи омили об ҳамчун абзори «неруи нарм» зоҳир мегардад [62].

Пажӯҳишҳои Ҳ. Одинаев бештар ба таҳлили ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ниҳодии идоракунии захираҳои обии фаромарзӣ бахшида шудаанд. Муаллиф масъалаҳои такмили идоракунии ҳавзавии захираҳои об, ҳамгироии обу энергетикаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, механизмҳои ҷуброни экосистемавӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи обро мавриди омӯзиш қарор додааст. Аҳаммияти илмии осори ӯ дар асоснок намудани зарурати гузариш аз тарҳи соҳавӣ ба

низоми ҳамгироёнаи идоракунии захираҳои об, таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва ташаккули механизмҳои нави ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатҳои ҳавзаҳои обии муштарак ифода меёбад. Таҳқиқоти ӯ нишон медиҳанд, ки об дар Осиёи Марказӣ на танҳо захираи иқтисодӣ, балки омили муҳимми суботи минтақавӣ ва ҳамкориҳои байнидавлатӣ мебошад [115; 116; 117].

Пажӯҳиши Қ. Раҳимов асосан ба омӯзиши ташаббусҳои глобалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои СММ бахшида шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самти обу иқлим ва ҳифзи муҳити зист ба ташаккули низоми нави ҳамкориҳои байналмилалӣ боис гашта, мақоми кишварро ҳамчун субъекти фаъоли дипломатияи бисёрҷониба таҳким бахшидаанд. Аҳаммияти илмии ин таҳқиқот дар арзёбии саҳми Тоҷикистон дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор ва таҳлили таъсири ташаббусҳои обӣ ба низоми идоракунии ҷаҳонӣ ифода меёбад [122].

Дипломатияи обро муҳаққиқи дигари тоҷик Шарипов А.Н. ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, нақши онро дар таҳкими нуфузи байналмилалии кишвар, пешбурди манфиатҳои миллӣ ва густариши ҳамкориҳои бисёрҷониба асоснок месозад. Ба андешаи ӯ, ташаббусҳои ҷаҳонии ҷониби Тоҷикистон дар соҳаи об, ки дар доираи СММ пешниҳод гардидаанд, ба ташаккули низоми нави ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти истифодаи оқилона ва устувори захираҳои обӣ мусоидат намудаанд.

Муҳаққиқи мазкур моҳият ва мазмуни дипломатияи обро ҳамчун абзори муҳимми «неруи нарм» таҳлил намуда, таъкид мекунад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз иқтидори бузурги захираҳои обӣ тавонистааст масъалаҳои марбут ба об, ҳифзи пиряхҳо ва тағйирёбии иқлимро ба рӯзномаи ҷаҳонӣ ворид намояд. Муаллиф дипломатияи обро ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ ва

байналмилалӣ дар самти таъмини амнияти обӣ ва рушди устувор арзёбӣ мекунад [131].

Таҳқиқоти муҳаққиқи дигари тоҷик Э. Насриддинзода ба омӯзиши масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо, заминаҳои ҳуқуқӣ ва дурнамои истифодаи самараноки онҳо бахшида шудаанд. Муаллиф пиряхҳои Тоҷикистонро ҳамчун захираи стратегии ҷаҳонӣ арзёбӣ намуда, зарурати ташаккули механизмҳои байналмилалии ҳифз ва назорати онҳоро асоснок месозад [109].

Дар таҳқиқоти Ф.Н. Салимов омӯзиши робитаи дипломатияи об бо манфиатҳои миллӣ, ҳамкории дуҷониба ва амнияти минтақавӣ ҷойгоҳи асосӣ дорад. Дар онҳо ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об, ҳамкории стратегии кишварҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ва роҳҳои пешгирии хатарҳои обию иқлимӣ баррасӣ шудаанд [126, с. 17; 125, с. 10; 124, с. 12–13].

Гурӯҳи дуюми адабиёти истифодашударо осори донишмандони хориҷӣ ташкил медиҳад, ки дар онҳо бештар ҷанбаҳои назариявии сиёсати об, ҳамкориҳои давлатҳо дар соҳаи об, вазъи истифодаи захираҳои об дар Осиёи Марказӣ, мушкилоти обӣ дар сайёра, омили об дар низоми ҲРУ-и СММ таҳқиқ шудаанд. Пеш аз ҳама, осори В. Каширин, В.Г. Литуев, В.И. Данилов-Данилян, К.С. Лосев, В.А. Духовний, В.И. Соколов, Ю.Х. Рисбеков, К.Л. Валентини, Э.Э. Оролбаев, А.К. Абилгазиева, О.А. Бояркина, А.Б. Лихачева, Г.Ч. Акунова, Д.Р. Зиганшина, П.Глейк, М. Фалкенмарк ва Т.А. Волф ва дигарон аҳаммияти бештар доранд [55; 57; 59; 64; 65; 73; 80; 83; 85; 88; 92; 144].

Масалан, В. Каширин дар таълифоти худ обро ҳамчун захираи иқтисодӣ, сиёсӣ ва стратегӣ баррасӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, дар шароити муосир масъалаи об ба яке аз самтҳои муҳимми геополитикӣ

табдил ёфта, метавонад ба амният, иқтисод ва сиёсати хориҷии давлатҳо таъсири мустақим расонад [64; 83].

В.Г. Литуев ҷанбаҳои назарии сиёсати обро таҳқиқ намуда, таъкид менамояд, ки сиёсати об дар замони муосир бояд ҳамчун ҷузъи таркибии амнияти миллӣ омӯхта шавад [83].

В.И. Данилов-Данилян ва К.С. Лосев масъалаи истеъмоли обро аз нигоҳи экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ таҳлил намудаанд. Муаллифони мазкур бар он назаранд, ки мушкилоти обӣ танҳо масъалаи табиӣ нест, балки бо рушди иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва идоракунии сиёсӣ робитаи зич дорад [57].

В.А. Духовний ва В. И. Соколов таҷрибаи Осиёи Марказиро дар идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об таҳлил намуда, таъкид мекунанд, ки ҳалли мушкилоти обии минтақа бе ҳамкории байнидавлатӣ, идоракунии ҳавзавӣ ва ҳамоҳангии манфиатҳои кишварҳои болообу поёноб имконнопазир аст [59].

Муҳаққиқи ӯзбекистонӣ Ю.Х. Рисбеков дар пажӯҳишоти худ масъалаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии истифодаи захираҳои оби фаромарзиро таҳқиқ намуда, ба ин назар аст, ки пешгирии ихтилофҳои обӣ дар минтақаҳои гуногун ба ташаккули механизмҳои ҳуқуқӣ ва дипломатии ҳамкории давлатҳо вобаста мебошад [73].

Донишмандони дигар, ба монанди К.Л. Валентини, Э.Э. Оролбаев ва А. К. Абилгазиева вазъи захираҳои об, мушкилоти тақсимот ва истифодаи онҳо дар минтақаи Осиёи Марказиро таҳлил намуда, масъалаи обро яке аз омилҳои асосии рушди устувор ва амнияти минтақавӣ мешуморанд [55].

О. А. Бояркина масъалаи низоъҳои эҳтимолӣ дар соҳаи истифодаи обро таҳқиқ намуда, таъкид менамояд, ки барои пешгирии муноқишаҳо рушди дипломатияи об ва механизмҳои музокиротӣ зарур мебошад [80].

Донишманди шведӣ М. Фалкенмарк мушкилоти глобалии норасоии обро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки камбуди об яке аз таҳдидҳои ҷиддии рушди устувор, амнияти озуқаворӣ ва суботи иҷтимоӣ мебошад [162].

Ба гурӯҳи сеюм рисолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дохил карда шудаанд, ки асосан дар шакли диссертатсия ва авторефератҳо истифода шудаанд. Ба ин гурӯҳ таҳқиқоти С.З. Қувватзода, Т.А. Аджиев, Р.М. Аминҷонов, О.А. Бояркина, У.О. Кимсанов, А.Б. Лихачева, М.С. Мавлони ва дигарон дохил мешаванд [68; 77; 78; 79; 80; 81; 82; 84].

Дар ин замина, диссертатсияи доктории С.З. Қувватзода дар мавзуи «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» аҳаммияти назарию методологии махсус дорад. Муаллиф сиёсати обро ҳамчун самти мустақили сиёсати давлатӣ ва омили муҳимми таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ баррасӣ намуда, хусусиятҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати обии давлатҳои Осиёи Марказиро дар шароити тағйирёбии иқлим, афзоиши талабот ба захираҳои обӣ ва таҳкими равандҳои ҳамгироии минтақавӣ таҳлил кардааст [81]. Ба андешаи ӯ истифодаи самараноки захираҳои обии фаромарзӣ танҳо дар заминаи ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатҳои минтақа, такмили механизмҳои дипломатияи об ва таҳкими ҳамкориҳои бисёрҷониба имконпазир мебошад.

Таҳқиқоти О.А. Бояркина ба омӯзиши омилҳои сиёсӣ ва геополитикии низоъҳои эҳтимолӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ бахшида шудааст. Муаллиф ба ин назар аст, ки дар шароити афзоиши норасоии об ва тағйирёбии мувозинати манфиатҳои давлатҳои болообу поёноб, рушди механизмҳои ҳуқуқӣ ва дипломатӣ барои танзими муносибатҳои обӣ аҳаммияти калидӣ дорад [80].

Муҳаққиқи рус А.Б. Лихачева дар фишурдаи диссертатсияи худ масъалаи норасоии обро ҳамчун омили нав ва таъсиргузор дар муносибатҳои байналмилалӣ баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки маҳдудияти захираҳои обӣ метавонад ба тағйирёбии афзалиятҳои сиёсати хориҷии давлатҳо, шиддатёбии рақобати геополитикӣ ва пайдоиши шаклҳои нави ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат намояд [84].

Муҳаққиқи тоҷик М.С. Мавлони дар монографияи худ масъалаҳои идоракунии захираҳои обии минтақа, механизмҳои ҳамоҳангсозии манфиатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва роҳҳои такмили низоми истифодаи захираҳои обии фаромарзиро таҳлил намудааст [68]. Ба андешаи муаллиф, татбиқи принсипҳои идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои обӣ ва тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ омили асосии таъмини рушди устувори минтақа мебошад.

Таҳлили рисолаҳои илмӣ ва авторефератҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои сиёсати об, дипломатияи об, амнияти обӣ ва истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ дар Осиёи Марказӣ ҳамчун самти муҳимми таҳқиқоти илмии муосир арзёбӣ гардида, зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи ташаккул ва рушди дипломатияи оби Тоҷикистонро дар низоми ҲРУ-и СММ тақвият мебахшанд.

Гурӯҳи чоруми адабиётро мақолаҳои илмӣ ташкил медиҳанд, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи ватанӣ ва хориҷӣ чоп шудаанд. Дар онҳо диққати асосӣ ба рушд ва таҳкими дипломатияи об дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим ҷиҳати расидан ба ҲРУ-и СММ равона шудааст. Дар ин ҷо метавон аз осор ва таълифоти С.Ф. Абдуллаев, В.А. Маслов, Г.Ч. Акунова, А.А. Аламшозода, Т.А. Ғаниев,

З.В. Кобулиев, С.З. Қувватзода, Е.И. Левина, Ҳ.А. Одинаев ёдовар шуд [86; 88; 89; 91; 93; 94; 95; 96; 97; 98; 99; 102; 103; 105; 106; 117].

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷрои мавзуи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 анҷом дода шудааст. Инчунин, диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аз 26.09.2020, таҳти № 503 мувофиқат менамояд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқотро таҳлил, баррасӣ ва ташхиси заминаҳои таърихӣ ва сиёсии ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми ҲРУ-и СММ ва дурнамои он дар давоми солҳои 2003-2025 ташкил медиҳад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади гузошташуда дар таҳқиқот вазифаҳои зерин иҷро гардиданд:

- омӯзиши ҲРУ-и СММ ва роҳҳои татбиқи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баррасии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи ҲРУ-и СММ;
- таҳқиқи моҳият, ҳадаф ва вазифаҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъйини нақши дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалисозии ҲРУ-и СММ;
- омӯзиши роҳҳои таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии обӣ дар доираи ҳифзи пиряхҳо (2020–2025);

-муайян намудани дурнамои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018–2028.

Объекти таҳқиқотро омӯзиши ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми ҲРУ-и СММ ва дурнамои он дар давоми солҳои 2003-2025 ташкил медиҳад.

Предмети (мавзуи) таҳқиқотро омӯзиши хусусият ва масъалаҳои асосии ташаккули дипломатияи об, авлавияти дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми ҲРУ-и СММ, масъалаҳои асосии дурнамои татбиқи ташаббусҳои Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2021–2025 иҷро шудааст. Дар таҳқиқот ҳолат, таърихи ташаккули дипломатияи об, низоми ғоявии ҲРУ-и СММ ва роҳҳои татбиқи онҳо, таҳкими дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми ҲРУ-и СММ ва дурнамои он дар давоми солҳои 2003-2025 ҳамчун масъалаҳои муҳимми баррасишаванда интихоб шудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистааст, ки вазъияти мураккаби инкишофи глобалиро дарк намуда, рафъи мушкилоти онро ҳамчун ҳадафҳои рушди устувори ҷаҳонӣ ба оғози ҳамгироиҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мубаддал гардонад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро мубрамии дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд. Ҳамчунин, таҳқиқи заминаҳои таърихии пайдоиш ва ташаккули дипломатияи об, мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он, таъсири омили об ба муносибатҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, зарурати таҳқиқи илмии мушкилоти вобаста ба об ва таъсири манфии онҳо ба муносибатҳои байналмилалӣ

ва амнияти ҷаҳонӣ ва таъмини ҳамгироӣ дар соҳаи об аҳаммияти назарии онро нишон медиҳад.

Дар раванди таҳқиқот усулҳои таърихӣ, умумимантиқӣ, системавӣ, таҳлилӣ, қиёсӣ, ниҳодӣ ва байнифаннӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Бо истифода аз усули таърихӣ марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули дипломатияи оби Тоҷикистон дар солҳои 2003–2025, аз қабули ташаббуси «Соли байналмилалии оби тоза, 2003» то эълон гардидани «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, 2025», пайдарпай мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Усули системавӣ имкон фароҳам овард, то дипломатияи об ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизми мусоидаткунанда ба татбиқи ҲРУ-и СММ, ба хусус, Ҳадафи шашум – таъмини дастрасӣ ба об ва беҳдошт, таҳлил карда шавад. Дар асоси усули қиёсӣ мазмун, ҳадаф ва натиҷаҳои ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи об, аз ҷумла даҳсолаҳои байналмилалии «Об барои ҳаёт» ва «Об барои рушди устувор» муқоиса гардида, умумият ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо муайян гардиданд.

Усули ниҳодӣ барои муайян намудани нақш ва фаъолияти Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд — МУ СММ), ниҳодҳои махсусгардонидаи он, инчунин, мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди дипломатияи об истифода гардид. Тавассути усулҳои таҳлил ва синтез қатъномаҳои СММ, санадҳои расмӣ, суханрониҳои роҳбарияти Тоҷикистон, маводди оморӣ ва осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ омӯхта шуда, натиҷаҳои онҳо ҷамъбаст ва ба низоми ягонаи илмӣ ворид карда шуданд. Усулҳои умумимантиқӣ, аз ҷумла илқо, истидлол, интизоъ ва ҷамъбасткунӣ, барои муайян намудани қонуниятҳои рушди дипломатияи об, арзёбии дастовардҳои он ва асоснок кардани дурнамои минбаъда истифода шуданд. Бо дарназардошти хусусияти фарогири масъалаҳои об, усули

байнифаннӣ имконият дод, ки ҷанбаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва амниятии дипломатияи об дар робитаи мутақобила байни кишварҳо ва созмонҳо таҳқиқ карда шаванд. Маҷмуи усулҳои мазкур барои анҷом додани омӯзиши ҳамаҷониба ва динамикии объекту предмети таҳқиқот, муайян намудани унсурҳои асосии дипломатияи об ва арзёбии мавқеи он дар низоми ҲРУ-и СММ заминаи муносиби методологӣ фароҳам овард.

Пойгоҳи сарчашмавию иттилоотии таҳқиқот. Дар раванди гузаронидани таҳқиқот ва таҳияи диссертатсия якчанд гурӯҳи сарчашмаҳои иттилоотӣ мавриди таҳлил ва истифода қарор гирифтаанд. Вобаста ба таъйиноташон пойгоҳҳои мазкурро ба гурӯҳҳои зерин метавон тақсим намуд:

Ба гурӯҳи якум ҳуҷҷатҳои расмӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дохил карда шудаанд. Аз ҷумла, «Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигаҳдории пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010–2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Эъломияи Рио-де-Жанейро оид ба муҳити зист ва рушд» (1992), «Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Эъломияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим», «Эъломияи СММ оид ба об», Эъломияи СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати «Даҳсолаи байналмилалии амал Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028», Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва ғ.

Гурӯҳи дуюмро суханрониҳо, баромадҳо, ва Паёмҳои солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ташкил медиҳанд.

Гурӯҳи сеюмро маводди сомонаҳои расмии расонаҳои хабарии ватанӣ ва хориҷӣ, маълумоти гуногуни оморӣ, таҳқиқот ва ғ. ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот ба омӯзиши роҳҳои ҳамгироии давлатҳо дар соҳаи об вобаста мебошад. Мураккаб гардидани мушкилоти ҷаҳонии об зарурати чунин ҳамгироиро бештар месозад. Бо вуҷуди ин, дар илмҳои сиёсӣ ва амалияи муносибатҳои байналмилалӣ ҳанӯз консепсияи мукаммале, ки самти пешбурди ин муносибатҳоро ба таври рӯшан муайян созад, ба қадри кофӣ ташаккул наёфтааст.

Ҷанбаҳои асосии навгонии илмии таҳқиқот чунинанд:

1. Асосҳои назариявӣ ва амалии татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, робитаи онҳо бо афзалиятҳои рушди миллӣ ва манфиатҳои сиёсати хориҷии кишвар муайян карда шудааст.

2. Самтҳо ва механизмҳои ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҲРУ-и СММ муайян гардида, нақши созмонҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд дар амалисозии онҳо арзёбӣ шудааст.

3. Моҳият, ҳадафҳо ва хусусиятҳои ташаккули дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва баррасӣ гардида, аҳаммияти он ҳамчун воситаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ асоснок карда шудааст.

4. Нақши дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҲРУ-и СММ, бахусус Ҳадафи шашум, муайян гардида, таъсири ташаббусҳои байналмилалии кишвар ба таҳкими амнияти обӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷониба арзёбӣ шудааст.

5. Аҳаммияти ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи пиряхҳо аз ҷанбаҳои гуногун таҳлил гардида, нақши онҳо дар тақвияти ҳамкориҳои байналмилалии обию иқлимӣ ва татбиқи ҲРУ-и СММ асоснок карда шудааст.

6. Дар доираи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018–2028» афзалиятҳо ва дурнамои ҳамкориҳои

байналмилалии Тоҷикистон муайян карда шуданд. Бар асоси ин таҳлил, имкониятҳои идомаи дипломатияи об ва таҳкими ҷойгоҳи байналмилалии кишвар мушаххас гардидаанд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Муқаррар гардид, ки ташаккули дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2003–2025 раванди пайдарпай, марҳилавӣ ва дорои заминаҳои устувори сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ мебошад. Дар асоси таҳлили таърихию сиёсӣ се марҳилаи асосии ин раванд муайян карда шудааст: марҳилаи якум, солҳои 2003–2012, ки бо ворид намудани масъалаҳои об ба рӯзномаи байналмилалӣ ва ташаккули заминаҳои ибтидоии дипломатияи об алоқаманд аст; марҳилаи дуюм, солҳои 2013–2017, ки дар он ғояи ҳамкорӣ дар соҳаи об бо ҳадафҳои рушди устувор пайваст гардида, мазмуни дипломатияи об хусусияти фарогир касб намуд; марҳилаи сеюм, солҳои 2018–2025, ки бо ниҳодинашавии дипломатияи об дар низоми Ҳадафҳои рушди устувори СММ, густариши Раванди оби Душанбе ва тақвияти нақши Тоҷикистон дар ташаккули рӯзномаи ҷаҳонии об тавсиф мегардад. Даврабандии пешниҳодшуда собит менамояд, ки ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдомҳои ҷудогона набуда, ҷузъҳои ба ҳам алоқаманди стратегияи ягонаи дипломатии давлат мебошанд.

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дипломатияи об ҳамчун самти махсуси сиёсати хориҷӣ асоснок гардида, имконияти он барои табдили заминаҳои эҳтимолии ихтилоф ба ҳамкорӣ, эътимодсозӣ ва рушди устувор нишон дода шудааст. Захираҳои оби фаромарзӣ давлатҳоро аз тариқи манфиатҳои муштарак ба ҳам мепайванданд. Ҳамзамон, тағйирёбии иқлим, зиёд шавии аҳолӣ, нобаробарии дастрасӣ ба об ва камбудиҳои идоракунӣ метавонанд ихтилофи ин манфиатҳоро тезутунд созанд. Муайян гардидааст, ки истифодаи одилонаю оқилонаи об, пешгирии зарари назаррас, табодули маълумот, банақшагирии

муштарак ва ҳалли масъалаҳо бо роҳи музокирот барои ташаккули шарикии байнидавлатӣ замина фароҳам меоранд. Бо такя ба ин натиҷаҳо, дипломатияи об ҳамчун маҷмуи воситаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, музокиротӣ ва ниҳодии мувофиқсозии манфиатҳои давлатҳо шарҳ дода шудааст, ки ба амнияти об ва иҷрои ҲРУ-и СММ, махсусан ҲРУ 6, мусоидат мекунад.

3. Муайян гардидааст, ки модели дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пайванди чор унсури асосӣ ташаккул меёбад: ташаббусҳои байналмилалии меъёрофарин, дипломатияи бисёрҷониба дар СММ, дипломатияи ҳамоишӣ дар доираи Раванди оби Душанбе ва муколамаи минтақавӣ оид ба обҳои фаромарзӣ. Қабули ташаббусҳои ҷаҳонии кишвар, баргузории конфронсҳои сатҳи баланд дар Душанбе, эълони «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018–2028» ва ҳамраисии Тоҷикистон дар Конфронси СММ оид ба об дар соли 2023 имконият доданд, ки кишвар дар ташаккули рӯзномаи ҷаҳонии об нақши фаъолтар пайдо намояд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки Раванди оби Душанбе сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалии ҳамкориро ба ҳам мепайвандад. Ин раванд барои баррасии иҷрои ҲРУ 6, густариши шарикии бисёрҷониба ва пешниҳоди уҳдадориҳои амалии марбут ба об аҳаммияти ниҳодӣ касб кардааст.

4. Ҳамчунин асоснок гардидааст, ки дипломатияи оби Тоҷикистон пас аз соли 2023 бояд аз пешниҳоди ташаббусҳо ба таъмини натиҷаҳои мушаххас, пешгирии хатарҳо ва арзёбии пешрафт аз рӯйи нишондиҳандаҳои ченшавандаи ҲРУ бештар равона гардад. Модели илмию амалии пешниҳодшудаи рушди ин самт ҳамоҳангсозии барномаҳои миллию минтақавии обро бо нишондиҳандаҳои ҲРУ 6 пешбинӣ менамояд. Он, ҳамчунин, ташкили табодули доимии маълумот ва назорати муштараки обҳои фаромарзию пиряхҳо, истифодаи равиши ҳамбастаи «об–энергетика–озуқаворӣ–муҳити зист», рушди огоҳкунии

бармаҳал аз хатарҳои гидрологӣ, ҷалби маблағгузории байналмилалӣ ва тақвияти дипломатияи илмӣ ва пирояҳҳоро фаро мегирад. Дар таҳқиқот нишон дода шудааст, ки татбиқи ин модел метавонад ҷойгоҳи Тоҷикистонро дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонии об мустаҳкам намуда, ба амнияти об, пешгирии ихтилофҳои эҳтимолӣ ва иҷрои уҳдадориҳои марбут ба ҲРУ-и СММ мусоидат кунад. Қабули ташаббуси эълони соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пирояҳҳо бо қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ дар соли 2022 дар доираи давраи таҳқиқот ҳамчун заминаи рушди минбаъдаи дипломатияи обу иқлим арзёбӣ мешавад.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назарӣ ва таҳқиқоти вобаста ба дипломатияи об дар замони муосир, дар партави афзоиши таҳдидҳои марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии захираҳои обӣ ва мураккабшавии муносибатҳои байнидавлатӣ, рӯз то рӯз бештар мегардад. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот метавонанд дар самтҳои гуногун мавриди истифода қарор гиранд, аз ҷумла дар ташаккули курсҳои махсуси таълимӣ оид ба дипломатияи об, низоъшиносии обӣ ва идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об. Омодасозии чунин курсҳо барои баланд бардоштани сатҳи илмӣ ва амалии мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ, муҳити зист ва сиёсати хориҷӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

Илова бар ин, таҳқиқоти мазкур метавонад ба таҳияи барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳои давлатии марбут ба сиёсати обӣ, дипломатияи об, консепсияҳои амнияти миллӣ ва геополитикӣ, барномаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ асоси илмӣ бахшад. Дар шароите, ки об ба унсури стратегӣ ва геополитикӣ табдил ёфтааст, сиёсати давлатӣ дар соҳаи об бояд на фақат аз нигоҳи иқтисодӣ, балки аз ҷиҳати сиёсӣ ва амниятӣ низ баррасӣ гардад. Дар ин раванд, таҳлили илмии дипломатияи об ҳамчун шакли махсуси фаъолияти

байналмилалӣ барои ҳамоҳангсозии манфиатҳои кишварҳо дар масъалаҳои тақсими захираҳои обӣ ва танзими ҳамкориҳо нақши калидӣ мебозад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур, инчунин, метавонанд дар таҳияи муқаррароти ҳуқуқии созишномаҳо ва шартномаҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ истифода шаванд. Ҳангоми таҳияи чунин асноди меъёрӣ зарурати ба назар гирифтани омилҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҷрибаи амалии муноқишаҳо ва принсипҳои тақсими одилонаи об ба миён меояд. Маҳз дар ин замина, таҳқиқоти академӣ бо пешниҳоди тавсияҳои мушаххас, метавонад заминаи ҳуқуқии созишномаҳои фарогирро тақвият бахшад.

Аз назари илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун замина барои таҳияи матни маърӯзаҳо, баромадҳои расмӣ, мақолаҳои илмӣ ва рисолаҳои илмии магистрӣ, номзадӣ ва докторӣ истифода шаванд. Муҳаққиқон метавонанд бо такя ба таҳлили назариявию амалӣ, моделҳо ва таҷрибаи кишварҳои гуногун, асосҳои нави таҳлил ва хулосаҳои татбиқшавандаро барои рушди минбаъдаи илм пешниҳод намоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот ба таври хос дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ зоҳир мегардад, ки дар он масъалаҳои дастрасӣ, тақсим ва истифодаи устувори захираҳои обӣ ҳаллу фасли худро меёбанд. Дар раванди музокирот ва гуфтушунидҳои обӣ, далелу хулосаҳои илмӣ метавонанд ҳамчун воситаи қавии асосноксозии мавқеи тарафҳо ва расидан ба тавофуқоти устувор хидмат кунанд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд ҳангоми таҳияи сиёсати минтақавии давлатӣ дар соҳаи об ва тарҳрезӣ намудани чаҳорчӯби ҳамкориҳои муштарак истифода шаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои

таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ, манзур кардани хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои назарӣ ва амалӣ эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро нишон медиҳанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба ихтисоси 6.1.6 — Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Дар асоси адабиёт ва сарчашмаҳои дигари мавҷуда раванди таърихии пайдоиш ва ташаккули дипломатияи об ва масъалаҳои вобаста ба он, ҷойгоҳи об дар ташаккули муносибатҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ва таъсири мушкилоти об ба ин муносибатҳо таҳлил гардида, тавсия ва пешниҳодҳои судманд ҷиҳати таҳкими ҳамгироии байналмилалӣ дар соҳаи об манзур карда шуда, донишҳои вобаста ба дипломатияи об ба низоми муайян дароварда шудаанд.

Саҳми шахсии муҳаққиқ бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, муқаррарот ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, таҳияи барномаю модулҳои таълимӣ ва курси лексияҳо барои мактаби олӣ муайян карда мешавад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, натиҷаҳои илмию таҳқиқотии он пазируфта шудаанд. Кори диссертатсионӣ ҳамчун кори илмии анҷомёфта баҳогузорӣ гардида, барои дифоъ тавсия гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи амалии хешро дар раванди таълим пайдо намудаанд. Бахшҳои асосии рисола дар мақолаҳои нашршудаи

муаллиф инъикос ёфтаанд. Қисматҳои алоҳидаи рисола, махсусан, баъзе масъалаҳо ва хулосаҳои он аз ҷониби муаллиф дар бисёре аз конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидаанд.

Интишорот аз рӯйи натиҷаҳои мавзуи диссертатсия. Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд: 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар маҷмуаҳои маводи конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва 1 мақола дар хориҷи кишвар ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боби фарогири шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсияро 183 саҳифаи чопи компютерӣ ташкил медиҳад.

БОБИ I. ҶОЙГОҲИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1.1. Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид ва роҳҳои татбиқи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар солҳои 2003–2025 омилҳои табиӣ ва техногенӣ мушкилоти иқлимиро ҳам барои давлату минтақаҳои алоҳида ва ҳам барои тамоми башарият шиддат бахшиданд. Паёмадҳои ин тағйирот дар зиндагии ҳаррӯзаи одамон ва рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо зоҳир мешаванд. Чунин вазъ аз афрод ва ниҳодҳо иродаи муштаракро талаб мекунад, то барои рафъи мушкилоти муосир ва идомаи рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ чораҳои мувофиқ андешида шаванд.

Дар шароити кунунӣ зарурати ҳамгироӣ ва ҳамкории ҷомеаи ҷаҳонӣ беш аз пеш эҳсос мешавад. Омӯзиши ҳадафҳои рушд барои муайян намудани вазифаҳои амалӣ аҳаммият дорад. Аз ин рӯ, таҳлили онҳо дар доираҳои илмӣ ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ муҳим аст. Гузариш аз муқаррароти барномавӣ ба амалияи дипломатӣ ва иҷрои барномаҳо шарти асосии расидан ба ҳадафҳои рушди устувор мебошад.

Шарҳи мафҳуми «рушди устувор», пеш аз ҳама, муайян намудани маънои «рушд»-ро аз дидгоҳи луғавӣ ва фалсафӣ талаб мекунад. Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ «рушд» ба маънои «нумуъ, сабзиш, болидагӣ. тараққӣ, инкишоф» [75, с.175] омадааст. Дар луғатномаи русӣ ин мафҳум тағйироти бебозгашти ашёи моддию маънавӣ, гузариш аз як ҳолати сифатӣ ба ҳолати дигар ва аз содда ба мураккабро ифода мекунад [53]. Дар луғати тафсирии С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова мафҳуми «рушд» («развитие») ҳамчун «раванде муайян карда мешавад, ки дар натиҷаи он чизе ва ё шароите аз ҳолати содда ба ҳолати мураккаб, аз поин ба боло мегузарад» [71]. Ин фаҳмиш ҷанбаи

диалектикии рушдро инъикос намуда, навшавӣ ва дигаргуншавии пайдарпайи ашёву равандҳоро таъкид мекунад.

Дар Луғатномаи энсиклопедии фалсафӣ, ки зери таҳрири Л.Ф. Иличёв ва дигарон омода шудааст, «рушд» ҳамчун «раванде бо хусусияти баргаштнашаванда, иваз нашудани низомҳои арзишҳои моддӣ ва маънавӣ» [76, с. 561] таъриф ёфтааст. Ҳангоми таҳлили ин мафҳум, бояд байни худи тағйирот ва самти он фарқ гузошт. Тағйирот метавонад ҳам ба пешрафт, яъне гузариш ба ҳолати мураккабтару такомулёфта, ва ҳам ба пасравӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, ҳар гуна дигаргуншавиро пешрафти мусбат шуморидан дуруст нест. Чунин тафовут барои омӯзиши рушди устувор аҳаммияти равишшиносӣ дорад: арзёбии рушд бояд ҳам самти тағйирот ва ҳам қобилияти низомро барои нигоҳ доштани натиҷаҳои мусбат дар даврai дарозмуддат фаро гирад. Тавсифи луғавии тоҷикӣ бошад, бештар ҷанбаи сабзиш ва такомулро дар бар мегирад.

Аз дидгоҳи иқтисодӣ, мафҳуми «рушд» дар «Луғати бузурги иқтисодӣ» ҳамчун «иваз ва дигаргунии мутлақ ва нисбии нишондиҳандаҳое, ки ҳолати иқтисодиёти кишварро дар даврai дарозмӯҳлат тавсиф мекунанд» [54, с.826] муайян шудааст. Ин таъриф бисёртар ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва муқоисаи онҳо дар фосилаҳои замонӣ равона шудааст. Нишондиҳандаҳои мутлақ ҳаҷми тағйиротро ифода менамоянд, дар ҳоле ки нишондиҳандаҳои нисбӣ суръат ва таносуби онро нишон медиҳанд. Бо вуҷуди ин, барои арзёбии рушди устувор танҳо афзоиши рақамӣ кофӣ нест. Сифати зиндагии инсон, адолати иҷтимоӣ ва вазъи муҳити зист низ бояд дар баробари натиҷаҳои иқтисодӣ ба назар гирифта шаванд.

Б.В. Салихов ва А.В. Семенов таъкид мекунанд, ки «рушд, аз нигоҳи фалсафӣ, устувории ҳолати мавҷуда дар ояндаи вақт бо мустаҳкам будани асосҳои муаяни таъминкунандаи рушди устувор

мебошад» [127]. Дар ин маъно, мафҳуми рушд ҳамзамон ҳам ба шарти устуворӣ, ҳам ба шарти ҳаракат ва дигаргунӣ вобаста аст [127]. Аз ҷониби дигар, муаллифон ҳамчунин хотирнишон мекунанд, ки рушд метавонад «ҳам аз поён ба боло, ҳам аз боло ба поён» бошад, яъне ин мафҳум мазмуни пешрафт ва коҳишро низ дар бар мегирад. Ин нуқтаи назари диалектикӣ барои дарки амиқтари рушди устувор ва фарқ кардани он аз рушди ғайриустувор аҳаммияти назаррас дорад.

Мафҳуми рушд дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ бо якчанд унсури асосӣ вобаста аст: а) субъекти рушд, яъне касе ё чизест, ки падидаи рушд ба он вобаста аст ва дар нисбати он баҳо дода мешавад; б) объекти рушд, яъне самти муайяни фазоӣ-замонии муҳите, ки дигаргун мешавад ва ин дигаргунӣ ҳамчун ҳолати рушд эътироф мегардад; в) шартҳо, яъне омилҳои беруние, ки ба ҷараёни рушд таъсир мерасонанд ва ҳолатро аз нуқтаи «А» (ҳолати вазъият ва низоми ҷамъиятӣ) ба нуқтаи «В» (ҳолати тағйирёфтаи инкишоф, ки онро ҳолати рушд мегӯянд), интиқол мекунанд; г) омилҳо, яъне омилҳои дарунӣ, ки рушдро бевосита ба амал меоваранд; ва д) ҳадафи рушд, яъне самти муайяне, ки рушд бояд ба он нигаронида шавад. Ин чаҳорчӯбаи ягонаи таҳлил барои омӯзиши рушд зарур аст. Бе истифода аз ин чаҳорчӯба, баҳсҳо дар боби рушди устувор хусусияти назариявии маъмулӣ мегиранд.

Дар маҷмуъ, ҷамъбасти шарҳу тафсири луғавию истилоҳии мафҳуми «рушд» нишон медиҳад, ки он дорои мазмунҳои гуногун аст. Рушд дар маънои умумитарин гузариши низоми махсуси муносибатҳо, ҳолати низоми ҷамъиятӣ аз ҳолати кунунӣ ба ҳолати дигар, ки онро ҳолати рушд маънидод мекунанд, мебошад. Барои мафҳуми «рушди устувор», пеш аз ҳама, ба пешрафт нигаронида шудани ин гузариш ва хусусияти дарозмуддати он аҳаммияти асосӣ дорад.

Барои таҳқиқи масъала омӯзиши пайдоиш, таҳаввул ва мазмуни назариявии консепсияи рушди устувор зарур аст. Намояндагони соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла таърих, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ ва иқтисод, вобаста ба доираи корбурди он ба шарҳи ин мафҳум рӯ овардаанд, вале дар бораи муҳтавои он назари ягона надоранд. Масалан, Н.Н. Моисеев рушди устуворро бо стратегияи рушди инсоният ва гузариши тадриҷӣ ба марҳилаи ноосфера мепайвандад, ки дар он муносибати инсон, ҷомеа ва табиат ҳамоҳанг мегардад. Дар фаҳмиши ӯ, коэволютсия чунин шакли ҳамзистии ҷомеа ва табиатро ифода мекунад, ки рушди онҳо дар асоси вобастагӣ ва таъсири мутақобилаи мутавозин сурат мегирад [107]. Аз ин нигоҳ, мафҳуми «ҳамтакомулёбии ҷомеа» ба рушди ҳамзамон ва баҳамвобастаи ҷомеаи инсонӣ ва муҳити табиӣ ишора дорад. Пешрафтҳои иқтисодӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ бояд бо нигоҳдории мувозинати экологӣ мувофиқ бошад ва ба ҳамоҳангии манфиатҳои инсон бо имкониятҳои табиат мусоидат намояд. Бинобар ин, истифодаи захираҳои табиӣ ҷомеаро аз масъулияти ҳифз, барқарорсозӣ ва нигоҳдории муҳити зист озод намекунад.

Донишманди шуравӣ А.Д. Урсул рушди устуворро ҳамчун раванди рушди идорашавандаи ҷомеа маънидод менамояд, ки дар ҷараёни он асосҳои табиии ҳаёт вайрон нагардида, шароити зарурӣ барои бақо, амният ва рушди муттасили тамаддуни инсонӣ таъмин карда мешавад [129].

Тафовути таърифҳои «рушди устувор» ба фарогирии худи мафҳум вобаста аст: он равандҳои экологӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар ҷанбаҳои рушди ҷомеаро муттаҳид месозад. Шиддати мушкилот ва афзалиятҳои минтақаҳо низ яксон нестанд. Ҳадафи таҳқиқот ва соҳаи илмии муҳаққиқон ба он таъсир мерасонанд, ки кадом ҷанбаи рушди устувор дар таъриф бештар таъкид карда шавад.

Аён аст, ки рушди устувори инсоният на танҳо ҳамчун ҳадафи ниҳоӣ, балки ҳамчун раванди муттасили тағйирот арзёбӣ мегардад, ки дар он қонеъсозии ниёзҳои имрӯза бояд бо манфиат ва имкониятҳои наслҳои оянда мутобиқат дошта бошад. Аз ин рӯ, консепсияи «рушди устувор» ба таъмини тавозун миёни фаъолияти инсон, ҳифзи муҳити зист, рушди иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ асос меёбад.

Нашри гузориши Комиссияи байналмилалии муҳити зист ва рушди СММ ба густариши истилоҳи «рушди устувор» (sustainable development) дар муомилоти байналмилалии сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва амалӣ мусоидат намуд [173]. Ин ниҳод ба ифтихори раиси он Гру Ҳарлем Брундтланд ҳамчун «Комиссияи Брундтланд» шинохта мешавад. Гузориши соли 1987 таҳти унвони «Ояндаи умумии мо» («Our Common Future») таърифи зеринро пешниҳод кард: «Рушде, ки ниёзҳои насли ҳозираро бе зарар расонидан ба қобилияти насли оянда барои қонеъ намудани ниёзҳои худ таъмин мекунад» [173, с. 43].

Мувофиқи арзёбии донишманди рус Е.И. Левина, таърифи мазкур то имрӯз дар аксари доираҳои илмии ҷаҳон машҳур буда, асоси шарҳи консепсияи рушди устувор қарор гирифтааст. Мазмуни он бар робитаи ду мафҳум устувор аст. Яке «ниёзҳо», махсусан эҳтиёҷоти ҳаётан муҳимми аҳолии камбизоат мебошад, ки қонеъ гардидани онҳо барои рушди ҷомеа аҳаммияти асосӣ дорад. Дигар «маҳдудиятҳо» аст: сатҳи технология, тарзи ташкили иҷтимоӣ ва имкониятҳои муҳити зист ҳудуди қобилияти табиатро дар таъмини эҳтиёҷоти наслҳои имрӯзаю оянда муайян мекунанд. Пас, консепсияи мазкур мувофиқ сохтани талаботи иҷтимоии инсонро бо иқтидори воқеии муҳити табиӣ дар назар дорад [105].

Заминаҳои консепсияи «рушди устувор» дар ибтидои солҳои 1970-ум шакл гирифтанд. Ба таъкиди Е.И. Левина, дар он давра «масъалаи маҳдуд будани захираҳои табиӣ ва ифлосшавии муҳити зист, ки ҳамчун

асоси ҳаёт, рушди иқтисодӣ ва фаъолияти инсоният хидмат мекунад, ба яке аз мавзуъҳои меҳварии таҳқиқоти илмӣ мубаддал гардид» [105]. Таъсиси «Клуби Римӣ» дар соли 1968 ва нашри гузориши Д. Медоуз, Й. Рандерс ва В. Беренс дар соли 1972 таҳти унвони «Ҳудуди рушд» (рус. «Пределы роста», англ. «The Limits to Growth») аз рӯйдодҳои муҳимми ин раванд буданд [67].

Дар ин гузориш, бо истифода аз таҷрибаҳои рушди ҷаҳонӣ, панҷ раванди бунёдӣ: афзоиши аҳолӣ, маҳдудияти истеҳсоли маводди ғизоӣ, рушди босуръати саноат, ва камшавии захираҳои барқарорнашаванда мавриди таҳлил қарор гирифта, хулоса бароварда шуд, ки инсоният дорои имконияти тағйир додани тамоюлҳои мавҷудаи рушд ва гузариш ба тарҳи рушди устувор дар дурнамои дарозмуддат мебошад.

Иштироки фаъолонаи ҷомеаи байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти экологӣ бо Конфронси СММ оид ба муҳити зисти инсон дар Стокҳолм дар соли 1972 густариш ёфт. Яке аз натиҷаҳои конфронси мазкур таъсиси Барномаи СММ оид ба муҳити зист – ЮНЕП буд, ки минбаъд дар ҳифзи муҳити зист ва ҳамоҳангсозии сиёсати экологӣ корҳои назаррасро анҷом дод. Қабули «Стратегияи ҷаҳонии ҳифзи табиат» дар соли 1980 идомаи ин раванд гардид. Дар ин санад мафҳуми «рушди устувор» бори нахуст дар сатҳи расмии байналмилалӣ истифода шуд. Нашри дуюми стратегия бо номи «Ғамхорӣ дар бораи сайёраи Замин: Стратегияи зиндагии устувор» моҳи октябри соли 1991 ба табъ расид. Он мувофиқати рушди ҷомеаро ба имкониятҳои табиат зарур дониста, ҳифзи табиати зинда ва нигоҳдории сохтор, вазифаю гуногунрангии низомҳои табиии Заминро заминаи рушди инсоният арзёбӣ намуд [169].

Баргузории Конфронси СММ оид ба муҳити зист ва рушд дар Рио-де-Жанейро дар соли 1992 марҳилаи муҳимми ташаккули низоми байналмилалии рушди устувор гардид. Ин ҳамоиш бо номи «Саммити Замин» маъруф аст [2]. Дар он «Барномаи 21», «Эъломияи Рио оид ба

муҳити зист ва рушд», Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим ва Конвенсия оид ба гуногунрангии биологӣ қабул шуданд. Ба назари Е.И. Левина, аҳаммияти конфронс дар он буд, ки ҷомеаи байналмилалӣ нахустин санади мукаммали барномавию амалиро барои татбиқи консепсияи рушди устувор қабул намуд.

Раванди мазкур бо Конфронси ҷаҳонӣ оид ба рушди устувор дар Йоҳаннесбурги Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ дар соли 2002 идома ёфт. Дар ин ҳамоиш, ки бо номи «Рио+10» шинохта мешавад, беш аз 100 роҳбари кишварҳо иштирок карда, «Эъломияи Йоҳаннесбург оид ба рушди устувор»-ро қабул намуданд [5]. Инчунин «Қабули «Барномаи рушди устувор то соли 2030» дар соли 2015 ба ин таҳаввули бисёрсола марҳилаи нав бахшид» [16]. Дар доираи барнома Ҳадафҳои рушди устувор ҳамчун самти умумии рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии давлатҳои ҷаҳон пазируфта шуданд.

А.С. Плохотнюк хотирнишон мекунад, ки: «Гузариш ба рушди устувор ҳамчун татбиқи стратегияи ҷаҳонии ҳалли зиддияти асосии иҷтимоию табиӣ байни афзояндагони ниёзҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва имконнопазирии табиат барои таъмини ин ниёзҳо дида мешавад» [120]. Ин равандро муаллиф «шакли нави рушд» меномад, ки хусусиятҳои зеринро дар бар мегирад: идоракунии ҷаҳонӣ, низомиву тавозунёфтагии иҷтимоию табиӣ, нигоҳдории муҳити табиат ва таъмини зиндагии дарозмуддати башарият.

Дар адабиёти илмӣ се ҷанбаи асосии рушди устувор – иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ – ҷудо карда мешаванд [104]. Косолапов О.В. ва Стровский В.Е. дар мақолаи «Тарҳи рушди устувор: шароити татбиқи он» робитаи онҳоро чунин шарҳ медиҳанд: «Тарҳи рушди устувор татбиқи се ҳадафро пешбинӣ менамояд: таъмини адолати иҷтимоӣ,

самаранокии иқтисодӣ ва императиви экологӣ[1], ки дар маҷмуъ ба таъсири системавию синергетикӣ меоварад» [104]. Мувофиқ сохтани ин ҳадафҳо кори осон нест, зеро миёни талаботи онҳо зиддият ба вуҷуд меояд. Масалан, тавсеаи истеҳсолот метавонад истифодаи бештари захираҳои табииро тақозо кунад, дар ҳоле ки ҳифзи муҳити зист маҳдуд намудани ҳамин истифодаро талаб менамояд.

А.С. Плохотнюк таъкид менамояд, ки консепсияи рушди устувор аз назари иқтисодӣ ба назарияи даромад, ки аз ҷониби Ҷ. Ҳикс пешниҳод шудааст, такя менамояд [120]. Мувофиқи ин назария, «даромади воқеӣ» ҳаҷми неъматҳо ва хидматрасониҳоест, ки инсон метавонад дар давоми як давраи муайян истеъмол намояд ва ҳамзамон, сатҳи сармоя ва имкониятҳои мавҷударо бетағйир нигоҳ дорад. Ба ибораи дигар, истеъмол набояд боиси коҳиши асосҳои моддиву захиравии рушди минбаъда гардад.

Аз нигоҳи консепсияи рушди устувор, афзоиши иқтисодӣ бояд ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва афзудани сарвати иҷтимоӣ мусоидат кунад. Устувории он, ҳамзамон, аз нигоҳдории захираҳои табиӣ, иқтидори биосфера ва мувозинати экологӣ вобаста аст. Бинобар ин, арзёбии рушд бо афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодӣ маҳдуд намегардад: ҳифзи заминаҳои экологӣ ва захираҳои стратегӣ барои наслҳои оянда низ қисми мазмуни он мебошад.

Аз назари умуми иҷтимоӣ, консепсияи рушди устувор инсонро ҳамчун субъекти меҳварӣ ва омили асосии рушд арзёбӣ менамояд. Тавре ки А.С. Плохотнюк таъкид мекунад, «Инсон дар раванди татбиқи сиёсати рушд на ҳамчун объекти таъсир, балки ҳамчун иштирокдори фаъоли қабули қарорҳо ва ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ баромад

[1] Мафҳуми «императиви экологӣ» маҷмӯи талабот, меъёр ва маҳдудиятҳои ҳатмии муносибати инсон бо табиатро ифода менамояд, ки риояи онҳо барои нигоҳдории мувозинати экологӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини бақои инсоният зарур мебошад. Ба ибораи дигар, императиви экологӣ чунин принсипи бунёдӣ аст, ки фаъолияти иқтисодӣ, сиёсӣ, технологӣ ва иҷтимоии ҷомеа бояд мутобиқ ба имконият ва қонуниятҳои табиат амалӣ гардад ва боиси вайроншавии муҳити зист нашавад.

менамояд. Аз ҳамин лиҳоз, ҷузъи иҷтимоии рушди устувор зарурати иштироки васеъ ва фарогири ҷомеаро дар таҳия ва татбиқи стратегияҳои рушд тақозо мекунад» [120].

Маҳз аз ин дидгоҳ, масъалаи ҳуқуқ ва манфиатҳои наслҳои оянда дар консепсияи рушди устувор ҷойгоҳи муҳим пайдо мекунад. Мафҳуми «ҳуқуқи наслҳои оянда» эътироф менамояд, ки наслҳои ҳанӯз таваллуднашуда низ бояд аз захираҳои табиӣ, муҳити солим ва имкониятҳои баробари рушд баҳра баранд. Ин фаҳмиш истифодаи захираҳои имрӯзаро бо масъулият дар назди манфиатҳои дарозмуддати инсоният мепайвандад.

Вобаста ба масъалаҳои мазкур Е.И. Левина таъкид менамояд, ки захираҳои табиии Замин мероси умумии тамоми башарият, аз ҷумла наслҳои имрӯзаву оянда мебошанд [105]. Аз ин рӯ, барои рушди устувор зарур аст, то захираҳои табиии сайёра бо камтарин хисорот ва ифлосшавӣ ба наслҳои оянда интиқол ёбад. Ин вазифа масъулияти ҷомеаи имрӯзаро дар назди ояндаи инсоният нишон медиҳад.

Аз назари экологӣ, рушди устувор бояд ҳифзи устуворӣ, мувозинат ва тамомияти низомҳои биологию физикии табиатро таъмин намояд. Дар ин замина, тавре ки Е.И. Левина таъкид мекунад, аҳаммияти махсус ба нигоҳдории экосистемаҳои маҳаллӣ дода мешавад, зеро устувории биосфераи ҷаҳонӣ маҳз аз ҳолати онҳо вобастагӣ дорад [105]. Ба андешаи ӯ, таваҷҷуҳи асосӣ на ба нигоҳ доштани табиат дар ҳолати тағйирнопазир ва «мукаммал», балки ба ҳифзи қобилияти мутобиқшавӣ, худтанзимкунӣ ва барқароршавии низомҳои экологӣ равона карда мешавад.

Аз ин назар, рушди устувор маънои нигоҳдории иқтидори табиатро барои таҷдид ва идомаи фаъолияти ҳаётӣ дорад. Аммо таназзули захираҳои табиӣ, афзоиши ифлосшавии муҳити зист ва коҳиш ёфтани гуногунрангии биологӣ қобилияти худбарқароршавии

системаҳои экологиро маҳдуд намуда, дар ниҳоят ба субот ва амнияти рушди ҷомеаи инсонӣ таҳдид менамояд. Бинобар ин, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ҳамчун шарти бунёдии рушди устувор арзёбӣ мегардад.

Баррасии ин заминаҳои назариявӣ имкон медиҳад, ки ба мазмуни таърихию сиёсии «ҲРУ-и СММ» рӯ оварда шавад. «Маҷмаи Умумии СММ 25 сентябри соли 2015 бо Қатъномаи A/RES/70/1 санади «Тағйир додани ҷаҳони мо: Барномаи рушди устувор то соли 2030»-ро қабул намуд» [23]. Он 17 Ҳадафи рушди устувор ва 169 вазифаи мақсаднокро фаро мегирад. Барои арзёбӣ ва пайгирии иҷрои онҳо низоми назоратии иборат аз 232 нишондиҳанда пешбинӣ гардидааст.

Талаботи «Ҳеҷ кас набояд аз раванди рушд дар канор монад» заминаи асосии Барномаи рушди устувор то соли 2030 мебошад [16]. Мувофиқи он, имкониятҳои рушд бояд ҳамаи гурӯҳҳои аҳолиро, сарфи назар аз вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ҷинс, мансубияти миллӣ ё ҷойи зист, фаро гиранд. Аз ин ҷиҳат, талаботи мазкур хусусияти инсондӯстона ва фарогири барномаро ифода карда, иштироки баробари давлатҳо ва ҷомеаҳоро дар амалисозии ҳадафҳо зарур мешуморад.

Вобаста ба ин, Барномаи 2030 нисбат ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола (2000–2015) хусусияти фарогиртар ва умумӣ дорад. Агар Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, асосан, ба ҳалли мушкилоти давлатҳои рӯ ба рушд равона гардида бошад, пас ҲРУ-и СММ ҳамчун низоми умумии уҳдадориҳои байналмилалӣ барои ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла давлатҳои пешрафта ва саноатӣ, нигаронида шудаанд. Бо ҳамин, консепсияи рушди устувор ба марҳилаи нави ниҳодӣ ворид гардида, ба яке аз самтҳои калидии сиёсати ҷаҳонӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ табдил ёфт.

Аз нигоҳи назариявӣ, ҲРУ ба пайвастагии сохтории се ҷанбаи рушд: иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ асос меёбанд. Дар адабиёти илмӣ ин робитаи мутақобила бо истилоҳи «nexus» (робита) ифода мешавад. Яъне, ҳеҷ яке аз ин се ҷанба бе дарназардошти ду ҷанбаи дигар самаранок татбиқ шуда наметавонад. Ба назари Ҷ. Сачс, ин низоми ҳамгироёна «пайвастагии мутақобили байни фақр, беморӣ ва тағйирёбӣ ва ифлосшавии муҳити зист»-ро ошкор мекунад ва барои ҳалли мушкилоти рушди устувор равиши ҳаматарафа (синергетикӣ)-ро зарур медонад [170]. Масалан, ҳадафи об (ҲРУ-6) бевосита бо ҳадафҳои тандурустӣ (ҲРУ-3), коҳиши камбизоатӣ (ҲРУ-1) ва амнияти озуқаворӣ (ҲРУ-2) алоқаи мустақим дорад.

Ҳадафҳои рушди устувор аз ҲРУ-1 то ҲРУ-17 рақамгузорӣ шудаанд ва аз рӯйи мазмун онҳоро шартан ба чор гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. ҲРУ-1–ҲРУ-6 эҳтиёҷоти асосии инсон ва коҳиши нобаробарии иҷтимоию иқтисодиро фаро мегиранд. Ба ин гурӯҳ коҳиши камбизоатию гуруснагӣ, таъмини тандурустӣ ва таҳсилоти босифат, баробарии гендерӣ ва дастрасӣ ба оби тозаю беҳдошт дохил мешаванд. Гурӯҳи ҲРУ-7–ҲРУ-12 ба заминаҳои рушди фарогир ва устувори иқтисодӣ бахшида шудааст. Энергияи дастрасу тоза, шуғли арзанда, саноат, инфрасохтору инноватсия, коҳиши нобаробарӣ, устувории шаҳру маҳалҳои аҳолинишин ва истифодаи оқилонаи захираҳо мазмуни ин гурӯҳро ташкил медиҳанд. ҲРУ-13–ҲРУ-15 масъалаҳои экологӣ, аз ҷумла, муқовимат ба тағйирёбии иқлим, ҳифзи уқёнусҳо, экосистемаҳои баҳрию хушкӣ ва гуногунии биологиро дар бар мегиранд. Ниҳоят, ҲРУ-16 ва ҲРУ-17 ба шароити сиёсӣ, ниҳодӣ ва байналмилалии татбиқи ҳадафҳо дахл доранд. Онҳо таъмини сулҳу адолат, фаъолияти самараноки ниҳодҳо ва таҳкими шарикии ҷаҳониро пешбинӣ менамоянд.

Принсипҳои асосии консепсияи ҲРУ барои татбиқи ҲРУ-и СММ дар Тоҷикистон аҳаммияти калон доранд. Аввал, «башарият дар ҳақиқат қодир аст ба рушд хусусияти устуворӣ ва дарозмӯҳлатро диҳад». Дувум, «маҳдудиятҳои мавҷуд дар соҳаи истифодаи захираҳои табиӣ нисбӣ мебошанд ва бо сатҳи имрӯзаи технология ва ташкили иҷтимоӣ алоқаманданд». Сеюм, «зарур аст, ки эҳтиёҷоти ибтидоии тамоми одамон қонеъ карда шаванд ва ба ҳамагон имкони рӯёрӯ шудан бо умеди зиндагии беҳтар дода шавад». Чаҳорум, «зарур аст, ки образи зиндагии онҳое, ки захираҳои зиёд доранд, бо имкониятҳои экологии сайёра мутобиқ карда шавад». Панҷум, «ҳаҷм ва суръати афзоиши аҳолӣ бояд бо иқтидори тағйирёбандаи экологии ҷаҳонии Замин мувофиқ оварда шавад» [146].

Н.Н. Яшалова пайдоиши консепсияи рушди устуворро ба раванди экологӣ гардидани дониши илмӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ пайванд медиҳад, ки дар солҳои 1970-ум оғоз ёфта буд [132]. Дар ду даҳсолаи охир доираи ин консепсия густариш ёфта, аз ғояи маҳдуди экологию иҷтимоӣ ба парадигмаи фарогири муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфт. Имрӯз он масъалаҳои иқтисод, ҳуқуқ, фарҳанг, технология ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Т.В. Алферова ва Е.А. Третякова низ бар асоси таҳлили мафҳум ва муқоисаи таърифҳои он рушди устуворро маҷмуи тағйироти мусбат ва технологияҳои амалисозии онҳо медонанд. Ҳадафи чунин равандҳо ҳамоҳанг намудани соҳаҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, қонеъ сохтани эҳтиёҷоти ҷомеа ва таъмини фаъолияти пойдори низоми иҷтимоию иқтисодӣ дар дурнамои дарозмуддат мебошад [90, с. 46–52].

Дар таҳқиқоти ватанӣ ҲРУ-и СММ ҳамчун маҷмуи афзалиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва ниҳодӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Баррасии адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки муҳаққиқони тоҷик ин масъаларо дар доираи иқтисод, таърихи муносибатҳои

байналмилалӣ, идоракунии давлатӣ, экология, энергетика, рушди минтақавӣ ва дипломатияи об меомӯзанд. Аммо бахши асосии ин корҳо ба ҷанбаҳои ҷудогонаи рушди устувор бахшида шудааст. Таҳлили ҳамбастаи ҳамаи ҳабдаҳ ҳадаф аз мавқеи байнисоҳавӣ ҳанӯз ба омӯзиши бештар ниёз дорад.

Таҳқиқоти нахустин ва нисбатан фарогир дар ин самт мақолаи Л.Ҳ. Саидмуродов «Ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди устувори минтақаҳои кишвар» мебошад. Дар он афзалиятҳои стратегии кишвар, дар робита бо талаботи рушди устувор, баррасӣ шудаанд. «Ба андешаи муаллиф, татбиқи ҳадафҳои миллӣ аз амнияти энергетикию озуқаворӣ, истифодаи самараноки захираҳо, рушди инфрасохтор ва коҳиши нобаробарии минтақаҳо вобаста аст» [123, с. 149–156]. Арзиши ин равиш дар он инъикос меёбад, ки рушди устуворро дар доираи масъалаҳои экологӣ маҳдуд накарда, онро ҳамчун самти маҷмуии сиёсати давлатӣ ва танзими рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо шарҳ медиҳад.

Ҷанбаи экологӣ ва минтақавии ҲРУ-и СММ дар таҳқиқоти Р.Р. Қудратов мавқеи махсус дорад. Муаллиф дар мақолаи «Ҳифзи экосистемаҳо тавассути ҳамгироии ҳадафҳои рушди устувори минтақа» зарурати мутобиқи ҳадафҳои ҷаҳониро ба хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табиии минтақаҳо асоснок менамояд. Ба андешаи ӯ, ҳифзи экосистемаҳо, таъмини амнияти озуқаворӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бояд ҳамчун унсурҳои ба ҳам алоқаманди сиёсати минтақавӣ баррасӣ шаванд [100, с. 53–57]. Чунин муносибат нишон медиҳад, ки самаранокии ҲРУ танҳо аз қабули барномаҳои давлатӣ вобаста набуда, ба мавҷудияти механизмҳои мушаххаси татбиқи онҳо дар сатҳи маҳаллӣ низ алоқаманд мебошад.

Истифодаи энергетикаи обӣ барои расидан ба рушди устувор низ дар доираҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор

гирифтааст. Р.Н. Рауфов, Л.С. Кулматова ва Н. Азизов дар таҳқиқи имкониятҳои гидроэнергетикии кишвар ба чунин хулоса расидаанд, ки «ин соҳа метавонад ба истиқлолияти энергетикӣ ва рушди иқтисодӣ мусоидат карда, таъсири манфиро ба муҳити зист коҳиш диҳад» [121, с. 31-36]. Масъалаҳои таҳқиқшуда бо ҲРУ-7 – «Энергияи дастрас ва тоза» ва ҲРУ-13 – «Мубориза бо тағйирёбии иқлим» алоқаманданд. Дар таҳқиқоти Қ. Хушвахтзода низ рушди энергетикаи сабз ҳамчун имконияти коҳиши партовҳои газҳои гулхонаӣ ва мусоидат ба гузариши тадриҷии Тоҷикистон ба иқтисоди камкарбон арзёбӣ мегардад [166, с. 1-12].

Самти дигари омӯзиши масъала ба ташаккули механизмҳои молиявии татбиқи ҲРУ вобаста аст. М.Б. Набӣ ва Ш. Икромӣ дар таҳқиқоти худ маблағгузории сабзро ҳамчун воситаи дастгирии соҳибкорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти Тоҷикистон арзёбӣ мекунанд. Муаллифони мазкур зарурати ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодии маблағгузории лоиҳаҳои экологӣ, ҷалби сармоя ба технологияҳои каммасраф ва дастгирии фаъолияти соҳибкории ба муҳити зист мутобиқро асоснок намудаанд [108, с. 77–84]. Аз ин назар, маблағгузории сабз метавонад робитаи байни сиёсати иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва масъулияти иҷтимоии бахши хусусиро таъмин намояд.

К.Ҳ. Раҳимов зимни як мақола худ дипломатияи об ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистонро дар робита бо низоми ҲРУ таҳлил карда, иқдомҳои кишварро дар СММ ба дипломатияи об, ҳифзи пиряхҳо, дастрасӣ ба оби тоза ва густариши ҳамкории байналмилалӣ мепайвандад [122, с. 225–240]. Аз хулосаҳои ӯ метавон чунин натиҷа гирифт, ки сиёсати байналмилалии обии Тоҷикистон бо ҲРУ-6 – «Об ва беҳдошт», ҲРУ-13 – «Мубориза бо тағйирёбии иқлим» ва ҲРУ-17 – «Шарикӣ ба хотири рушди устувор» робитаи бевосита дорад. Чунин робита имкон медиҳад, то ташаббусҳои обии кишвар аз ду ҷиҳати ба

ҳам алоқаманд – пешбурди манфиатҳои миллӣ ва саҳм дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ, арзёбӣ шаванд.

Дар таҳқиқоти муштараки Р.М. Нурмаҳмадова ва Ф.К. Шамсиев масъалаҳои назарӣ ва иқтисодии рушди устувори минтақаҳо баррасӣ шудаанд. Р.М. Нурмаҳмадова рушди устуворро натиҷаи ҳамбастагии унсурҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ниҳодӣ арзёбӣ намуда, зарурати риояи тавозунро байни онҳо таъкид мекунад [111, с. 217–222].

Дар байни таҳқиқоти мавҷуда мақолаи Қ. Хушвахтзода, К. Бобозода ва ҳаммуаллифони онҳо дорои аҳаммияти махсус мебошад. Дар ин таҳқиқот тағйирёбии 81 нишондиҳандаи ҲРУ дар Тоҷикистон дар фосилаи солҳои 2001–2025 бо истифода аз усулҳои миқдорӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Муаллифони мазкур ҳамбастагӣ, ҳамтаъсирӣ ва ҳолатҳои мухолифати байни ҳадафҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва идоракуниро муайян намудаанд [165, с. 1-21]. Ин таҳқиқот аз гузариши омӯзиши ҲРУ дар Тоҷикистон аз таҳлилҳои умумии назариявӣ ба арзёбии таҷрибавӣ ва нишондиҳандавӣ шаҳодат медиҳад.

Баррасии адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки доираи васеи таваҷҷуҳи муҳаққиқони тоҷикро ба Ҳадафҳои рушди устувор таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардаанд. Интаҳқиқот масъалаҳои рушди минтақавӣ, энергетикаи сабз, маблағгузории экологӣ, дипломатияи об, ҳифзи экосистемаҳо ва сиёсати инноватсиониро фаро мегиранд. Дар айни замон, омӯзиши ҳамоҳангсозии байниидоравии иҷрои ҲРУ, мутобиқ намудани нишондиҳандаҳои ҷаҳонӣ ба шароити миллӣ ва нақши ниҳодҳои сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ такмилро талаб мекунад. Ҳамчунин, таъсири ташаббусҳои байналмилалии кишвар ба иҷрои ҳадафҳо ба таҳлили амиқтар ниёз дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамбастаи ҷойгоҳи Тоҷикистон дар низоми ҲРУ-и СММ, механизмҳои сиёсию

ниҳодии татбиқи онҳо ва робитаи дипломатияи об бо афзалиятҳои рушди устувор аҳаммияти назарию амалӣ дорад.

Дар раванди татбиқи ҲРУ-и СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чаҳорчӯбаи меъёрии ҳуқуқӣ аҳаммияти асосӣ дорад. Татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба заминаи мустаҳками ҳуқуқию ниҳодӣ такя мекунад. Пеш аз ҳама, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [36], принсипҳои асосии мутобиқ ба ҲРУ-ро дарбар мегирад. Мувофиқи моддаи 44-и Конститутсия, ҳар шаҳрванди ҷумҳурӣ вазифадор аст, ки дар нигоҳдории табиат ва захираҳои табиӣ ширкат намояд. Ин меъёри конститутсионӣ заминаи меъёрии олиро барои татбиқи ҲРУ-и экологӣ, бахусус ҲРУ-13, ҲРУ-14 ва ҲРУ-15 дар сатҳи миллӣ ба вуҷуд меорад.

«Заминаи асосии стратегии татбиқи ҲРУ дар Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мебошад. Ин санад соли 2016, пас аз қабули Барномаи 2030 аз ҷониби СММ, тасдиқ гардид ва чор ҳадафи стратегии кишварро муайян намуд. Онҳо таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ёфтан ба кишвари транзитӣ, амнияти озуқаворӣ ва дастрасӣ ба ғизои хушсифат, ҳамчунин вусъат додани шуғли пурмаҳсулро фаро мегиранд» [38]. Байни афзалиятҳои миллӣ ва ҳадафҳои ҷаҳонӣ робитаи бевосита вуҷуд дорад: ҳадафи якум ба ҲРУ-7, дуюм ба ҲРУ-9 ва сеюм ба ҲРУ-2 мувофиқ меоянд. Ҳадафи чорум, пеш аз ҳама, бо ҲРУ-8 ва ҳамзамон, бо коҳиши камбизоатӣ дар доираи ҲРУ-1 алоқаманд аст.

«Барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020» [29] ва 2021–2025 [28] воситаи марҳилавии иҷрои ҳадафҳои дарозмуддат мебошанд. Дар онҳо барои ҳар як ҳадафи стратегии то соли 2030 натиҷаҳо ва нишондиҳандаҳои дар даврaҳои муайян бадастовардашаванда пешбинӣ шудаанд. Мутобиқ сохтани

нишондиҳандаҳо ва барномаҳо ба ҲРУ имкон медиҳад, ки пешрафт аз рӯйи афзалиятҳои миллӣ дар чаҳорчӯби уҳдадориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ амалӣ карда шавад. Пайванди стратегияи дарозмуддат бо барномаҳои миёнамуҳлат ҳамин тарзи банақшагирии дусатҳиро ташкил медиҳад, ки дар таҷрибаи давлатҳои муваффақ дар татбиқи ҲРУ истифода мешавад.

Барои ҳамоҳанг сохтани кори мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи ҲРУ соли 2018 Шурои миллии ҳамоҳангсоз оид ба рушди устувор таъсис ёфт. Ин ниҳоди сатҳи олӣ таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад. Гурӯҳҳои кории соҳавии он иҷрои самтҳои алоҳидаи ҲРУ-ро баррасӣ ва арзёбӣ намуда, робитаи байни иштирокдоронро таъмин месозанд. «Фаъолияти Шуро барои иштироки мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати миллӣ заминаи ниҳодӣ фароҳам меорад. Аз ин рӯ, он яке аз механизмҳои амалисозии принсипи фарогирии Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 ба ҳисоб меравад» [30].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи механизми байналмилалии назорати татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор якчанд Шарҳи ихтиёрии миллӣ оид ба раванди амалисозии ҲРУ-ро ба Форуми сиёсии баландсатҳи СММ пешниҳод намудааст. Шарҳи сеюми ихтиёрии миллӣ, ки соли 2023 ироа гардид [77], натиҷаҳо ва сатҳи татбиқи ҳар яке аз 17 Ҳадафи рушди устуворро фаро гирифта, пешрафтҳои бадастомада, мушкилоти мавҷуда ва тадбирҳои пешбинишударо барои давраи боқимонда то соли 2030 инъикос менамояд.

Ин гузоришҳо ҳамчун воситаи муҳимми арзёбии сиёсати давлатӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳои миллӣ бо уҳдадориҳои байналмилалӣ хидмат намуда, аз муносибати бомасъулият, шаффоф ва пайгиронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба татбиқи Барномаи рушди устувор то

соли 2030 шаҳодат медиҳанд. Ҳамзамон, пешниҳоди мунтазами чунин шарҳҳо ба таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҷалби шарикони рушд ва мутобиқсозии сиёсати миллӣ ба меъёрҳои ҷаҳонии рушди устувор мусоидат менамояд.

Хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҷуғрофӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарзи татбиқи ҲРУ мебошанд. Кишвар аз уқёнуси ҷаҳонӣ дур ҷойгир буда, тақрибан 93 дарсади қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи иқтисодӣ ба гурӯҳи кишварҳои рӯ ба инкишоф дохил мешавад. Дар баробари ин маҳдудиятҳо, захираҳои фаровони об кафили рушди кишвар мебошанд: беш аз 60 дарсади захираҳои оби тозаи Осиёи Марказӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд. Ин вазъ иқтидори бузурги гидроэнергетикии кишварро низ муайян мекунад.

Яке аз самтҳои муҳимми татбиқи ҲРУ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2003–2025 татбиқи ҳадафҳои ҷаҳонӣ ба шароити миллӣ, яъне миллигардонии онҳо буд. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Мо рушди устувори минбаъдаи кишварро дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ карда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимой талош менамоем ва ҷиҳати роҳ надодан ба осебпазирии иқтисоди миллии кишвар дар давраи дарозмуҳлат тадбирҳои алоҳидаро амалӣ карда истодаем. Вобаста ба ин, Ҳукуматро зарур аст, ки фаъолияти худро дар самтҳои зикршуда тақвият бахшида, ҳамкории мақомоти марказӣ ва маҳаллии идораи давлатӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар таъмин намояд» [38]. Барои анҷоми ин кор Ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо БМТТ ва мутахассисони вазоратҳои соҳавӣ нишондиҳандаҳои ҲРУ-ро

ба низоми миллӣ мутобиқ сохт. Дар арзёбии ибтидоии иқтидори омории ҷумҳурӣ ҳамаи 232 нишондиҳандаи ҷаҳонӣ баррасӣ шуда, аз ин шумора 30-тои онҳо ба шароити кишвар номувофиқ дониста шуданд. Дар он марҳила низоми оморӣ имкони фарогирии 87 нишондиҳандаро дошт ва маълумоти 161 нишондиҳанда дар ихтиёри мақомоти масъули ҷамъоварӣ ва мониторинг қарор дошт. Мутобиқсозии нишондиҳандаҳо ва такмили механизмҳои назорати онҳо дар Тоҷикистон ба таври марҳилавӣ идома меёбад [172, с. 3].

Тибқи арзёбии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024 аз маҷмуи 231 нишондиҳандаи ҲРУ 201 нишондиҳанда барои татбиқ дар шароити кишвар мувофиқ ва 30 нишондиҳанда номувофиқ муайян гардид. Раванди мутобиқсозии нишондиҳандаҳои ҷаҳонии ҲРУ ба низоми миллии омор тавассути ҳамкории байниидоравӣ, такмили методологияи ҷамъоварии маълумот ва рушди пойгоҳи электронии мониторинги ҲРУ идома дорад [135, с. 4, 9].

Пандемияи COVID-19 ба иҷрои Ҳадафҳои рушди устуворро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ гузошт. Коҳиши даромади хонаводаҳо ва интиқоли маблағ аз хориҷ, паҳн шудани камдаромадии муваққатӣ ва сустшавии фаъолияти чандин соҳаҳо ба нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии ҲРУ таъсири манфӣ расониданд. Тадбирҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар ин давра ба маҳдуд сохтани таъсири буҳрон ва нигоҳ доштани раванди рушди устувор равона шуданд. Б.У. Усмонов дар таҳқиқоти худ зури унвони «Таъсири пандемияи COVID-19 ба дастёбии Ҳадафҳои рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид менамояд, ки буҳрон ниёз ба таҳкими имкониятҳои дохилии иқтисодӣ ва гуногунсоҳа намудани иқтисодро равшан сохт [14]. Ба андешаи ӯ, вобастагии зиёди иқтисод аз омилҳои берунӣ осебпазирии рушди устуворро дар баробари буҳронҳои

ногаҳонӣ зиёд мекунад. Аз ин ҷиҳат, пандемия масъалаи мутобиқшавӣ ва устуворӣ ба буҳронҳо (resilience)-ро, ки яке аз принсипҳои Барномаи рушди устувор то соли 2030 аст, барои сиёсати давлатӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон муҳимтар гардонд.

Таҳлили раванди татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори СММ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки кишвар дар самти амалисозии ҲРУ-1 - «Барҳам додани камбизоатӣ» ба натиҷаҳои муайян ноил гардидааст. Тибқи арзёбии Бонки Ҷаҳонӣ, соли 1999 сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон тақрибан 81 дарсадро ташкил медод [134]. Маълумоти дар Шарҳи ихтиёрии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки ин нишондиҳанда аз 31 дарсади соли 2015 то 22,5 дарсад дар соли 2022 коҳиш ёфтааст [155, с. 28]. Тамоюли мазкур аз натиҷабахшии тадбирҳои амалигардида дар самти рушди иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва тақвияти низоми дастгирии иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, «ноил гардидан ба ҲРУ-1 то соли 2030 татбиқи пайгиронаи барномаҳои коҳиш додани камбизоатӣ, тавсеаи шуғли истеҳсолӣ, баланд бардоштани даромади аҳолӣ ва фарогирии гурӯҳҳои камбизоату осебпазир бо низоми ҳифзи иҷтимоиро тақозо менамояд» [16; 155].

Дар самти амнияти озуқаворӣ (ҲРУ-2), Тоҷикистон бо ФАО ва Барномаи ҷаҳонии ғизо ҳамкорӣ намуда, ба такмили усулҳои кишоварзӣ ва зиёд кардани ҳосилдеҳии заминҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳ дорад. Вобастагии хоҷагии қишлоқи кишвар аз боришот ва вазъи иқлимӣ ҳамчун хатари асосии амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ, бахусус тағйироти вобаста ба захираҳои об ва истифодаи онҳо, метавонад ҳосилдеҳии заминро коҳиш дода, дар дурнамои дарозмуддат ба амнияти озуқавории минтақа хатари ҷиддӣ эҷод кунад.

Дар соҳаи тандурустӣ (ҲРУ-3) дастовардҳои назаррас ба даст омадаанд. «Умри миёнаи аҳолӣ аз 63 сол дар соли 1992 ба 71 сол дар соли 2022 расидааст, фавти модарон ду маротиба коҳиш ёфтааст ва фавти кӯдакон дар зери панҷсола динамикаи мусбатро нишон медиҳад» [4]. Бо вуҷуди ин, дастрасии аҳолии деҳот ба хидматрасонии тандурустӣ, нобаробарии таъмини табибон ва таҷҳизоти тиббӣ ва таъмини сифати баланди хидматрасонии тиббӣ дар минтақаҳо аз мушкилоти боқимонда мебошанд. Илова бар ин, дастрасии аҳолии кӯҳистон ба хидматрасонии фосилавии тиббӣ низ густариш меёбад.

Дар самти маориф, ки ба ҲРУ-4 марбут аст, фарогирии умумии мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тақрибан 99 дарсад расида, хароҷоти давлатӣ ба ин соҳа дар баъзе солҳо 6 дарсади ММД-ро ташкил додааст. Бо вуҷуди пешравиҳои бадастомада, як чандин масъала ҳамоно ҳалношуда боқӣ мемонад. Аз ҷумла, баланд бардоштани сифати таҳсилот, мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнат ва фароҳам овардани имкониятҳои таҳсил барои кӯдакони гурӯҳҳои осебпазир аз зумраи ин мушкилиҳост. Ҷанбаҳои гендерӣ, хусусан идомаи таҳсили духтарон дар маҳалҳои дурдаст, низ дар ҳамин доира қарор доштанд. Талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рафъи ин мушкилот равона гардида, ба бартараф намудани онҳо мусоидат намуданд.

ҲРУ-6 дастрасии ҳамагонро ба оби нӯшокии тоза ва бехатар пешбинӣ менамояд. Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷрои ин ҳадаф бо ҳамбастагии захираҳои бузурги об ва эҳтиёҷоти таъминоти аҳолӣ муайян мешавад. Ҳамин гуна ки дар саҳифаҳои қабли гуфтем, дар кишвар 60 дарсади захираҳои оби тозаи Осиёи Марказӣ ташаккул меёбанд [168] ва дастрасии сокинони деҳот ба оби бехатари нӯшокӣ тадриҷан беҳтар мегардад. Дар шаҳрҳои сернуфуз сатҳи дастрасӣ ба оби лӯлакашӣ баланд аст, вале дар деҳот аз чашмаҳо, ҷӯйборҳо ва

чоҳҳо низ истифода мебаранд. Истифодаи чунин манбаъҳо зарурати назорати сифати об ва таъмини бехатарии онро ба миён мегузорад.

Ҷойгоҳи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои об дар ташаббусҳои он ифода меёбад. «Эълони Соли байналмилалии оби тоза дар соли 2003» [122], «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» барои солҳои 2005–2015» [12] ва баргузории Конфронси СММ оид ба об дар соли 2023 аз ҷумлаи ин иқдомҳоянд. «Пешбурди онҳо имкониятҳои дипломатии кишварро барои мусоидат ба иҷрои ҲРУ-6 дар сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ нишон медиҳад. Тоҷикистон ҳамчунин қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ-ро оид ба эълони соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо пешниҳод намуд» [7]. Аҳаммияти ин ташаббус ба он вобаста аст, ки пиряхҳои кишвар яке аз захираҳои асосии оби тозаи тамоми минтақа мебошанд.

Иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистон, ки тахминан 527 млрд кВт соат дар солро ташкил медиҳад, яке аз бузургтаринҳо дар ҷаҳон аст, аммо аз он ҳоло танҳо тақрибан 5 дарсад истифода мешавад. Бунёди НБО-и Роғун ва содироти барқи обӣ тавассути лоиҳаи CASA-1000 аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Афғонистон ва Покистон принсипи ҲРУ-7 дар бораи таъмини дастрасии умумӣ ба энергияи арзон, муътамад, устувор ва муосирро амалӣ мегардонад. Аз ин нигоҳ, рушди гидроэнергетикаи Тоҷикистон ба таъмини ниёзи энергетикии минтақаи Осиёи Ҷанубӣ мусоидат намуда, мустақиман дар татбиқи ҲРУ-7 дар сатҳи минтақавӣ нақш мебозад.

Тағйирёбии иқлим, ки ба ҲРУ-13 дахл дорад, аз хатарҳои ҷиддии рушди устувори Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз соли 1930 то имрӯз масоҳати пиряхҳо 30 дарсад коҳиш ёфтааст. Обшавии онҳо, тағйири низоми дарёҳо, афзудани хушксолию сел ва кам шудани ҳосилнокии кишоварзӣ аз паёмадҳои асосии ин раванд мебошанд [86]. «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои давраи то соли 2030»

[37] барои паст намудани хатарҳо ва истифодаи захираҳои табиӣ дар шароити тағйирёбии иқлим тадбирҳои мушаххас пешбинӣ мекунад.

Такмили иҷрои ҲРУ дар Тоҷикистон ба иродаи сиёсии роҳбарияти кишвар вобастагии зиёд дорад. Дар ин раванд нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳим аст. Таҳлили вазъи мавҷуда нишон медиҳад, ки расидан ба ҳадафҳои Барномаи 2030 муайян ва сафарбар кардани манбаъҳои маблағгузориро талаб менамояд. Норасоии маблағ яке аз монеаҳои асосии татбиқи ҳадафҳо мебошад. Барои рафъи он Тоҷикистон метавонад истифодаи воситаҳои нави молиявии рушди устувор, аз ҷумла ҷалби сармоя ба лоиҳаҳои иқтисоди «сабз» ва вомбаргҳои сабз (green bonds)-ро густариш диҳад. Ҳамзамон, беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки маблағҳои бахши хусусӣ ба иҷрои ҲРУ-и СММ бештар ҷалб карда шаванд.

Дувум, мустаҳкам намудани иқтидори омории миллӣ барои назорати ҲРУ-и СММ зарур мебошад. Мавҷуд набудани маълумоти кофии омории ба стандарти байналмилалӣ мутобиқ яке аз монеаҳои асосии назорати дурусти ҲРУ-и СММ аст. Барои ҳалли ин мушкилӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо БМТТ ва Бонки ҷаҳонӣ дар ташаккули низоми мустаҳками омор ҳамкорӣ мекунад.

Сеюм, гузариш ба татбиқи принсипи «идоракунии хуби маҳаллӣ» (good local governance) барои татбиқи ҲРУ-и СММ дар сатҳи ноҳияҳо ва ҷамоатҳо мушкил аст. Барои татбиқи самараноки ҲРУ-и СММ зарур аст, ки дар сатҳи маҳаллӣ барномаҳои тақвияти иқтидор ва такмили ихтисос амалӣ карда шаванд.

Чаҳорум, ҳамгироии ҲРУ-и СММ ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва истифодаи онҳо ҳамчун асоси дипломатияи рушд зарур мебошад. Тоҷикистон дар ин самт таҷрибаи арзишманде дорад. Ташаббусҳои

обии кишвар дар Маҷмаи Умумии СММ нишони ин навъи дипломатияи рушди устувор мебошанд. Принсипи истифода аз мавзуъҳои рушди устувор ҳамчун воситаи дипломатии баробарҳуқуқӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, ки онро «дипломатияи рушди устувор» меноманд, метавонад нуфузи байналмилалии Тоҷикистонро баланд бардорад ва ба ҷалби кумакҳои хориҷии бештар барои ноил шудан ба ҲРУ мусоидат намояд.

Панҷум, зарур аст, ки нуқтаи назари ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ба назар гирифта шуда, иштироки онҳо дар татбиқи ҲРУ густариш ёбад. Ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон иқтидори назарраси истифоданашударо барои назорати татбиқи ҲРУ дар сатҳи маҳаллӣ дорад, аммо маблағгузорӣ ва иқтидори ташкилии он маҳдуд мебошад. Гузаронидани ислоҳот дар соҳаи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини муҳити муносиб барои фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ шарти зарурии татбиқи босифати ҲРУ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Омӯзиши «ҲРУ-и СММ ва роҳҳои татбиқи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» робитаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ин масъаларо равшан месозад. Таҳлили луғавию фалсафӣ ва таърихию сиёсии мафҳумҳои «рушд» ва «рушди устувор» нишон медиҳад, ки онҳо мазмуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Дар ним асри охир консепсияи рушди устувор аз ғояи дорои доираи маҳдуди экологӣ ба парадигмаи фарогири сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд ҳамзамон ду вазифаи ба ҳам вобастаро иҷро мекунад. Кишвар барои расидан ба ҲРУ мушкилоти миллии иқтисодию иҷтимоиро ҳал намуда, ба дастгирии давлатӣ ва байналмилалӣ такя мекунад. Дар айни замон, бо ташаббусҳои байналмилалии обӣ дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии рушди устувор

саҳм мегузорад ва ҳамчун пешниҳодкунандаи иқдомҳои нав шинохта мешавад. Ҳамин пайванди ниёзҳои дохилӣ бо ташаббускории байналмилалӣ ҷойгоҳи хоси Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар дипломатияи рушди устувор муайян менамояд.

Барои иҷрои Барномаи то соли 2030 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба чанд самти афзалиятнок муҳим мебошад: осон намудани дастрасӣ ба маблағгузории рушд, таҳкими низоми миллии омор, баланд бардоштани имкониятҳои идоракунии маҳаллӣ, пайвастани ҲРУ бо сиёсати хориҷӣ ва густариши иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ. Иродаи сиёсии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, фаъолияти Ҳукумати кишвар ва иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми байналмилалии рушди устувор барои расидан ба ҲРУ то соли 2030 заминаи муҳим фароҳам меоранд.

1.2. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид

Пас аз баррасии асосҳои назариявию ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои миллии татбиқи ҲРУ, омӯзиши ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи амалисозии онҳо зарур мегардад. Дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва робита бо ниҳодҳои СММ афзалиятҳои Рӯзномаи то соли 2030 ба вазифаҳои соҳавӣ, барномаҳои муштарак, мубодилаи таҷриба ва дастгирии техникӣ табдил меёбанд. Барои арзёбии чунин ҳамкорӣ, танҳо муайян намудани шарикон ва номбар кардани санадҳо кофӣ нест. Бояд равшан сохт, ки ҳадафҳои миллӣ чӣ гуна бо дониши соҳавӣ, захираҳо, имкониятҳои молиявӣ ва меъёрҳои байналмилалии арзёбӣ пайваст мешаванд. Дар шароити Тоҷикистон ин вазифа, пеш аз ҳама, омӯзиши саҳми мақомоти давлатӣ, созмонҳои

байналмилалӣ ва субъектҳои ғайридавлатиро дар иҷрои уҳдадориҳои муштарак талаб мекунад.

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҲРУ дорои сохтори бисёрсатҳӣ мебошад: қарорҳои сиёсӣ дар сатҳи байниҳукуматӣ қабул гардида, иҷрои онҳо ба ҳамоҳангии мақомоти соҳавӣ, шарикони рушд ва сохторҳои амалисозандаи лоиҳаҳо вобаста аст. Дар чунин низом арзиши амалии ҳамкорӣ бо шумораи созишномаҳо маҳдуд намешавад. Меъёри муҳим он аст, ки то чӣ андоза натиҷаҳои барномаҳои байналмилалӣ ба низоми идоракунии миллӣ ворид мешаванд, таҷрибаи омӯзишу арзёбӣ такрорпазир мегардад ва муассисаҳои маҳаллӣ баъди анҷоми кумаки беруна қобилияти идомаи фаъолиятро нигоҳ медоранд. Иштироки Тоҷикистон дар барномаҳои муштарак имкон медиҳад, ки талаботи сиёсати дохилӣ бо таҷрибаи байналмилалии банақшагирии натиҷамеҳвар муқоиса карда шавад. Ҳамзамон, эҳтимоли такрори вазифаҳо байни шарикон, номувофиқии муҳлатҳои лоиҳаҳо ва маҳдудияти дастрасӣ ба иттилооти ягона зарурати таҳкими ҳамоҳангсозии ниҳодиро ба миён меорад. Бинобар ин, ҳамкорӣ бояд аз мавқеи тақсимоти масъулият ва пойдории натиҷаҳо арзёбӣ гардад.

Дар таҳлили таърихии муносибатҳои байналмилалӣ фарқи байни эълони ҳадафи умумӣ ва ташкили воситаи иҷрои он аҳаммияти методологӣ дорад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзномаи рушди устувор ҳамчун заминаи умумии ҳамкорӣ хидмат мекунад, аммо натиҷаи воқеии он дар қарорҳои муштараки соҳавӣ, нақшаҳои мушаххаси амал, тартиби маблағгузорӣ ва санҷиши пешрафт инъикос меёбад. Маҳз ҳамин пайванди байни уҳдадории сиёсӣ ва иҷрои институтсионалӣ мавзуи асосии зербоби мазкур аст. Аз ин рӯ, минбаъд ҳамкориҳо на аз ҷиҳати такрори таърихи пайдоиши ҲРУ, балки аз нуқтаи назари иштирокчиён, манфиатҳои мутақобила, воситаҳои

ҳамоҳангсозӣ ва имкониятҳои тавсеаи шарикии байналмилалӣ баррасӣ мешаванд.

Аз натиҷаи таҳқиқоти байналмилалӣ, ҲРУ-и СММ аз бисёр ҷиҳат аз ҲРҲ-и пешинаи СММ фарқ мекунанд. Муҳаққиқи шинохтаи ҷаҳонӣ Ҷеффри Сакс таъкид мекунад, ки ҲРУ чун низоми ҳамгироёнае пешниҳод шудаанд, ки «ҳеҷ кас аз инкишоф канор намонад», яъне ҳамаи қишрҳои аҳолиро низ дарбар мегиранд [170]. Дар сурате ки ҲРҲ-и СММ асосан ба давлатҳои рӯ ба рушд нигаронида шуда буданд, ҲРУ барои ҳамаи давлатҳои ҷаҳон ҳамчун уҳдадориҳои умумӣ татбиқ мегарданд. Дигар фарқи муҳим он аст, ки ҲРУ низоми ҳамгироёнаи ҳамоҳанги иқтисодию иҷтимоӣ ва экологиро дар бар мегиранд ва робитаи дарунии ин ҷанбаҳоро инъикос менамоянд. Барои намуна, ҳадафи об ва ҳадафи тандурустӣ дар ниҳоят ба ҳам алоқаманд мебошанд.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҲРУ ба чаҳорчӯбаи мустаҳкам ва муташаккили ҳуқуқиву ниҳодӣ такя мекунанд. Дар давоми солҳои истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон низоми мукаммали қонунгузорӣ дар соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, идоракунии захираҳои обӣ, масъалаҳои энергетикӣ, маориф ва тандурустиро таҳия ва такмил дод. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» [32] ҳамчун санади меъёрии асосии соҳаи ҳифзи муҳити зист принсипҳои идоракунии экологӣ ва пешгирии харобшавии муҳити зистро муқаррар намуда, асосҳои ҳуқуқии татбиқи ҲРУ-13 (мубориза бо тағйирёбии иқлим), ҲРУ-14 (ҳифзи экосистемаҳои баҳрӣ) ва ҲРУ-15 (ҳифзи экосистемаҳои хушкӣ)-ро дар сатҳи миллӣ муайян менамояд. Инчунин дар ин соҳа Кодекси замин [33], Кодекси об [34], Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон [35] ва дигар санадҳои меъёрии марбута тасвиб шудаанд.

Моҳи ноябри соли 2015, баъди қабули Барномаи 2030 дар Маҷмаи Умумии СММ, Ҳукумати Тоҷикистон баррасии ворид намудани ҲРУ-ро ба санадҳои стратегии кишвар оғоз намуд. Бо таъсиси Шурои ҳамоҳангсозии миллии рушди устувор (ШҲМРУ) дар соли 2018 [30] барои ин фаъолият заминаи байнивазоратӣ ба вуҷуд омад. Шуро ҳамкории мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар иҷрои ҳадафҳо ҳамоҳанг месозад. Фаъолияти он таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таваҷҷуҳи роҳбарияти кишвар ба ташкили ҳамкории сатҳи баланд барои рушди устувор шаҳодат медиҳад.

Механизми пешниҳоди гузоришҳои ихтиёрии миллӣ ба Форуми сиёсии сатҳи баланди СММ дар баробари вазифаи иттилоотӣ аҳаммияти дипломатӣ низ дорад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин гузориш на танҳо ҷамъбасти вазъи иҷрои ҲРУ, балки имконияти муқоисаи таҷриба бо давлатҳои дигар, муайян намудани масъалаҳои ниёзманд ба дастгирии техникӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи шарикон ба афзалиятҳои миллӣ мебошад. Дар сатҳи амалӣ, аҳаммияти ин механизм аз сифати маълумоти пешниҳодшуда, ҳамоҳангии нишондиҳандаҳои миллӣ бо усулҳои байналмилалӣ ва иштироки вазорату идораҳои дахлдор вобаста аст. Ҳангоми таҳлили натиҷаҳо бояд миёни маълумоти оморӣ, арзёбии сиёсӣ ва пешбиниҳои ҳадафӣ фарқ гузошта шавад, зеро ҳар кадоми онҳо вазифаи мустақил доранд. Иштирок дар чунин раванд инчунин ба мақомоти миллӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои дорои хусусияти фаромарзӣ, аз ҷумла об, иқлим ва амнияти экологиро дар гуфтугӯи рушд бо шарикони байналмилалӣ пайваст намоянд. Ҳамин тавр, гузоришдиҳӣ метавонад ба воситаи бозхурди сиёсат ва беҳтар кардани низоми ҳамкорӣ табдил ёбад, на танҳо ба пешниҳоди маҷмӯи нишондиҳандаҳо.

Дар бахши заминаҳои ҳуқуқии мушаххас, Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд конвенсия ва созишномаи байналмилалиро дар соҳаи рушди устувор ва экология тасдиқ намудааст, ки ба татбиқи ҲРУ мустақиман алоқаманданд. Аз ҷумла, Эъломияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим [26], Протоколи Киото ба Эъломияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим [167], Созишномаи Париж оид ба иқлим [22], Конвенсия оид ба гуногунрангии биологӣ [160], Эъломияи СММ оид ба мубориза бар зидди биёбоншавӣ [25], Эъломияи Рамсар оид ба ботлоқзорҳо [161] мебошанд. Ба ин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми уҳдадориҳои ҳуқуқи байналмилалии экологӣ ва рушди устувор ҷойгоҳи муайян дорад.

Арзёбии самаранокии шарикии байналмилалӣ пеш аз ҳама ба дастрасии маълумоти муқоисашаванда вобаста аст. Дар мавриди Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилӣ танҳо камбуди баъзе нишондиҳандаҳои оморӣ нест: барои таҳлили воқеии натиҷаҳо муайян кардани манбаи маълумот, тартиби ҷамъоварӣ, басомади навсозӣ ва масъулияти ниҳодҳои ҳамкор низ зарур мебошад. Агар мақомот ва созмонҳои шарик аз таърифу усулҳои мухталифи ҳисоб истифода баранд, муқоисаи пешрафти барномаҳо душвор мегардад ва эҳтимоли ҳисобкунии такрории натиҷаҳо меафзояд. Аз ҳамин рӯ, такмили ҳамкории техникӣ дар соҳаи омор, омӯзиши кадрҳои соҳавӣ ва ташкили каналҳои боэътимоди мубодилаи иттилоот бояд ҳамчун ҷузъи дипломатияи рушд арзёбӣ карда шавад. Дар баробари нишондиҳандаҳои миқдорӣ зарурати истифодаи арзёбии сифатӣ низ вуҷуд дорад, то ки масъалаҳои дастрасии гурӯҳҳои осебпазир, устуворii хидматрасонӣ ва таъсири дарозмуддати тадбирҳо аз назар дур намонанд. Ин муносибат ба Тоҷикистон имкон медиҳад, то самтҳои воқеан натиҷабахши шарикиро аз фаъолиятҳои дорои аҳаммияти бештар эъломиявӣ ҷудо намояд.

«Дар ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи ҲРУ мутобиқати ҳадафҳои ҷаҳонӣ бо «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030» ҷойгоҳи асосӣ дорад. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) соли 2016 қабул гардида» [38], чаҳорчӯби банақшагирии рушди дарозмуддати кишварро ташкил медиҳад. Дар он баробари ҳамоҳангӣ бо ҲРУ афзалиятҳои миллӣ, ки аз шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷуғрофии Тоҷикистон бармеоянд, ба назар гирифта шудаанд. Ҳадафи олии СМР-2030 ба баланд бардоштани сатҳи рушди кишвар ва даромади аҳолӣ равона гардидааст.

«Чор ҳадафи стратегии СМР-2030 самтҳои асосии сиёсати рушди кишварро муайян мекунанд. Онҳо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикӣ, раҳоӣ аз «бунбасти коммуникатсионӣ» тавассути рушди инфрасохтор ва дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори кишоварзӣ, инчунин, фароҳам овардани шароит барои шуғли шоиста ва пурмаҳсул мебошанд» [38]. Ин афзалиятҳо бо як қатор ҲРУ-и СММ, аз ҷумла ҲРУ-7 (энергияи тоза), ҲРУ-9 (инфрасохтор), ҲРУ-2 (бартараф кардани гуруснагӣ), ҲРУ-1 (бартараф кардани камбизоатӣ), ҲРУ-10 (коҳиши нобаробарӣ) ва ҲРУ-8 (кор ва рушди иқтисодӣ), алоқаманданд [142].

Дар муддати татбиқи СМР-2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии нақшаҳои дарозмуҳлат ва сармоягузориҳои миёнамуҳлат қабул шуд [28]. Дар ин барнома барои ҳар яке аз ҳадафҳои СМР-2030 нишондиҳандаҳои мушаххас муайян гардидаанд, ки бояд дар давраи 2021–2025 ба онҳо ноил гарданд. Аз ҷумла, дар барнома тадбирҳои мушаххас барои таҳкими зерсохтори рақамӣ, рушди иқтисоди сабз ва беҳтар намудани хадамоти иҷтимоӣ пешбинӣ

шудаанд. Чунин низоми дусатҳии банақшагирии рушд, яъне ҳамзамонии стратегияи дарозмуҳлат ва барномаҳои миёнамуҳлат, ба таҷрибаи давлатҳои муваффақ дар татбиқи ҲРУ мувофиқат мекунад.

Дар зербоби қаблӣ мутобиқ намудани афзалиятҳои ҷаҳонии рушд ба шароити миллӣ аз мавқеи сиёсати давлатӣ баррасӣ шуд. Ҳангоми омӯзиши ҳамкориҳои байналмилалӣ бояд муайян кард, ки ин афзалиятҳо чӣ гуна барои барномарезии муштараки шарикон асос мегарданд. Натиҷабахшии иҷрои ҲРУ аз он вобаста аст, ки дар ҳар барнома ҳадаф, гурӯҳи баҳрабардор, ниҳоди масъул ва нишондиҳандаи санҷишшаванда дақиқ муайян шаванд. Мувофиқати онҳо бо имкониятҳои буҷетӣ ва низоми маъмурии кишвар ба пешгирии лоиҳаҳои парокандаю камсамар мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, ворид намудани ҲРУ ба нақшаҳои шарикӣ бояд робитаи амалии сиёсат, захираҳои дастрас ва арзёбии натиҷаҳоро таъмин кунад. Чунин робита заминаи баҳодиҳии саҳми Тоҷикистонро дар ҳамкориҳои байналмилалии рушд аз рӯйи ташаббускорӣ ва имкониятҳои иҷро фароҳам меорад.

Яке аз шартҳои муҳимми самаранокии ҳамкориҳо ташаккули маҷмуи нишондиҳандаҳои ҳамоҳангшуда барои арзёбии натиҷаҳои муштарак мебошад. Нишондиҳанда бояд на танҳо ба ҳадафи байналмилалӣ мувофиқат кунад, балки барои вазъи иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон низ қобили ченкунӣ ва тафсир бошад. Дар амал ин масъала таъсиси қоидаҳои ягонаи ҳисоб, дастрасӣ ба маълумоти боэътимод, муайян намудани нишондиҳандаҳои ибтидоӣ ва пайгирии тағйиротро талаб мекунад. Таҳлили қиёсии барномаҳо бояд ба саволҳои мушаххас посух диҳад: кадом ниҳод уҳдадории асосиро иҷро менамояд, саҳми молиявию техникӣ аз куҷо таъмин мегардад ва пас аз анҷоми лоиҳа кадом натиҷа дар сатҳи миллӣ боқӣ мемонад. Танҳо дар чунин сурат маълумоти оморӣ аз воситаи ҳисоботдиҳӣ ба василаи

интихоби афзалиятҳои сиёсӣ табдил меёбад. Аз ин рӯ, таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи маълумот ва арзёбӣ яке аз заминаҳои мустақими боло бурдани сифати идоракунии барномаҳои рушди устувор маҳсуб мешавад.

Сармоягузориҳои давлатӣ ба татбиқи ҲРУ аз тариқи механизми маблағгузорӣ «рушди устувор», ки дар доираи Қонуни «Дар бораи молияи давлатӣ ва танзими буҷавӣ» амалӣ мегардад [31], ба роҳ монда шудаанд. Дар натиҷаи татбиқи ин механизм, буҷети давлатии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, тандурустӣ, об ва беҳдошт ва ҳифзи иҷтимоӣ пайваста афзоиш ёфтааст. Мувофиқи маълумоти оморӣ дар солҳои 2016–2022 хароҷоти давлатӣ ба соҳаи маориф ба 6 дарсади ММД расид, ки дар миқёси минтақавӣ нишондиҳандаи баланд ба шумор меравад.

Дар барномаҳои ҳамкории байналмилалӣ нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ бояд бо дарназардошти вазифаҳои мушаххаси онҳо муайян карда шавад. Созмонҳои ҷамъиятӣ метавонанд дар ошкор намудани эҳтиёҷоти ҷомеа, расонидани хидматрасонии иттилоотӣ ва гирифтани бозхурд аз гурӯҳҳои баҳрабардор саҳм гузоранд; бахши хусусӣ бошад, дар ҷорӣ намудани технология, ташкили ҷойҳои корӣ ва истифодаи самараноки сармоя иштирок мекунад. Бо вуҷуди ин, ҷалби чунин иштирокчиён худ ба худ кафолати натиҷа нест. Барои пешгирии парокандагии фаъолиятҳо зарур аст, ки талаботи шаффофият, санҷиши натиҷаҳо ва тақсимоти масъулият дар санадҳои шарикии муштарак равшан ифода ёбанд. Дар чунин ҳолат иштироки субъектҳои ғайридавлатӣ ба такмили сиёсати давлатӣ мусоидат намуда, робитаи байни ҳадафҳои байналмилалӣ ва талаботи воқеии аҳолиро мустаҳкам месозад. Аз ин рӯ, меъёри муҳим сифати иштироки онҳо дар давраи таҳия, иҷро ва арзёбии лоиҳаҳо мебошад.

Ҳамкориҳои обию энергетикӣ намунаи равшани пайвастани афзалиятҳои миллӣ бо масъалаҳои фаромарзии рушди устувор мебошанд. Дар ин соҳа давлатҳо аз захираҳои муштарак истифода мебаранд, вале манфиатҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии онҳо на ҳамеша дар як муҳлату як сатҳ зуҳур мекунанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин вазъ зарурати истифодаи ҳамзамони воситаҳои сиёсӣ, техникӣ ва ҳуқуқии гуфтушунидро ба миён меорад. Самаранокии ташаббусҳои байналмилалии кишвар аз он низ вобаста аст, ки то чӣ андоза муколамаи сатҳи баланд ба тартиботи дарозмуддати ҳамоҳангсозӣ, мубодилаи маълумоти гидрологӣ ва тадбирҳои эътимодсозӣ пайваст мешавад. Аз ин назар, дипломатияи об бояд ҳамчун равиши ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҷонибҳои мухталиф омӯхта шавад. Нақши СММ ва шарикони рушд дар ин раванд метавонад аз фароҳам овардани майдони муколама то дастгирии пажӯҳишҳои муштарак ва такмили иқтидори институтсионалӣ иборат бошад. Маҳз ҳамин паҳлуҳои ҳамкории амалӣ дар баррасии ташаббусҳои обии Тоҷикистон аҳаммияти махсус доранд.

«Оғози ташаббусҳои муҳимми Тоҷикистон дар дипломатияи байналмилалии об ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ иртибот дорад. Сарвари давлат 1 октябри соли 1999 эълони соли 2003-ро ҳамчун «Соли байналмилалии оби тоза» пешниҳод намуд. Маҷмаи Умумӣ 20 декабри соли 2000 бо қабули қатъномаи A/RES/55/196 ин пешниҳодро расман тасдиқ кард» [18]. «Сипас, эълони солҳои 2005–2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» ин самти сиёсати Тоҷикистонро идома дод. Иқдомҳои мазкур ба масъалаҳои дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ, беҳдошт ва идоракунии устувори захираҳои об таваҷҷуҳи бештар ҷалб карданд. Дар натиҷа, масъалаҳои об дар

рӯзномаи байналмилалии рушди устувор мавқеи устувортар пайдо намуданд» [141].

«Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003 ба Маҷмаи Умумии СММ пешниҳоди «Даҳсолаи байналмилалии амал барои Оби ҳаёт (2005-2015)»-ро ироа намуд» [12]. Ин ташаббус бо Қатъномаи A/RES/58/217 тасдиқ гардид. Даҳсола ба иҷрои ҳадафҳои оби тоза ва нӯшокӣ, ки дар ҲРҲ муайян шуда буданд, мусоидат мекард. Баъд аз анҷоми ин марҳила, бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Даҳсолаи байналмилалии амал об барои рушди устувор (2018–2028)» [17] эълон шуд. Даҳсолаи нав бо ҲРУ-6 («Об ва беҳдошти тоза») робитаи мустақим дошта, ба дастрасии умумӣ ба оби бехатари нӯшокӣ то соли 2030 равона гардидааст.

Конфронси СММ оид ба об дар соли 2023 дар Ню-Йорк ҳамчун нахустин Конфронси об дар сатҳи байналмилалии баланд маҳз дар асоси ташаббуси Тоҷикистон баргузор гардид [50; 11; 145]. Дар ин конфронс, ки дар он зиёда аз 7000 иштирокдор ва намояндагони беш аз 180 давлат ширкат варзиданд, Тоҷикистон дар муайян намудани самтҳои асосии муколама ва ҷамъбасти натиҷаҳо нақши фаъол бозид. Дар чаҳорчӯбаи ин конфронс ҷумҳурӣ «Рӯзномаи амал дар соҳаи об» (Water Action Agenda)-ро имзо намуда, дар он садҳо уҳдадориҳои мушаххас барои татбиқи ҲРУ-6 ҷамъбаст шуда, ба тасвиб расид. Ин ташаббус нуфузи байналмилалии Тоҷикистонро дар масъалаҳои обӣ боз ҳам мустаҳкамтар гардонд.

Пешниҳоди эълони соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соли 2021 дар Иҷлосияи 76-уми Маҷмаи Умумии СММ ба миён гузоштанд. «Дар пайи он 14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумӣ қатъномаи A/RES/77/158-ро қабул кард. Бо ин санад соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва 21 март «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо» эълон гардиданд» [7]. «Пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 8 ҳазор

километри мураббаъ масоҳат дошта, яке аз манбаъҳои асосии оби тозаи минтақа мебошанд. Аммо гармшавии глобалӣ ва тағйирёбии иқлим дар даҳсолаҳои охир боиси коҳиши назарраси онҳо шудаанд» [164].

Ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасии паёмадҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ин раванд дар сатҳи ҷаҳонӣ замина фароҳам овард. Бо ин роҳ, масъалаи муҳимми миллию минтақавӣ ба рӯзномаи байналмилалии иқлиму об ворид гардид ва ҷойгоҳи кишварро дар дипломатияи обию экологӣ таҳким бахшид.

Ниҳодҳои низоми СММ дар иҷрои ҲРУ аз шарикони асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Дар байни онҳо Барномаи рушди СММ (БРСММ/UNDP), ки аз соли 1993 дар кишвар фаъолият дорад, барои ворид намудани ҲРУ ба банақшагирии миллӣ нақши муҳим мебозад. БРСММ самтҳои ҳамкории худро дар «Ҳуҷҷати барномаи кишвар» (Country Programme Document) муайян мекунад [153]. Барномаи он барои Тоҷикистон дар солҳои 2023–2026 се самти афзалиятнокро фаро мегирад: идоракунии ҳамгирои захираҳои табиӣ ва хатарҳои иқлимӣ; хидматрасонии давлатӣ ва волоияти қонун; рушди устувор ва фарогири иқтисодӣ. Ин самтҳо бо вазифаҳои рушди устувор робитаи мустақим доранд.

Барномаи оби СММ ва Барномаи муҳити зисти СММ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии захираҳои обӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Ин ҳамкориҳо ба ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дипломатияи об, ки дар боло зикр шуданд, дастгирии техникӣ ва молиявиро фароҳам месозад. Аз ҷумла, Барномаи муҳити зисти СММ дар ҳамкорӣ бо Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои ҷомеаи байналмилалиро, ки ба арзёбии вазъи пиряхҳои кишвар ва стратегияҳои мутобиқат ба тағйирёбии иқлим нигаронида шудаанд, иҷро мекунад.

Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) ва Агентии байналмилалии молия барои рушд дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Тоҷикистон барномаҳои рушди деҳотро тавассути ҳимояи ҳуқуқи меҳнатӣ ва беҳсозии инфрасохтори деҳот иҷро мекунанд. Ин барномаҳо ба татбиқи ҲРУ-1, ҲРУ-2 (амнияти озуқаворӣ), ҲРУ-8 (кор ва рушди иқтисодӣ) нигаронида шудаанд. ЮНИСЕФ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои ҳифзи кӯдакон, беҳбуди маориф ва хидматрасонии оби тоза ва беҳдошт фаъолона ширкат меварзад [21]. Тибқи гузориши солонаи 2022, ЮНИСЕФ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо беш аз 600 ҳазор кӯдак ва оилаи онҳо кор намуд ва барои таъмин кардани хидматрасонии самаранок ба ин гурӯҳ захираҳои молиявӣ ва техникӣ сафарбар намуд.

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ тибқи нақшаи стратегии кишвар беҳтар намудани саломатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастгирӣ менамояд [154]. Чаҳор самти асосии ҳамкории иборатанд аз ислоҳоти низоми тандурустӣ, муқовимат ба бемориҳои сироятӣ, беҳтар намудани ғизои аҳолӣ ва таҳкими омодагии тиббӣ ба ҳолатҳои фавқулода мебошанд. Ҳамаи онҳо ба иҷрои ҲРУ-3 мусоидат мекунанд. Дар соҳаи мазкур пешрафтҳои назаррас ба даст омадаанд: давомнокии миёнаи умр аз 63 сол дар соли 1992 ба 71 сол дар соли 2022 расида, фавти кӯдакони то панҷсола беш аз ду баробар кам шудааст.

Агентии озуқавории СММ бо Ҳукумати Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ, беҳбуди соҳаи кишоварзӣ, самаранок истифода бурдани захираҳои оби кишоварзӣ ва тақвияти иқтидори соҳавӣ ҳамкорӣ менамояд [137]. Дар шароити тағйирёбии иқлим, бузургтарин мушкили кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон коҳиши ҳосилнокии замин ва нобаробарии тақсимоти боришот ба шумор меравад. Агентии озуқавории СММ ба ҳалли ин мушкил тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои кишоварзии сарфакунандаи об ва

ҳифзкунандаи хок, эҳёи боғҳои мевадиҳанда ва истифодаи навъҳои зудраси зироатҳо дар шароити кишвар кумак мекунад.

Барномаи ҷаҳонии ғизо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мусоидати гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, бахусус, оилаҳои серфарзанди камбизоат ва аҳолии кӯҳистон, тавассути барномаҳои кумаки ғизоии мавсимӣ ва ба беҳбуди хӯрокхӯрии мактабиён равона карда шудааст. Ин барномаҳо ба татбиқи ҲРУ-2 мустақиман мусоидат мекунанд. Ҳамкории миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии СММ оид ба масъалаҳои гурезаҳо, бо дарназардошти зиёд будани шумори шаҳрвандони Афғонистон, ки ба ҳудуди Тоҷикистон паноҳ оварда буданд, аҳаммияти вижа касб намудааст.

ЮНЕСКО бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи мероси фарҳангии бузурги ниёгон, тақвияти иқтидори илмӣ ва ғанигардонии барномаҳои таълимии ибтидоӣ ва олӣ дар доираи ҲРУ ҳамкориҳои судманд анҷом додааст. Ин ҳамкорӣ ба татбиқи ҲРУ-4 ва ҲРУ-16 мутобиқ аст.

Ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Тоҷикистон дар самти татбиқи ҲРУ масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҲРУ доираи васеи иштирокдорон - аз шарикони стратегӣ то сармоягузорони байналмилалӣ ва давлатҳои донорро фаро мегиранд. Шарики стратегию асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин росто Федератсияи Руссия мебошад, ки ҳамкориҳои дуҷонибаи ду кишвар заминаи ҳуқуқии мустаҳкам доранд [3]. Русия яке аз бузургтарин шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар соҳаи ҲРУ, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону Руссия бахусус ба ҲРУ-9 (инфрасохтор) ва ҲРУ-17 (шарикӣ барои татбиқи ҲРУ) нигаронида шудаанд.

Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) яке аз бузургтарин шарикони рушди Тоҷикистон аст [128]. Созишномаи иштирок ва ҳамкорӣ байни

ИА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқии ин ҳамкориро ташкил медиҳад. ИА тавассути Созмони ёрии рушди Аврупо (DEVCO/DG INTPA), Ибтикори сармоягузорӣ барои Осиёи Марказӣ (CAIP) ва барномаи «Осиёи Марказӣ: Сармоягузорӣ барои оянда» бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои дипломатиро ба роҳ мондааст. Барои давраи солҳои 2003-2025 ҳамкориҳо густариш ёфта, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқ ва ҳамоҳангсозии ҲРУ-и СММ муносибатҳои устувори дипломатиро ба роҳ мондааст. Инчунин, дар чаҳорчӯбаи муколамаи байни ИА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавзуи тағйирёбии иқлим ва рушди иқтисоди «сабз» ба авлавиятҳои умумии сиёсат табдил ёфтааст.

Ҷумҳурии мардумии Чин ҳамчун шарики муҳим дар соҳаҳои бунёди инфрасохтор, тиҷорат ва сармоягузорӣ дар Тоҷикистон нақш мебозад. Ҳарчанд муҳақиқон баъзе ҷанбаҳои ин ҳамкориҳоро аз нигоҳи устувории қарзӣ ва ҳифзи тавозуни манфиатҳо, зери суол мегиранд, аммо аз назари татбиқи ҲРУ-9, ин лоиҳаҳои мазкур беҳбудии назаррасеро дар пайвастагии дипломатии кишварҳои ҷаҳон бо Тоҷикистон таъмин карданд.

Бонки рушди Осиё (БРО/ADB) яке аз муҳимтарин шарикони молиявии рушди Тоҷикистон аст [171]. Стратегияи шарикии Бонки рушди Осиё бо Тоҷикистон барои давраи 2021–2025 ба чор соҳаи авлавиятнок: энергетикаи устувор, нақлиёт ва пайвастагии минтақавӣ, хадамоти иҷтимоӣ ва идоракунии хуби молиявӣ мутамарказ мегардад. Бонки ҷаҳонӣ, инчунин, бо Тоҷикистон дар соҳаи ислоҳоти бахши иҷтимоӣ, сармоягузории инсонӣ (бахусус маориф ва тандурустӣ), зерсохтори об ва ислоҳоти идоракунии молиявии давлатӣ ҳамкорӣ мекунад [152]. Бонки ҷаҳонӣ тавассути «Чаҳорчӯбаи шарикӣ бо кишвар» (Country Partnership Framework) барои Тоҷикистон, ки бо СМР-2030 ҳамоҳанг карда шудааст, маблағгузории лоиҳаҳои зерсохториро анҷом медиҳад.

Ҳамкории бисёрҷониба дар созмонҳои минтақавию байналмилалӣ барои мусоидат ба иҷрои ҲРУ-и СММ имконият фароҳам меорад. Иштироки Тоҷикистон дар СҲШ аз ин ҷиҳат аҳаммият дорад. Фаъолият дар ин созмон метавонад сулҳу субот, рушди фарогири иқтисодӣ, таҳкими инфрасохтори минтақавӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои фаромиллиро дастгирӣ кунад. Ин вазифаҳо бо ҲРУ-8 – меҳнати арзанда ва рушди иқтисодӣ, ҲРУ-9 – саноат, инноватсия ва инфрасохтор, ҲРУ-13 – мубориза бо тағйирёбии иқлим, ҲРУ-16 – сулҳ, адолат ва ниҳодҳои самаранок ва ҲРУ-17 – шарикӣ ба хотири рушди устувор ҳамбастагӣ доранд.

Узвияти ИДМ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки сиёсати рушди устуворро бо кишварҳои дигари фазои пасошуравӣ ҳамоҳанг намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз давлатҳои аъзои ИДМ, дар барномаҳои байнидавлатии рушди иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ, нақлиёт, муҳофизати меҳнатӣ, тандурустӣ, рафъи паёмадҳои офатҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист саҳм мегузорад. Воситаҳои ҳамкории созмон барои табодули таҷриба, тавофуқи чораҳои соҳавӣ, таҳияи барномаҳои муштарак ва пешгирии хатарҳои фаромиллии экологию иҷтимоӣ истифода мешаванд. Барои самараи беҳтари ин фаъолият такмили мониторинг, ҳамоҳангии нишондиҳандаҳои оморӣ ва мутобиқати барномаҳои байнидавлатӣ ба афзалиятҳои Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 зарур аст.

Иштирок дар Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО) низ яке аз самтҳои дипломатияи бисёрҷонибаи Тоҷикистон мебошад. Ин созмон барои тавсеаи тиҷорат ва долонҳои нақлиётӣ, таъмини амнияти энергетикию озуқаворӣ, рушди сайёҳӣ, ҳифзи муҳити зист ва робитаҳои иқтисодии давлатҳои аъзо майдони ҳамкории минтақавӣ фароҳам меорад. Азбаски Тоҷикистон ба баҳр роҳи мустақим надорад, лоиҳаҳои минтақавии нақлиётию коммуникатсионӣ ва рушди савдои фаромарзӣ

барои он аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Густариши энергетикаи барқароршаванда ва иқтисоди сабз низ ба афзалиятҳои кишвар мансубанд. Пешбурди ин самтҳо метавонад ба энергетикаи дастрасу тоза, рушди иқтисодӣ, инфрасохтори устувор ва шарикии минтақавӣ мусоидат намояд.

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ ва ниҳодҳои молиявии вобаста ба он, бахусус Бонки исломии рушд, ҷанбаи дигари муҳимми татбиқи афзалиятҳои рушди устуворро ташкил медиҳад. Дар доираи ин ҳамкорӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият пайдо мекунад, то барои татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла рушди энергетика, нақлиёт, маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ва беҳтар намудани шароити беҳдоштӣ маблағгузории имтиёзнок ва кумаки техникиро ҷалб намояд. Татбиқи чунин лоиҳаҳо ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ, рушди сармояи инсонӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ба хидматрасониҳои иҷтимоӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар мусоидат мекунад.

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ, ИДМ, ЭКО ва Созмони ҳамкории исломӣ ҳифзи манфиатҳои миллиро бо густариши шарикии минтақавию байналмилалӣ барои рушди устувор мепайвандад. Ҳарчанд ин созмонҳо барои иҷрои ҳамаи 17 ҲРУ таъсис дода нашудаанд, фаъолияти онҳо дар соҳаҳои амният, иқтисод, нақлиёт, энергетика, муҳити зист, маориф ва тандурустӣ ба амалисозии ҳадафҳо мусоидат мекунад. Истифодаи имкониятҳои онҳо метавонад ҳамоҳангии сиёсати миллиро бо равандҳои минтақавӣ беҳтар созад. Ҳамзамон, чунин ҳамкорӣ барои ҷалби сармояю технология, мубодилаи таҷрибаи пешқадам ва таҳкими ҷойгоҳи Тоҷикистон дар шарикии ҷаҳонии рушди устувор замина фароҳам меорад.

Баррасии шарикии Тоҷикистон дар доираи ҲРУ нишон медиҳад, ки самаранокии муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳамоҳангии се унсур

вобаста аст: муайян будани афзалиятҳои миллӣ, вуҷуд доштани механизмҳои мувофиқи ҳамкорӣ ва имкони санҷидани натиҷаҳо. Дар ҳар як самт, хоҳ ҳамкорӣ бо ниҳодҳои СММ бошад, хоҳ робитаҳои дуҷониба ва минтақавӣ, аҳаммияти асосӣ ба сифати иҷрои қарорҳои қабулшуда тааллуқ дорад. Дар ин замина, дастгирии молиявӣ, машваратҳои коршиносӣ, рушди иқтидори идоракунӣ ва мубодилаи иттилоот бояд ҳамчун воситаҳои ба ҳам вобаста арзёбӣ шаванд. Ҳамчунин, хусусияти фаромарзии масъалаҳои об, иқлим ва амнияти экологӣ нишон медиҳад, ки танҳо барномаҳои дохилӣ барои ҳалли онҳо кофӣ нестанд. Натиҷаҳои мазкур зарурати таҳкими муколамаи бисёрҷонибаро бо нигоҳ доштани мутобиқати он ба манфиатҳои миллӣ асоснок менамоянд.

Таҷрибаи ҳамкориҳои Тоҷикистон имкон медиҳад, ки натиҷаҳои дипломатияи рушд дар ду сатҳи ба ҳам вобаста арзёбӣ шаванд. Дар сатҳи аввал рӯзномаи сиёсӣ ташаккул ёфта, таваҷҷуҳи шарикони байналмилалӣ ба масъалаҳои умумӣ ҷалб мешавад. Дар сатҳи дуюм он рӯзнома бояд тавассути маблағгузорӣ, ҳамоҳангсозии соҳавӣ, механизмҳои иҷро ва назорати натиҷаҳо ба амал табдил ёбад. Барои пайвастани ин сатҳҳо таҷрибаи конфронсҳо, ташаббусҳои обӣ ва муколамаҳои сиёсиро бо омӯзиши кадрҳо, мубодилаи маълумот ва ҳамкории техникии байнидавлатӣ ҳамоҳанг кардан зарур аст. Идораи хатарҳои иқлимӣ, дастрасӣ ба об ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ низ иштироки ниҳодҳои гуногунро талаб мекунанд. Дар ҳамин раванд, сиёсати хориҷӣ метавонад миёни манфиатҳои миллӣ ва уҳдадориҳои байналмилалӣ робита барқарор созад. Аз ин рӯ, муваффақият бояд аз рӯйи пойдории натиҷаҳои ҳамкорӣ ва имконияти ниҳодии идомаи онҳо низ арзёбӣ шавад. Дурнамои шарикии Тоҷикистон бо СММ ба такмили ҳамоҳангсозӣ, низоми миллии арзёбӣ ва масъулияти иштирокчиёни барномаҳо вобаста мебошад.

Ҳамкориҳои байналмилалӣ барои Тоҷикистон яке аз воситаҳои асосии пайвастани ҳадафҳои миллӣ бо имкониятҳои минтақавию ҷаҳонии рушд мебошанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки арзёбии воқеии чунин ҳамкорӣ бояд ба сохторҳои ниҳодӣ, тақсимоти масъулият, устувории маблағгузорӣ ва сифати маълумоти назоратӣ такя кунад. Ин равиш барои омӯзиши дипломатияи об ҳамчун самти махсуси сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар робита бо рушди устувор замина мегузорад. Боби минбаъда ба баррасии моҳият, вазифаҳо ва натиҷаҳои дипломатияи об аз мавқеи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ бахшида мешавад.

БОБИ II. ДИПЛОМАТИЯИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ТАТБИҚИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

2.1. Моҳият, ҳадаф ва вазифаҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муносибатҳои байналмилалӣ маҷмуи робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмиву техникӣ, фарҳангӣ, ҳарбӣ ва дипломатиро фаро мегиранд. Дар ин низом давлатҳо, халқҳо, иттиҳодияҳо, созмонҳои байнидавлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҳизбу ҳаракатҳо, инчунин, шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои онҳо бо ҳам робита ва ҳамкорӣ мекунанд. Устувории ин робитаҳо ба муносибатҳои байналмилалӣ хусусияти то ҷоенизомӣ мебахшад.

Доираи муносибатҳои байналмилалӣ ҳамроҳ бо таҳаввули ҷомеа васеъ мегардад: ниёзҳои нав масъалаҳо ва соҳаҳои тозаро ба он ворид месозанд. Ба ин раванд, пеш аз ҳама, пайдоиши мушкилоти фаромиллӣ ва ҷаҳонӣ таъсир мерасонад, зеро онҳо аз доираи имконияту масъулияти як субъекти алоҳида берун мераванд. Чунин мушкилот бо амнияти умумии башарият пайванд дошта, метавонанд ҳамзамон ба тамоми ҷомеаи инсонӣ таъсир расонанд. Аз ин рӯ, ҳалли онҳо андешидани тадбирҳои муштаракро тақозо мекунад.

Аз нигоҳи таърихӣ, зарурати муттаҳид сохтани имкониятҳо барои ҳифзи амнияту субот яке аз заминаҳои ин муносибатҳо буд. Ҳамкорӣ, ҳамчунин, барои иҷрои корҳои муштарак, бахусус бунёди иншооте, ки тавону захираҳои чанд ҷонибро тақозо мекарданд, ташаккул меёфт.

Дипломатия аз куҳантарин ва муҳимтарин ниҳодҳои ҳаёти сиёсии байналмилалӣ ба шумор меравад. Он дар ташкили робитаҳои мутақобила ва ҳамоҳанг сохтани муносибатҳои субъектҳои низоми байналмилалӣ нақши муайянкунанда дорад.

Дар «Луғати дипломатӣ», ки яке аз луғатҳои муҳимми тахассусии ин соҳа ба ҳисоб меравад, дипломатия ҳамчун «воситаи татбиқи сиёсати

хориҷии давлат тавассути намояндагиҳои расмии дипломатӣ» [58, с. 298] таъриф шудааст. Ин фаҳмиш тадбирҳо, воситаҳо ва усулҳоеро дар бар мегирад, ки давлат бо истифода аз онҳо манфиатҳои миллии худро дар арсаи байналмилалӣ ифода ва ҳифз мекунад. Дар «Луғати энсиклопедии Брокгауз ва Ефрон» дипломатия ҳамчун «санъат ва усул ё шакли хосси идоракунии умури хориҷии давлат» [78] шарҳ ёфтааст. Дар ин таъриф диққати бештар ба шаклҳо ва воситаҳои барқарор намудани иртиботи байни давлатҳо равона мегардад.

Муҳаққиқи сиёсатшинос ва дипломати англис Ҳ. Николсон дипломатияро ҳамчун «идораи умури байналмилалӣ тавассути музокирот» [70] маънидод кардааст. Ба гуфти ӯ, дипломатия на танҳо шакли иртибот байни давлатҳо, балки санъати расидан ба тавофуқ бе истифода аз зӯрӣ ё иҷбор аст. С.Э. Сатоу мафҳуми дипломатияро «истифодаи зеҳн ва дониши сиёсӣ дар идоракунии умури расмии ҳукуматҳо дар муносибатҳои байнидавлатӣ» [74] меномад. Ин таъриф ҷанбаҳои ахлоқӣ, зеҳнӣ ва сиёсии дипломатияро таъкид менамояд: дипломат набояд танҳо садоқатманди давлат бошад, балки донишманд, мудир ва созгоркунандаи манфиатҳо ба ҳисоб равад. Дипломати фаронсавӣ Ж. Камбон нигоҳи фалсафиеро пешниҳод карда, дипломатияро ҳамчун «санъати ба ҳам мувофиқ намудани манфиатҳои миллии рақибон» [63] тавсиф кардааст.

«Конвенсияи Вена дар бораи муносибатҳои дипломатӣ (18 апрели 1961) вазифаҳои асосии намояндагии дипломатиро муайян мекунад» [1]. «Ба онҳо намояндагии давлати фиристанда дар давлати пазиранда, ҳимояи манфиатҳои он ва шаҳрвандонаш дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ, анҷом додани музокирот бо ҳукумати давлати пазиранда, омӯзиши вазъи он кишвар ва пешниҳоди гузориш ба ҳукумати худ дохил мешаванд. Таҳкими муносибатҳои дӯстона ва густариши робитаҳои иқтисодиву фарҳангӣ низ аз ҳамин вазифаҳост.

Ҳамин тавр, ин панҷ самти фаъолият заминаи меъёрии байналмилалии кори намояндагии дипломатиро ташкил медиҳанд» [1].

Дар адабиёти муосир дипломатия ҳамчун воситаи амалигардонии сиёсати хориҷии давлатҳо оид ба масъалаҳои гуногун тавзеҳ дода мешавад: «Ин фаҳмиш ҳам тадбирҳо ва усулҳои мутобиқ ба шароити мушаххасу вазифаҳои ҳалшаванда ва ҳам фаъолияти расмии сарони давлатҳо, ҳукуматҳо ва намояндагони онҳоро дар бар мегирад» [81]. Бартарии ин таъриф дар пайвастани ду ҷанбаи дипломатия сохтори ниҳодии он, аз ҷумла, намояндагиҳои расмӣ, ва раванди амалии пешбурди муносибатҳо мебошад. Аз таҳлили ин дидгоҳҳо бармеояд, ки дипломатия низоми ҳамоҳанги идоракунии муносибатҳои байналмилалии давлат буда, ҳифзи манфиати миллиро бо ҷустуҷӯйи тавофуқ мепайвандад.

Дар низоми ҳуқуқиву сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дипломатия бо асосҳои сиёсати хориҷии давлат робитаи мустақим дорад. Моддаи 11-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [36] заминаҳои конститутсионии ин сиёсатро муайян менамояд: «Баробарии давлатҳо, эҳтироми соҳибихтиёрӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилӣ, ҳалли мусолиматомези баҳсҳо ва ҳамкории байналмилалӣ аз принсипҳое мебошанд, ки Тоҷикистон дар муносибатҳои хориҷии худ пайгирӣ мекунад. Дипломатия барои татбиқи амалии ин принсипҳо дар арсаи байналмилалӣ хидмат менамояд» [36].

Таҳлили таърихии ин муносибатҳо нишон медиҳад, ки масъалаҳои ибтиди, маҳаллӣ ё миллӣ метавонанд тадриҷан аҳаммияти байнидавлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пайдо кунанд. Бо васеъ шудани доираи таъсири онҳо, ҳалли масъала низ аз имкони як ҷомеа ё давлат берун рафта, ба мавзуи муносибатҳои байналмилалӣ табдил меёбад.

Масъалаҳои об низ ҳамин гуна таҳаввулро аз сар гузаронидааст. Он дар тули таърих ба доираи муносибатҳои байналмилалӣ ворид

шуда, тадриҷан самти алоҳидаи фаъолияти дипломатиро ба вуҷуд овардааст: «Нақши об дар пайдоиши давлатҳо ва тамаддунҳо аз он бармеояд, ки истифодаи он ба тағйири тарзи ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат кардааст. Азхудкунии захираҳои об аз василаҳои муҳими гузариш ба низомҳои нави ҷомеадорӣ буд. Инфрасохтори аввалини марбут ба обро, ки аз нишонаҳои ташаккули тамаддун дониста мешавад, муаррихон ба солҳои 3000–2500 пеш аз милод нисбат медиҳанд» [149].

Рушди чор тамаддуни қадим ва бузург бо фароҳам овардани дониш дар бораи истифодаи об ва азхудкунии имкониятҳои он алоқаманд буд. Дар Байнаннаҳрайн тамаддуни шумерҳо, дар соҳили Нил мисриҳои қадим, дар соҳили дарёи Ҳинд ҳиндуҳои қадим ва дар соҳили Хуанхэ чиниҳо рушд ёфтанд. Дар ин ҷомеаҳо бунёди шабакаҳои обрасонӣ барои густариши фаъолияти хоҷагидорӣ аҳаммияти асосӣ дошт. Аз ин рӯ, муаррихон онро аз омилҳои гузариши инсоният аз давраи пеш аз таърих ба давраи таърихӣ медонанд.

Бо бунёди шабакаҳои обрасонӣ ва дигар иншооти идоракунии об имкониятҳои зироаткорӣ васеъ шуда, донишҳои кишоварзӣ ташаккул ёфтанд. Густариши ин фаъолият, ҳамзамон, муносибатҳои нави ҷамъиятиро ба вуҷуд овард, зеро сохтмон, нигоҳдорӣ ва истифодаи муштараки иншооти обӣ ҳамоҳангии фаъолияти одамонро талаб мекард: «Дар Мисри Қадим наҳру ҳавзҳо ба шабакаҳои алоҳида пайваст шуда, интиқоли обро дар ҳудудҳои муайян таъмин мекарданд. Тарҳи онҳо имкони аз пастӣ ба баландӣ расонидани обро низ дар бар мегирифт. Барои бунёди чунин иншоот қишрҳои гуногуни аҳолӣ ҷалб гардида, донишҳои муҳандисӣ истифода мешуданд. Мувофиқи маълумоти овардашуда, дар бисёр мавридҳо мутахассисонро аз кишварҳо ва қабилаҳои дигар низ бо роҳҳои гуногун ҷалб менамуданд»

[149]. Ин таҷриба барои пайдоиши робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи истифодаи об замина фароҳам овард.

«Дар Байнаннаҳрайн, дар муқоиса бо Мисри Қадим, идоракунии об бештар ба ҳифзи аҳолӣ аз обхезиҳои Даҷла ва Фурот равона буд. Тағйирёбии номунтазами оби ин дарёҳо метавонист оқибатҳои харобиовар дошта бошад. Бо бунёди наҳрҳо ва дигар иншооти обӣ як қисми обро ба киштзорҳо ва обанборҳо равона мекарданд. Чунин низом имкон медод, ки маҷрои дарёҳо танзим, заминҳо обёрӣ ва барои даврaҳои хушксолӣ об захира карда шавад» [149]. Ин тарзи истифодаи об аз сатҳи донишҳои ҷомеаи он замон дар бораи ҳифзи хоҷагӣ аз офатҳои марбут ба об гувоҳӣ медиҳад.

Об ҳамчун самти фаъолияти дипломатия решаҳои таърихии тулонӣ дорад. Аз ҷумла, маълумоти марбут ба муносибатҳои шаҳрҳои шумерии Лагаш ва Умма доир ба истифодаи оби дарёи Даҷла нишон медиҳад, ки захираҳои об аз нахустин мавзуъҳои музокироти дипломатӣ буданд. Пайванди дипломатия ва танзими масъалаҳои об дар марҳилаҳои аввали рушди муносибатҳои байни ҷомеаҳо ба вуҷуд омадааст.

Дар Осиёи Марказӣ ҳам робитаҳои вобаста ба истифодаи об аз замони ташаккули нахустин ҷомеаҳо ва давлатҳо оғоз мегарданд. Академик Б. Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» ин таҷрибаро бо баррасии идоракунии захираҳои об, бунёди иншооти обрасонӣ ва рушди зироаткорӣ шарҳ додааст: «Тадқиқи муфассали археологии майдонҳои фарох нишон медиҳад, ки дар он давра тамоми ноҳияҳои Осиёи Миёна барои зироат истифода мешуданд. Дар водиҳо бо киштукор (асосан киштукори обӣ) ва чорводорӣ машғул буданд. Алалхусус, обёрӣ ниҳоят ривоҷ ёфта буд. Дар Хоразм, дар водии Зарафшон ва дигар ҷойҳо каналҳои бисёре кофта шудаанд. Каналҳои қадимии даврaи Кушониён дар хоки Тоҷикистон ҳам, масалан, дар водии Вахш ёфт шуданд. Барои

обёрӣ на фақат оби дарё, балки оби чашмаҳо низ, ки дар он давра, бешак, хеле бисёр буданд, истифода мешуданд. Масалан, дар шимоли водии Вахш заминҳо асосан аз канали дарёи Вахш об мехӯрданд, вале якчанд манзилҳо, масалан, димнаи Ҳалқаҷари қарибии посёлкаи Уялӣ аз дарё хеле боло ҷой гирифта буд, ки ҳозир ба заминҳои он ҷо фақат бо насос об мебароранд. Дар давраи Кушониён тамоми заминҳои ин манзилҳо аз оби чашмаҳои кӯҳӣ шодоб буданд» [56].

Далелҳои мазкур нишон медиҳанд, ки ҷомеаҳои қадим донишҳои ибтидоии идоракунии обро андӯхта, дар заминаи онҳо тамаддуни кишоварзиро инкишоф додаанд. Баробари пайдоиши давлатҳо доираи ин муносибатҳо низ васеъ шуд. Истифода ва тақсими об тадриҷан аз масъалаи маҳаллӣ, ба мавзуи робитаҳои байни маҳалҳо ва давлатҳо табдил ёфт: «Рушди киштисозӣ ва истифодаи васеи роҳҳои обӣ марҳилаи дигари таҳаввули муносибатҳои вобаста ба обро ташкил медиҳад. Роҳҳои обӣ доираи иртиботи ҷомеаҳоро васеъ намуда, ба пешрафти ҷаҳон суръат бахшиданд. Аҳаммияти онҳо ҳам дар шинохти ҷуғрофӣ ва сайёҳӣ ва ҳам дар тиҷорат, фаъолияти ҳарбӣ, илм, фарҳанг, сиёсат, дипломатия ва саноат зоҳир мегардид» [81]. Яъне, иртибот тавассути роҳҳои обӣ яке аз заминаҳои асосии ташаккули дипломатияи об маҳсуб ёфта, марҳилаи нави рушди муносибатҳои байналмилалиро дар сатҳи ҷаҳонӣ ба вуҷуд овардааст. Дар заминаи чунин робитаҳо об метавонад барои таҳкими сулҳ хидмат кунад. Ҳамкорӣ ва дипломатияи об ба давлатҳои дорои захираҳои муштарак имкон медиҳанд, ки истифодаи самаранок, устувор ва одилонаи онҳоро ба роҳ монанд. Ҳамзамон, ин воситаҳо барои мувофиқ сохтани манфиатҳои марбут ба истиқлоли миллӣ бо ниёзҳои ҳамкории минтақавӣ аҳаммият доранд.

Афзоиши аҳолӣ, густариши фаъолияти иқтисодӣ, тағйири иқлим, кам шудани оби дастрас ва ифлосшавии муҳити обӣ масъалаи амнияти обиро ба маркази таваҷҷуҳи сиёсати миллӣ ва байналмилалӣ овардааст.

Рақобати афзояндаи бахшҳои иқтисодӣ, ҷомеаҳо ва давлатҳо зарурати идоракунии обро бештар мекунад. Бино бар ин, об дар баробари манбаи табиӣ будан, аҳаммияти стратегии фаромарзӣ ва байнисоҳавӣ дорад ва ба рушди устувор таъсир мерасонад, ки таҳқиқи таърихӣ, сиёсӣ ва геополитикии муносибатҳои обро талаб намуда, ба такмили механизмҳои амнияти об ва истифодаи одилонаву оқилонаи он замина мегузорад. Гидродипломатия дар ин раванд тавассути танзими муносибатҳо, густариши ҳамкории минтақавӣ ва пешгирии ихтилофҳои эҳтимолӣ амал мекунад. Он бо фароҳам овардани муколама ва эътимод ҳамоҳангии манфиатҳои давлатҳоро осон месозад: «Таъсиси комиссияҳо ва майдонҳои муштарак, мубодилаи маълумот, ташкили гурӯҳҳои ҳамоҳангсоз ва таҳияи механизмҳои идоракунии дастаҷамъонаи об аз воситаҳои асосии он мебошанд. Истифодаи ин воситаҳо барои сулҳу субот ва ҳамкории дарозмуддати байналмилалӣ мусоидат мекунад» [159].

Барои дарки ин раванд муайян намудани мафҳуми «дипломатияи об» ва заминаҳои ташаккули он зарур аст. Истилоҳи дипломатияи об («водная дипломатия», «water diplomacy» ва ё «гидродипломатия») аз нимаи дуввуми садаи XX дар адабиёти таърихӣ, сиёсӣ ва байналмилалӣ пайдо шуд. Бо ҷаҳонӣ шудани мушкилоти об ин самт дар фаъолияти дипломатӣ бештар густариш ёфт. Бо вуҷуди нав будани истилоҳ, мазмун ва решаҳои таърихии он аз давраҳои қадим маълкм буд. Дар рисолаи доктории С.З. Қувватзода «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» ҳамин хусусият чунин баён шудааст: «Мафҳуми дипломатияи об шаклан падидаи нав, вале мазмунан падидаи таърихӣ буда, он дар ҳамаи давраҳои таърихӣ дар муносибатҳои ҷонибҳои гуногунарсаи дорои вобастагиҳо ва умумиятҳои обӣ ба таври васеъ истифода гардидааст» [81].

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «дипломатияи об» ба таври ягона шарҳ дода намешавад. Олимону коршиносон ҳангоми муайян намудани мазмуни он ба решаҳои таърихӣ, вазифаҳои муосир ва доираи иштирокчиёни муносибатҳои об таваҷҷуҳи гуногун зоҳир мекунанд. Аз ин рӯ, муқоисаи дидгоҳҳои онҳо барои равшан сохтани ҷанбаҳои асосии ин падида зарур аст.

Гидродипломатия барои ташкили муколама ва мубодилаи маълумот воситаҳои гуногун дорад. Аз ҷумла, майдонҳои муштарак ва гурӯҳҳои корӣ имкони баррасии масъалаҳоро бо иштироки тарафҳои манфиатдор фароҳам меоранд. Фаъолияти чунин сохторҳо метавонад ба тавофуқ дар бораи идоракунии муштараки захираҳои об ва таҳкими ҳамкории устувор мусоидат кунад.

«Ле Куанг Тхен дар фаҳмиши дипломатияи об ба истифодаи гуфтушунид, муколама ва ҳамкорӣ миёни ҷонибҳои манфиатдор аҳаммият медиҳад. Ин воситаҳои дипломатӣ барои ҷустуҷӯйи ҳалли баҳсҳои марбут ба захираҳои муштараки об истифода мешаванд. Дар чунин бардошт вазифаи асосии дипломатияи об коҳиш ва бартараф намудани ихтилофҳо буда, натиҷаи мавриди интизор таҳкими сулҳ, ҳамкорӣ ва субот аст» [147].

«С.З. Қувватзода ҳангоми таҳқиқи дипломатияи об миёни шакл ва мазмуни истилоҳ ва қадим будани мазмуни он фарқ мегузорад. Аз дидгоҳи ӯ, муносибатҳои тарафҳое, ки ба захираҳои умумии об вобастаанд, дар давраҳои гуногуни таърихӣ унсурҳои ин навъи дипломатияро дар бар гирифтаанд. Бинобар ин, дипломатияи об дар шакли муосири худ низ бар таҷрибаи таърихии чунин робитаҳо такя мекунад» [62].

Мафҳуми «дипломатияи об»-ро Д. Р. Зиганшина бо нақши муҳимми об дар сиёсати хориҷии давлатҳои соҳилӣ пайванд додааст. Дар ин бардошт музокироти дуҷониба ва бисёрҷониба, ҳамчунин,

дигар воситаҳои муфиди танзими ихтилофҳои обии байни ин давлатҳо ҷойгоҳи асосӣ доранд.

Тағйири босуръати иқлим ва таъсири он ба захираҳои об доираи масъалаҳо ва иштирокчиёни дипломатияи обро васеъ кардаанд: «Мураккаб шудани норасоии об боис мегардад, ки ҳамкорӣ аз муносибати ду давлати дорои ҳавзаи муштарак фаротар равад ва кишварҳои сеюмро бо созмонҳои байналмилалӣ низ ҷалб намояд. Аз ҳамин сабаб, дар солҳои охир «дипломатияи об» ба маънои васеъ барои тавсифи ҳамкории ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар роҳи таъмини амнияти обӣ истифода мешавад. Ҳукуматҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд дар ин раванд дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ иштирок кунанд» [144].

Адреа К. бо истинод ба «Луғати дипломатӣ» [58] пешниҳод мекунад, ки дипломатияи об ҳамчун ҷузъи дипломатия тавассути мафҳумҳои асосии ҳамин соҳа шарҳ дода шавад. Барои ин, муайян, намудани хусусияти масъалаҳои обӣ дар доираи таърифи умумии дипломатия кофист: «Агар дар адабиёти тахассусӣ таъбири «дипломатияи муосир воситаи татбиқи сиёсати хориҷии давлат» истифода гардад, дипломатияи муосири обро метавон ҳамчун «амалӣ намудани сиёсати хориҷии давлат дар соҳаи об» тавзеҳ дод. Ибораҳои «дар соҳаи хоҷагии об» ва «масъалаҳои об» низ ҳамин доираи татбиқро мушаххас мекунанд» [87].

Ю. Х. Рысбеков ҳангоми таҳқиқи дипломатияи об ба воситаҳои татбиқ ва субъектҳои иштирокчии он таваҷҷуҳ намуда, се ҷанбаи ба ҳам алоқаманди онро ҷудо мекунад:

- «дипломатияи об ҳамчун воситаи сиёсати хориҷӣ маҷмуи тадбирҳо ва усулҳои амалиро дар соҳаи об фаро мегирад, ки вобаста ба вазъият ва вазифаҳои мушаххас интихоб мешаванд;

- дар сатҳи фаъолияти расмӣ он амалҳои сарони давлатҳо, ҳукуматҳо, мақомоти махсус ва намояндагони давлатҳоро барои пешбурди сиёсати хориҷӣ оид ба масъалаҳои об дар бар мегирад;

- дар ҷанбаи касбӣ бошад, дипломатияи об фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор барои ифода ва ҳифзи манфиатҳои давлату шаҳрвандон дар муносибатҳои обӣ бо дигар давлатҳо мебошад» [72].

М. Едалиева ҳангоми баррасии ҷанбаҳои мухталифи дипломатияи об ба бисёрсамтӣ будани ин падида такя намуда, мазмуни мафҳуми «дипломатияи об»-ро аз ҳамин дидгоҳ шарҳ медиҳад.

Ба андешаи ин муҳаққиқ, таркиби иштирокчиён ва сатҳи робитаҳо барои муайян кардани дипломатияи об аҳаммият доранд. Он метавонад дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ амалӣ шуда, ба такмили идоракунии захираҳои об ва густариши ҳамкории марбут ба онҳо равона гардад. Ҳамин пайвастагии идоракунӣ ва ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки дипломатияи об ба таҳкими сулҳу субот ва ҳамгироии минтақавӣ мусоидат намояд.

«М. Едалиева дар тавзеҳи васеи дипломатияи об иштироки доираҳои гуногунро дар сатҳҳои мухталиф дар назар дорад. Аз нигоҳи ӯ, ин раванд ҳалли масъалаҳои захираҳои об ва танзими низоъҳои обиро бо пешбурди ҳамгироӣ ва ҳамкории минтақавӣ мепайвандад» [61].

Дар таҳлили дипломатияи об фарқ гузоштан миёни шакли классикӣ ва муосири он имкон медиҳад, ки таҳаввули мазмуни ин падида равшан гардад. Шакли классикии он таърихи тулонӣ дошта, ба фаъолияти дастаҷамъонаи сокинони ҳудуди муштарак барои бунёди иншооти обрасонӣ бармегардад [81]. Кофтани наҳру ҷӯйҳо, кашидани хатҳои обрасонӣ, сохтани ҳавзу дарғот, обёрии киштзору маҳалҳои истиқоматӣ ва танзими маҷрои дарёҳо, аз навъҳои ҳамин фаъолият

буданд. Дар ҷомеаи феодалӣ ва тамаддуни кишоварзӣ чунин корҳо ба кӯшиши муштарак ниёз доштанд, зеро имкони шахсон ё қавму қабилаҳои алоҳида барои иҷрои онҳо басанда набуд.

Бо ташаккули давлатҳои миллӣ ҳамкории обӣ тадриҷан шакли расмӣ гирифт ва дар шартномаҳои байнидавлатӣ инъикос ёфт. Созишномаҳои нахустин, пеш аз ҳама, муносибатҳои давлатҳои як ҳавзаи обиро танзим мекарданд. Аз нимаи дуввуми асри XX мураккаб шудани масъалаҳои об мазмуни ин санадҳоро низ васеъ намуд. Идоракунӣ ва ҳифзи захираҳо, дастрасии аҳолӣ ба оби кофии нӯшокӣ, пешгирии коҳиши оби ширин дар шароити тағйирёбии иқлим ва истифодаи оқилонаву одилонаи дарёҳои фаромарзӣ ба доираи онҳо ворид шуданд. Ҳамин тавр, муносибатҳои шартномавии обӣ бо вазифаҳои рушди устувор бештар пайванд ёфтанд.

Рӯйкардҳои илмӣ ба дипломатияи об вобаста ба ҷанбаи мавриди таҳлил аз ҳам фарқ мекунанд. А. Омарова онро ҳамчун «маҷмуи талошҳои дипломатие, ки ба идоракунии захираҳои оби фаромарзӣ бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳо равона гардидаанд» [119] тавсиф менамояд. Дар ин фаҳмиш музокирот, созишномаҳои байналмилалӣ, ташаббусҳои бисёрҷониба ва стратегияҳои муштараки об ҷойгоҳи асосӣ доранд. Д. Р. Зиганшина дар таҳқиқоти «Нақши дипломатияи об дар таъмини амнияти обӣ» ба натиҷаҳои идоракунӣ ва таносуби манфиатҳо таваҷҷуҳ намуда, дипломатияи обро ҳамчун «воситаи муҳимми таъмини идоракунии самаранок, устувор ва одилонаи захираҳои муштараки об, таъмини мувозинати манфиатҳои марбут ба истиқлолияти миллӣ ва ҳамзамон таҳкими ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ» [144] мефаҳмад.

Агентии «Блю Пис Осиёи Марказӣ» (Blue Peace Central Asia) дипломатияи обро «гидродипломатия» меномад ва онро ҳамчун «маҳорат, ки тавассути он тарафҳо оид ба масъалаҳои об ба тавофуқ

мерасанд» [159] муайян мекунад. Гидродипломатия дар ин ҳолат на танҳо гуфтушунидҳо, балки ҳамбастагии стратегӣ, иштирок дар нақшаҳои якҷоя, тақвияти иқтидор ва мубодилаи маълумотро дар бар мегирад. Тавре ки С. З. Қувватзода хотирнишон менамояд: «Маҷмуи васеи воситаҳои гидродипломатия иборатанд аз таъсиси платформаҳои муштарак ё ташкили гурӯҳҳои кории муштарак, ки ба муколама, мубодилаи маълумот ва иттилоот имкон медиҳанд ва дар ниҳоят ба созиш дар бораи идоракунии муштараки захираҳои ягонаи обӣ оварда мерасонанд» [81].

Дар маҷмуъ, тавре ки дар рисолаи доктории Қувватзода С.З. хулоса гардидааст: «Дипломатияи об гуфта, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлатҳои дорои дарёҳои фаромарзиро доир ба ҳалли мусолиматомези масъалаҳои обӣ, идоракунӣ ва истифодаи босамари захираҳои обӣ ва ҷойгоҳи захираҳои обӣ дар низоми сиёсати хориҷии давлатро меноманд» [81]. Ин таъриф аз нигоҳи илмиву методологӣ дорои аҳаммияти вижаест, зеро он дипломатияи обро ҳамчун қисми таркибии низоми сиёсати хориҷии давлат арзёбӣ мекунад ва аҳаммияти онро ба ҳалли мушкилоти техникии об маҳдуд намесозад.

Хусусияти табиии об яке аз заминаҳои асосии пайдоиши дипломатияи об аст. Гардишу ҳаракати доимии он аз марзҳои давлатӣ ва маъмурӣ фаротар меравад ва ҳамин ҳолат муносибати муштараки давлатҳоро талаб мекунад. «Дар бонки маълумоти «Форуми ҷаҳонии об» зиёда аз 276 дарёи фаромарзӣ ва беш аз 270 ҳавзаи обҳои зеризаминии фаромарзӣ зикр шудаанд. Ҳамчунин, 261 ҳавзаи об дар қаламрави ду ё зиёда давлат ҷойгир буда, 75 дарсади масоҳати 50 кишвари ҷаҳон ба ҳудуди ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ рост меояд» [157]. Ин нишондиҳандаҳо доираи байналмилалии масъалаҳои обро равшан сохта, зарурати истифодаи воситаҳои дипломатиро асоснок мекунанд.

Дар маълумоти мавҷуда барои давраи аз соли 805 то соли 1984 беш аз 3600 шартномаи ҳамкорӣ дар соҳаи об ба қайд гирифта шудааст [80]. Дар даҳсолаҳои охир шумораи чунин созишномаҳо афзуда, ҳамкорӣ дар баробари муносибатҳои давлатҳои алоҳида дар сатҳҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ низ густариш меёбад. Доираи он тадриҷан масъалаҳои гуногуни истифода ва идоракунии обро фаро мегирад. Ю. Х. Рисбеков мураккабии расидан ба тавофуқро бо чунин мисол нишон медиҳад: «Барои ба даст овардани созиш доир ба истифодаи муштараки оби дарёи Ҳинд 10 сол, дарёи Ганга 30 сол ва барои дарёи Урдун 40 сол вақт лозим омадааст» [72]. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки дипломатияи об метавонад раванди тӯлонӣ бошад ва барои ҳамоҳанг сохтани манфиатҳои мухталиф талоши пайвастаро талаб кунад.

Г. Ч. Акунова дар мақолаи худ «Хусусиятҳои дипломатияи об дар Осиёи Марказӣ» чунин таъкид мекунад: «Омили об ба хусусияти муносибатҳои байни давлатҳо таъсири бештар мерасонад. Об марзҳои сиёсӣ ё миллиро эътироф намекунад, ки ин давлатҳоро аз ҷиҳати истифодаи об вобаста ба якдигар мегардонад» [88]. Ҳамин вобастагӣ зарурати ҳамкории давлатҳоро дар ҳавзаҳои муштарак ба миён оварда, онҳоро ба бознигарии қолабҳои куҳнаи муносибат дар доираи мантиқи «бурду бохт» водор месозад.

Рушд ва афзоиши аҳаммияти дипломатияи обро чанд омили воқеӣ шарҳ медиҳад. Омили аввал, зиёд шудани талаботи ҷаҳонӣ ба об мебошад. Мувофиқи гузориши ЮНЕСКО ва Барномаи оби СММ, истифодаи об дар ҷаҳон дар давоми 100 соли охир шаш баробар афзуда, афзоиши солонаи он ҳоло тақрибан 1 дарсадро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, «беш аз 2 миллиард нафар ҳанӯз ба оби нӯшокии бехатар дастрасии мустақим надоранд. Тағйирёбии иқлим ва афзоиши аҳолӣ метавонанд доираи ин мушкилотро васеътар кунанд» [24]. Дар чунин

шароит ҳамкории байналмилалӣ барои мувофиқ сохтани талабот ва имкониятҳои истифодаи об аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Дуввум, вобастагии мутақобилаи байнидавлатӣ аз ҳавзаҳои ягонаи обӣ. Тибқи маълумоти Форуми ҷаҳонии об, баъзе кишварҳо дар таъмини об бештар ба кишварҳои ҳамсоя вобастаанд. Аз ҷумла, Қувайт 100 дарсад, Туркманистон 97,1 дарсад, Миср 96,9 дарсад, Маҷористон 94,2 дарсад ва Ӯзбекистон 77,4 дарсади ниёзи худро аз ҳисоби оби аз кишварҳои дигар воридшаванда қонеъ мегардонанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин нуқтаи назар 16,7 дарсади захираҳои оби хешро аз кишварҳои ҳамсоя, пеш аз ҳама, аз Қирғизистон мегирад. Аммо айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи асосии захираҳои оби тозаи Осиёи Марказӣ буда, беш аз 60 дарсади обҳои минтақа аз қаламрави он сарчашма мегиранд [157]. Ин ҳолати хосси ҷуғрофиё яъне давлати болооб ва поёноб будан дар самтҳои гуногун, ба дипломатияи оби Тоҷикистон хусусияти мураккаб ва аҳаммияти хос мебахшад.

Зарурати ҳамкории дипломатӣ дар соҳаи об дар баъзе конвенсияҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, Конвенсия оид ба ҳифз ва истифодаи обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалии Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо (Конвенсияи Ҳелсинки, 1992) [9] заминаи ҳуқуқии ҳамкории минтақавиро оид ба захираҳои муштарак муайян мекунад. Дар он принсипи пешгирӣ, принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» ва ба назар гирифтани манфиатҳои наслҳои имрӯзаю оянда пешбинӣ шудаанд. Мутобиқи принсипи пешгирӣ, тадбирҳои ҷилавгирӣ аз ифлосшавӣ набояд ба таъхир гузошта шаванд. Санад барои таҳлили ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи идоракунии об аҳаммияти методологӣ дорад.

Заминаи дигари ҳуқуқӣ Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи истифодаи маҷроҳои ғайрикиштигардии оби байналмилалӣ (1997)

мебошад [10]. Принсипҳои он дар таҳияи созишномаҳои минтақавӣ ва ҳавзавии захираҳои об истифода мешаванд. Дар ин санад истифодаи одилона ва оқилонаи об ва пешгирии зарар ба давлатҳои дигар мебошад. Ин ду принсип барои танзими истифодаи муштараки об ва ташаккули заминаҳои умумии ҳуқуқии дипломатияи он аҳаммияти ҷиддӣ доранд.

Дар Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 [16] масъалаҳои об дар доираи ҲРУ-6 - «Оби тоза ва беҳдошт» мавқеи алоҳида доранд. Ҳадафҳои он дастрасии умумӣ ва баробар ба оби нӯшокии бехатару арзон то соли 2030, беҳтар намудани дастрасӣ ба беҳдошту санитария, баланд бардоштани сифати об бо роҳи коҳиши ифлосшавӣ ва афзоиши самаранокии истифодаи обро дар бар мегиранд. Дипломатияи об тавассути ҳамоҳанг сохтани талошҳои давлатҳо ва дигар иштирокчиён метавонад барои пешбурди ин ҳадафҳо дар сатҳи байналмилалӣ хидмат намояд.

Г. Ч. Акунова ҳангоми таҳлили Осиёи Марказӣ истифодаи муштараки обҳои Амударё ва Сирдарёро асоси муносибатҳои ҳавзавии минтақа медонад [88]. Сарчашмаҳои кӯҳии ин дарёҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҲРУ-6 - «Об ва беҳдошти тоза» Қирғизистон ҷойгир буда, оби онҳо ба ҳудудҳои пастдаштии Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон мерасад. Чунин ҷойгиршавии ҳавзаҳо давлатҳои болооб - Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон - ва давлатҳои поёноб - Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистонро аз ҷиҳати истифодаи об ба ҳам вобаста месозад. Талаботи гидроэнергетика ва кишоварзии обёришаванда ҳамеша яксон нест ва метавонад ихтилофи манфиатҳоро ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ, ҳамоҳанг сохтани истифодаи об ба воситаҳои дипломатӣ ниёз дорад.

Дар чунин муҳити мураккаби геополитикӣ Эъломияи Нукус [13] (1995) ҳамчун аввалин санади баландсатҳи минтақавӣ аҳаммияти

дипломатии обро дар Осиёи Марказӣ расман эълон кард, ки дар он кишварҳои минтақа аҳаммияти ҳамкории бисёрҷонибаро дар идоракунии обҳои фаромарзӣ тасдиқ намуданд. Созишномаи Алмаато (1992) [19] Комиссияи байнидавлатии мувофиқсозии соҳаи хоҷагии оби Осиёи Марказӣ (КБМО)-ро таъсис дод ва принсипи истифодаи муштараки обро барои кишварҳои минтақа мустаҳкам кард. Ин санадҳо нишон медиҳанд, ки дипломатияи об дар Осиёи Марказӣ аз оғоз ба авлавиятҳои ҳамкориҳои минтақавӣ шомил буда, то имрӯз яке аз мавзуъҳои марказии дипломатияи минтақавӣ боқӣ мемонад.

Баррасии ин масъалаҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан гарданд. Ҷанбаҳои ҳуқуқиву сиёсии он бо мавқеи ҷуғрофӣ ва таркиби захираҳои обии кишвар пайванди мустақим доранд. Дар манбаи мавриди истифода ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 дарсади захираи оби минтақа ва 60 дарсади захираи оби тозаи Осиёи Марказӣ нишон дода шудааст [91]. Ин нишондиҳандаҳо барои тавсифи ҷойгоҳи ҷумҳурӣ дар муносибатҳои обии минтақа истифода мешаванд. Тамаркузи қисми зиёди захираҳо дар пиряхҳо ва дарёҳои фаромарзӣ бошад, ба ин ҷойгоҳ аҳаммияти махсуси геополитикӣ мебахшад.

Тавре С. З. Қувватзода зикр кардааст: «Дипломатияи об воситаи амалигардонии сиёсати хориҷии давлатҳо оид ба масъалаҳои об, ки маҷмуи тадбирҳои амалӣ, усулҳои бо назардошти шароити мушаххас ва хусусияти вазифаҳои ҳалшаванда татбиқшаванда, инчунин фаъолияти расмии сарони давлатҳо, ҳукуматҳо, ниҳодҳои махсус ё намояндагони давлат дар татбиқи сиёсати берунӣ оид ба масъалаҳои об ва ё фаъолияти касбии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба ифода намудан ва ҳифзи манфиатҳои давлат ва шаҳрвандони он оид ба масъалаҳои об дар муносибат бо дигар давлатҳо мебошад» [62]. Ин

таъриф ҷойгоҳи дипломатияи обро дар низоми умумии сиёсати хориҷӣ аз дидгоҳи илмӣ шарҳ медиҳад.

Фаъолияти дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон дар се сатҳи ба ҳам пайваста баррасӣ кард. Сатҳи байналмилалӣ ташаббусҳои ҷаҳонии ҷумҳуриро дар Маҷмаи Умумии СММ ва конфронсҳои байналмилалӣ фаро мегирад. Дар сатҳи минтақавӣ ҳамкорӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ тавассути сохторҳои идоракунии об ва механизмҳои ҳамгироӣ амалӣ мегардад. Сатҳи дуҷониба бошад, музокирот ва созишномаҳо бо кишварҳои ҳамсояро дар бораи истифодаи обҳои фаромарзӣ дар бар мегирад. Пайвастагии ин се сатҳ барои пешбурд ва ҳифзи манфиатҳои миллии, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об имконият фароҳам меорад.

Моҳияти дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар се унсури бунёдии ба ҳам алоқаманд таҳлил кардан мумкин аст. Унсури аввал, ташаккули рӯзнома («agenda-setting»), яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши пешбарро дар мавриди ба рӯзномаи ҷаҳонии сиёсат ворид кардани мушкилоти об мебозад. Унсури дуввум, ниҳодикунонӣ ва ё ниҳодсозӣ («institution-building»), яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ниҳодҳои байналмилалиро дар соҳаи об ташвиқ менамояд ва дар онҳо иштироки фаъол дорад. Унсури сеюм, ташкили эътилофҳо («coalition-building»), яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон неруҳо, гурӯҳҳо, ташкилотҳо ва давлатҳои гуногунро дар атрофи ҳадафҳо ва манфиатҳои муштарак муттаҳид мекунад. Ин се унсур якҷо низоми дипломатияи оби Тоҷикистонро ҳамчун механизми ягона ва мунтазам ташкил медиҳанд: «Дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз доираи дипломатияи анъанавӣ берун рафта, хусусияти таҳаввулгароёнаро касб намудааст, зеро он на танҳо масъалаҳои обиро дар рӯзномаи байналмилалӣ матраҳ месозад, балки ба ташаккули меъёрҳо, ниҳодҳо ва механизмҳои нави ҳамкории ҷаҳонӣ дар соҳаи захираҳои об мусоидат менамояд» [156].

Таҷрибаи дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки давлати рӯ ба рушд метавонад захираҳои табиии худро барои густариши нуфузи байналмилалӣ истифода намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири қарни гузашта ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузаронида, баъдан ба масири рушди давлатӣ баргашт. Дар ин раванд пешбурди масъалаи об, ки барои кишварҳои дигар низ аҳаммияти ҳаётӣ дорад, ба таҳкими мавқеи байналмилалии ҷумҳурӣ мусоидат кард. Ин «стратегияи таҳкими нуфуз тавассути неъмати ҷамъиятӣ» дар адабиёти мавриди баррасӣ бо мафҳуми «захираҳои дипломатӣ» тавсиф мешавад. Мазмуни он истифодаи афзалияти захираи табиӣ барои рушди кишвар ва ҳалли масъалаҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун манбаи нуфузи дипломатӣ мебошад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон об ҳамин гуна захираи арзишманд аст, ки бисёр давлатҳо, бахусус кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба он ниёз доранд.

Ф. Н. Салимов дипломатияи обро аз самтҳое медонад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он метавонад имкониятҳои худро барои таҳкими мавқеи байналмилалӣ истифода намояд. Муаллиф ташаббусҳои ҷаҳонии кишвар дар соҳаи обро бо ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва иштироки фаъол дар рӯзномаи байналмилалии экологӣ мепайвандад [126, с. 17].

Таҳлили низомии дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон се хусусияти онро равшан месозад. Нахуст, имкониятҳои ҷонибҳо дар ин муносибатҳо яксон нестанд: Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати болооб аз ҷиҳати ҷойгиршавии захираҳои об бартарӣ дорад, вале имкониятҳои иқтисодиву низомии он нисбат ба баъзе давлатҳои поёноб маҳдудтаранд. Хусусияти дуввум, ба истифодаи воситаҳои «нарм» вобаста аст: муколама ва ташаббусҳои байналмилалӣ дар ин самти сиёсати хориҷӣ ҷойгоҳи асосӣ доранд. Хусусияти сеюмро метавон тадриҷан ҷамъ шудани натиҷаҳо номид (cumulative), зеро ҳар

ташаббуси нав бар таҷрибаи қаблӣ такя карда, мавқеи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тадриҷан таҳким мебахшад.

Баррасии моҳият, ҳадаф ва вазифаҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаи он аст, ки ин самт дар сиёсати хориҷии давраи соҳибистиқлол аҳаммияти назаррасро касб кардааст. Таҳлили луғавию методологии дипломатия робитаи ду вазифаи онро равшан намуд: ифодаю ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва расидан ба тавофуқ миёни тарафҳои манфиатдор. Дар соҳаи об ин вазифаҳо тавассути музокирот, ҳамгироӣ ва ҳамкории ҷонибҳо барои ҳалли мусолиҳатомези ихтилофҳо амалӣ мегарданд. Аз ин рӯ, дипломатияи об ҳам ҷанбаҳои техникиву гидрологии ҳамкорӣ ва ҳам мазмуни сиёсиву дипломатии танзими муносибатҳоро фаро мегирад.

Моҳияти дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро табдил додани имкониятҳои захираи табиӣ ба сармояи сиёсии байналмилалӣ ифода мекунад. Кишвар дар баробари дорои захираҳои бузурги обӣ будан, аз ҷиҳати имкониятҳои иқтисодӣ нисбат ба бисёр давлатҳо маҳдудият дорад. Дипломатияи об барои мувозинати ин таносуб хидмат мекунад: Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои обро дар доираи забони сиёсӣ ва ҳуқуқии байналмилалӣ матраҳ намуда, онҳоро ба мавзуи ташаббусҳои ҷаҳонӣ табдил медиҳад.

Ҳадафҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳҳои стратегӣ, тактикӣ ва амалиётӣ ба ҳам пайвастаанд. Онҳо амнияти миллии об, рушди гидроэнергетика, таҳкими нуфузи байналмилалӣ ва пешбурди меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар бар мегиранд. Барои расидан ба ин ҳадафҳо шаш вазифаи асосӣ намояндагӣ, иттилоотдиҳӣ, музокирот, пешниҳоди ташаббусҳо, ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳамкории минтақавӣ амалӣ мешаванд. Ин вазифаҳо ҳамдигарро комил карда, низоми ҳамоҳанги пешбурди манфиатҳои стратегии кишварро ташкил медиҳанд.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳлили амалии дипломатияи муосир аҳаммият дорад. Кишвар, бо вуҷуди маҳдуд будани имкониятҳои иқтисодӣ ва низомӣ, тавонист масъалаи обро ҳамчун «нуқтаи меҳварӣ» барои фаъолияти байналмилалии худ интихоб намояд. Ниёзи умумии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба об имкон дод, ки ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули рӯзномаи ҷаҳонии об таъсир расонида, нуфузи байналмилалии кишварро афзоиш диҳанд. Ин таҷриба барои дигар давлатҳои рӯ ба рушд низ аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки роҳҳои истифодаи «захираҳои табиии муштараки байналмилалӣ»-ро дар таҳкими мавқеи дипломатӣ нишон медиҳад.

2.2. Нақши дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид

Тағйири иқлим, коҳиши захираҳои табиӣ, афзоиши аҳолӣ ва шиддати рақобати геополитикӣ барои дастрасӣ ба манбаъҳои ҳаётан муҳим, аз хусусиятҳои вазъи муосири ҷаҳон мебошанд. Дар чунин шароит дипломатияи об соҳаи махсуси фаъолияти сиёсиву дипломатиро ташкил медиҳад, ки тавассути он давлатҳо манфиатҳои худро мувофиқ месозанд, эътимоди мутақобилро тақвият медиҳанд ва барои пешгирии ихтилофҳои марбут ба об роҳ меҷӯянд. Аҳаммияти стратегии ин фаъолият, пеш аз ҳама, дар минтақаҳое зоҳир мешавад, ки кишварҳои онҳо аз ҷиҳати гидрологӣ ба ҳам вобастаанд. Барои давлатҳое, ки дар ташаккули захираҳои оби фаромарзӣ нақши калидӣ доранд, чунин вобастагӣ масъалаи обро ба ҷузъи муҳимми сиёсати хориҷӣ табдил медиҳад.

Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми обии Осиёи Марказӣ нақши онро дар рушди сарчашмаҳои асосии захираҳои оби минтақа муаян мекунад. Аз оғози соҳибистиқлолӣ масъалаҳои об дар сиёсати хориҷии кишвар тадриҷан мақоми афзалиятнок пайдо кард.

Дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар посух ба талаботи дохилии рушди устувор ва амнияти экологӣ ташаккул ёфта, ҳамзамон, ба муаррифии байналмилалии давлат ва таҳкими симои сиёсии он хидмат намуд. Пешбурди пайвастаи ташаббусҳо дар СММ ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ ба кишвар имкон дод, ки мавқеи худро ҳамчун давлати масъул ва ҷонибдори ҳамкории ҷаҳонӣ дар соҳаи об нишон диҳад. Бино бар ин, ин раванд ҳам ба ниёзҳои рушди миллӣ ва ҳам ба густариши иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ алоқаманд аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги об дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ дар ташаккул ва рушди дипломатияи об мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Дар шароити муосир, ки масъалаҳои вобаста ба норасоии об, тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ ва истифодаи ғайримуътадили захираҳои табиӣ ба мушкилоти ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд, дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи муҳимми таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи ҲРУ-и СММ баромад мекунад. Маҳз тавассути ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи об ба яке аз самтҳои афзалиятноки рӯзномаи ҷаҳонии рушд мубаддал гардид ва дар доираи он, заминаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ниҳодии татбиқи ҳадафҳои рушди устувор тақвият ёфтанд.

Баланд гардидани ҷойгоҳи масъалаҳои об дар сиёсати ҷаҳонӣ яке аз натиҷаҳои асосии дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ташаббусҳои пайгиронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалиро ба истифодаи оқилона ва устувори об равона сохт. Соли байналмилалии оби тоза (2003), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005–2015), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013) ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018–2028)

марҳилаҳои пайвастаи ҳамин равандро ташкил медиҳанд. Тавассути ин иқдомҳо робитаи об бо рушди устувор дар рӯзномаи байналмилалӣ тақвият ёфт. Аз ин ҷиҳат, аҳаммияти онҳо барои амалисозии ҳадафҳои марбут ба об, бахусус, Ҳадафи 6 таъмини дастрасии ҳамагон ба оби тоза ва беҳдошт, равшан мегардад.

Барои муайян кардани нақши дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҲРУ-и СММ, зарур аст ҳадафҳои онро дар робита бо вазифаҳои рушди устувор баррасӣ намоем. Чунин баррасӣ имкон медиҳад нишон диҳем, ки манфиатҳои кишвар дар соҳаи об чи гуна бо ҳадафҳои СММ мувофиқ мешаванд ва барои танзими робитаҳои субъектҳои муносибатҳои дипломатӣ замина фароҳам меоранд.

Ҳадафҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон самти сиёсати хориҷӣ дар сатҳҳои ба ҳам вобаста ташаккул ёфта, аз рӯйи муҳлати амалу мазмун ба ҳадафҳои стратегӣ ва тактикӣ ҷудо мешаванд. Дар сатҳи стратегӣ таъмини амнияти миллии об ва ҳимояи ҳуқуқи кишвар ба идоракуниву истифодаи захираҳои оби худ мақоми асосӣ доранд. Дар ин маврид истифодаи захираҳо бо принсипи «соҳибихтиёрии оқилона»-и об пайванд мегирад: «Дар ин замина, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар масъалаи истифодаи захираҳои обии фаромарзӣ метавон дар асоси принсипи истифодаи одилона ва оқилонаи об, ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатҳои ҳавза ва эҳтироми ҳуқуқҳои соҳибихтиёрии онҳо шарҳ дод» [10].

Ҳадафи стратегии дуюми дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон - таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар тавассути истифодаи оқилона ва самараноки захираи гидроэнергетикии ғании кишвар мебошад. Тибқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ, захираи гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди 527 миллиард кВт соат дар сол аст, аммо ҳоло танҳо тақрибан 5 дарсади он истифода

мешавад. Рушди ин захира тавассути лоиҳаҳое, монанди Нерӯгоҳи «Роғун» ва CASA-1000 ба ноил шудан ба ҲРУ-7 («энергияи тоза») мустақиман вобастааст. Дипломатияи об дар ин ҳолат воситаи ҷалби маблағгузориҳои байналмилалӣ, таъмини иҷозатномаҳо ва дастгирии сиёсии ин лоиҳаҳо мегардад.

Ҷойгир сохтани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафи ташаббускорон ва иштирокчиёни фаъоли сиёсати ҷаҳонии об, ҳадафи сеюми стратегии дипломатияи обии кишвар мебошад. Амалисозии он, дар баробари баланд бардоштани нуфузи байналмилалӣ, метавонад натиҷаҳои иқтисодӣ низ дошта бошад: эътибори бештар барои ҷалби сармояи хориҷӣ, дастрасӣ ба технологияҳои пешрафта ва густариши ҳамкории техникӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаи дар маҷаллаи «Хроникаи Созмони Милали Муттаҳид» нашршуда аҳаммияти рӯзафзуни обро чунин баён мекунад: «Тамоюлҳои рушди ҷаҳонӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки арзиши об дар оянда метавонад аз арзиши нафт, газ, ангишт ва дигар захираҳои барои рушди устувори кишварҳо ва минтақаҳо муҳим болотар гардад» [20]. Ин арзёбӣ робитаи масъалаи обро бо дурнамои рушди устувор, амнияти иқтисодӣ ва ҳамкории давлатҳо нишон медиҳад. Ҳамин робита барои фаҳмиши мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун пешбарандаи ташаббусҳои ҷаҳонии об аҳаммият дорад. Ҳадафҳои тактикии дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон иборатанд аз: ташаккули низоми муколамаи байналмилалии обӣ бо ташаббусҳои мушаххас, ба тасдиқ расонидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи об, ки манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегиранд, фаъолона ширкат кардан дар созмонҳою ниҳодҳои байналмилалии соҳаи об, ташвиқи принсипи «истифодаи оқилона ва одилонаи захираҳои оби фаромарзӣ» ҳамчун меъёри ҳуқуқии байналмилалӣ ва дарёфти дастгирии байналмилалӣ

барои лоиҳаҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборатанд. Ҳар яке аз ин ҳадафҳои тактикӣ ба амалисозии ҳадафҳои стратегии болозикр мусоидат мекунад ва тавассути механизмҳои мушаххаси дипломатии обӣ амалӣ мегардад.

«Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [38] робитаи ҳадафҳои дипломатияи обиро бо чор ҳадафи стратегии иқтисодии кишвар - истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, амнияти озуқаворӣ ва беҳбуди вазъи иҷтимоии аҳолӣ - муайян месозад. Рушди гидроэнергетика, ки ба истиқлолияти энергетикӣ хидмат мекунад, ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи об тақозо менамояд. Содироти нерӯи барқ ба Осиёи Ҷанубӣ низ ба густариши робитаҳои обию энергетикӣ ва бартараф намудани маҳдудиятҳои коммуникатсионӣ алоқаманд аст. Дар навбати худ, таъмини амнияти озуқа аз ҳолати обёрӣ ва дастрасии кишоварзӣ ба захираҳои об вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дипломатияи об дар низоми рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи меҳварӣ дошта, самтҳои гуногуни сиёсати иқтисодию иҷтимоиро ба ҳам мепайвандад.

Дар «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» [28] самтҳои фаъолияти дипломатияи об мушаххастар ифода ёфтаанд. Барнома идомаи ташаббусҳои байналмилалии об, аз ҷумла, Даҳсолаи Об (2018–2028), ҳамчунин, густариши робитаҳоро бо созмонҳои байналмилалии соҳаи об пешбинӣ мекунад. Ин муқаррарот нишон медиҳанд, ки дипломатияи об дар банақшагирии миёнамуҳлати давлатӣ низ мақоми афзалиятнок дорад. Бо ворид шудани он ба барномаи рушди миллӣ, ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи об ҳамчун яке аз воситаҳои амалии таъмини рушди устувори кишвар баррасӣ мегардад.

Вазифаҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи таҳлили илмии сиёсатшиносӣ ба ду гурӯҳи асосӣ - вазифаҳои умумии

дипломатӣ (ки ҳамаи давлатҳо дар дипломатияи обӣ анҷом медиҳанд) ва вазифаҳои хосси дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (ки аз ҷойгоҳи беназири геополитикии кишвар бармеоянд) ҷудо мешаванд.

Вазифаи намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии обӣ. Дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бояд манфиатҳои миллиро дар масъалаҳои об ба ҷомеаи байналмилалӣ муаррифӣ ва ҳимоя намояд. Ин вазифа ду самти ба ҳам вобастаро фаро мегирад. Самти дохилӣ ба ҳуқуқи идоракунии захираҳои оби кишвар, ҳифзи пиряхҳо ва нигоҳдории захираҳои стратегии об дахл дорад. Самти берунӣ ҳимояи ҳуқуқи истифодаи обҳои фаромарзиеро дар бар мегирад, ки аз давлатҳои болооб, пеш аз ҳама, Ҷумҳурии Қирғизистон ворид мешаванд. Дар ин тасниф Нерӯгоҳи «Роғун» намунаи ҳимояи манфиатҳои дохилии обӣ ба шумор меравад, ҳол он ки музокироти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон ҷиҳати истифодаи об ба самти берунии ҳифзи манфиатҳо мансуб аст.

Фаъолияти намояндагии дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаббусҳои ҷаҳонии он ба таври мушаххас зоҳир мешавад: «Кишвар аз оғози пешбурди ин ташаббусҳо қабули як қатор қатъномаҳоро дар Маҷмаи Умумии СММ пешниҳод кардааст» [136]. Ба онҳо «Соли байналмилалии оби тоза (2003)» [18], «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005–2015)» [12], «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013)» [6], «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018–2028)» [17] ва «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (2025)» [7] дохил мешаванд. Ин санадҳо аз иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муаррифии манфиатҳои обии ҷомеаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳанд. Дар чунин фаъолият намояндагии манфиатҳои кишварҳои рӯ ба рушд дар сатҳи олии байналмилалӣ ҷойгоҳи махсус дорад.

Вазифаи таъмини иттилоотӣ ва таҳқиқи масъалаҳои об. Вазифаи дуввуми дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотдиҳӣ, таҳлил ва назорати вазъи захираҳои об ва иштирокчиёни ин мубоҳиса дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзномаи ҷаҳонии об нақши хосеро иҷро мекунад. Аз ҷумла, вазъи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оқибатҳои обшавии онҳо, ки тибқи тақиқоти А. Р. Нематов [110], пиряхҳои кишвар аз соли 1930 то кунун 30 дарсади масоҳати худро аз даст додаанд, ба рӯзномаи ҷаҳонии мубоҳиса оид ба тағйирёбии иқлим ва амнияти об ворид гардидааст.

Дар таҳқиқоти гуногун нишон дода мешавад, ки мубодилаи маълумот миёни давлатҳои дорои ҳавзаи ягонаи обӣ яке аз вазифаҳои марказии дипломатияи об аст. Ин вазифа аз ниёзи амалии давлатҳо ба иттилоот бармеояд: давлатҳои болооб дорои маълумоти бештар дар бораи вазъи захираҳои оби дарёҳо ҳастанд ва нашри ин маълумот барои давлатҳои поёноб ба банақшагирии беҳтари иқтисодӣ ва кишоварзӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, давлатҳои поёноб аксаран маълумоти беҳтаре дар бораи вазъи иқлими поёноб, ҳаҷм ва таркиби талабот ба об доранд, ки барои банақшагирии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати болооб аҳаммият дорад. Аз ин нигоҳ, мубодилаи маълумот дар дипломатияи оби ниёзи мутақобилаи тарафҳоро ифода мекунад, ки имкон медиҳад то ҳамкориро дар заминаи манфиатҳои мутақобил ба роҳ монд.

Вазифаи гуфтушунид ва ба тавофуқ расонидани тарафҳо. Вазифаи сеюм ва марказии дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва пешбурди гуфтушунидҳои байналмилалӣ дар бораи об мебошад. Ин вазифа дорои ду паҳлуи асосӣ аст: гуфтушунидҳо дар доираи механизмҳои мавҷудаи ҳамкории обӣ (КБМО, Шурои иттифоқи байналмилалии кишварҳои ҳавзаи баҳри Арал ва ғайра) ва ташаббусҳо

барои таъсиси механизмҳои нави ҳамкории об. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар ду самт нақши фаъол дорад.

Истифодаи муштараки обҳои Амударёву Сирдарё ва муайян кардани механизмҳои тақсимоти онҳо аз масъалаҳои асосии музокироти минтақавӣ мебошанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии онҳо иштирок мекунад. Пас аз соҳибистиқлол шудани давлатҳои Осиёи Марказӣ, номувофиқии меъёрҳои шуравии тақсимоти об ба манфиатҳои ҳамаи кишварҳои минтақа ошкор гардид. Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон барои обёрии киштзорҳо, асосан, дар фасли тобистон об талаб мекунанд. Манфиатҳои энергетикии Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Қирғизистон бошанд, зарурати захира намудани обро дар тобистон ва истифодаи онро барои истеҳсоли нерӯи барқ дар зимистон ба миён меоранд. Номувофиқии мавсимии ин талабот аз заминаҳои асосии мушкилоти обии минтақа ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯйи роҳҳои мувофиқсозии манфиатҳои мазкур яке аз вазифаҳои амалии дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Г. Ч. Акунова таъкид чунин мекунад: «Ҷузъи калидии дипломатияи муваффақонаи об дар минтақа ба назар гирифтани манфиатҳои мутақобила мебошад. Ин талаб мекунад, ки ҳамаи ҷонибҳо ба сари мизи гуфтушунид ҷалб карда шаванд ва раванди таҳияи консепсияи ягонаи идоракунии захираҳои об таъсис дода шавад» [88]. Аз ин андеша бармеояд, ки иштироки ҳамаи ҷонибҳо ва нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои онҳо, мазмуни асосии вазифаи музокиротии дипломатияи обро ташкил медиҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин самт равиши ташаббускоронаро пайгирӣ намуда, принсипи «об ҳамчун воситаи ҳамкорӣ, на ихтилоф»-ро ба асоси мавқеи расмии дипломатии худ табдил додааст.

Вазифаи пешбурди ташаббусҳои байналмилалӣ. Пешниҳоди ташаббусҳои нави об ва дарёфти ҷонибдорӣ барои қабули онҳо вазифаи чоруми дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин хусусият дар таърихи фаъолияти кишвар дар Маҷмаи Умумии СММ равшан дида мешавад: масъалаҳои об, ки қаблан дар рӯзномаи ҷаҳонӣ мақоми дуюмдараҷа доштанд, тадриҷан ба самтҳои афзалиятноки сиёсати ҷаҳонӣ ворид гардиданд: «Барои дарки муҳити сиёсиву ҳуқуқии чунин ташаббусҳо таснифи чор доктринаи истифодаи муштараки обҳои фаромарзӣ аҳаммият дорад. Доктринаи аввал соҳибихтиёрии мутлақи давлатро нисбат ба оби дар ҳудудаш ҷоришаванда эътироф мекунад. Мувофиқи доктринаи дуюм, обҳои фаромарзӣ ба ҳамаи давлатҳои ҳавза тааллуқ доранд. Доктринаи сеюм ҳавзаро ҳамчун воҳиди ягонаи гидрологӣ баррасӣ менамояд. Доктринаи чорум ҳуқуқи соҳибихтиёрии давлатҳоро дар ҳудуди худ эътироф намуда, ҳамзамон истифодаи обро бо зарурати ба назар гирифтани талаботи оқилонаи дигар давлатҳои ҳавза маҳдуд месозад» [106].

Дар пайдарҳамии ташаббусҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон мантиқи ягонаи рушд мушоҳида мешавад. Нахуст, масъалаи оби тоза дар доираи Соли байналмилалии оби тоза (2003) матраҳ гардид. Сипас Даҳсолаи «Об барои ҳаёт» (2005–2015) барои фаъолияти бисёрсолаи ҷаҳонӣ замина гузошт ва Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013) ин равандро ба сатҳи нави шарикӣ бароварда. Даҳсолаи дуюм – Об барои рушди устувор (2018–2028) пайванди масъалаҳои обро бо рушди устувор густариш дод. Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (2025) бошад, масъалаи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба рӯзномаи ҷаҳонии тағйирёбии иқлим пайваст намуд. Ин пайдарҳамиро дар доираи таҳқиқот метавон ҳамчун «стратегияи ташаббусҳои пайдарпай»

(«cumulative initiative strategy»1) тавсиф кард: ҳар ташаббуси нав ба натиҷаҳои иқдоми пешин такя карда, ба ҳадафи васеътар хидмат менамояд.

«Конфронси СММ оид ба об дар соли 2023» [11], ки бо ташаббуси муштараки Ҷумҳуриҳоии Тоҷикистону Нидерландия баргузор шуд, идомаи мантиқии стратегияи дарозмуддати ташаббусҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Он нахустин конфронси ҷаҳонии сатҳи баланд оид ба об пас аз соли 1977 ба шумор рафта, дар рушди дипломатияи оби кишвар марҳилаи муҳимро ташкил дод. Дар натиҷа, ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «об-давлат» (water-state), яъне давлате, ки дипломатияи он бо масъалаҳои об шинохта мешавад, боз ҳам устувортар гардид.

Вазифаи ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии об. Иштирок дар таҳияи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии об вазифаи панҷуми дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои дурнамои ин самт аҳаммияти хос дорад. Созишномаҳои танзимкунандаи истифодаи маҷрои обҳои байналмилалӣ, ба арзёбии коршиносон, муносибатҳои давлатҳоро устувор ва пешгӯишаванда месозанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин санадҳо мушаххас гардидани роҳҳои татбиқи принсипи «истифодаи оқилона ва одилонаи захираҳои оби фаромарзӣ» муҳим мебошад. Маҳз равшан будани тартиби татбиқи ин принсип метавонад ба мувофиқсозии манфиатҳои кишварҳои болообу поёноб мусоидат намояд.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ташаккул ва такмили меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии об ҳанӯз идома дорад. Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи истифодаи ғайрикиштигардии маҷроҳои оби байналмилалӣ (1997) принсипҳои умумиро муқаррар намуд [10], аммо механизмҳои

[1] Стратегияи ташаббуси кумулятивӣ – маҷмуи иқдомҳои дипломатии ба ҳам пайваста ва пайдарпай мебошад, ки дар натиҷаи ҷамъшавии таъсири онҳо давлат тавони таъсиргузорӣ ба рӯзномаи байналмилалӣ, ташаккули меъёрҳо ва рушди ҳамкориҳои бисёрҷонибаро ба даст меорад. Дар ин замина, дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намунаи барҷастаи стратегияи ташаббуси кумулятивӣ арзёбӣ мешавад.

мушаххаси татбиқи онҳо аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамоно ба такмил ниёз доранд. Дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ташаббусҳои мушаххаси байналмилалӣ, аз ҷумла, Конфронси СММ оид ба об (2023), дар ин раванд нақши созанда мебозад. Ба ин маъно, иштироки кишвар дар ташаккули меъёрҳои об аз доираи миллӣ фарохтар рафта, ба сатҳи ҷаҳонӣ пайванд мегирад.

Вазифаи таъмини ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об. Тақвияти робитаҳои обии давлатҳои Осиёи Марказӣ вазифаи шашуми дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҳам мубрамӣ ва ҳам мураккабии хос дорад. В. А. Духовний ва ҳаммуаллифони ӯ чунин таъкид мекунанд: «Мушкилоти оби Осиёи Марказӣ худ аз худ мушкили норасоии об нест, балки натиҷаи маҷмӯи ангезаҳои сиёсӣ, геополитикӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад» [60]. Ин хулоса зарурати баррасии мушкилоти минтақавии обро дар заминаи муносибатҳои сиёсӣ нишон медиҳад. Барои ҳалли онҳо дар баробари воситаҳои техникӣ, фаъолияти пайгиронаи дипломатӣ низ зарур аст. Ба ҳамин маъно, вазифаи дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин кардани заминаи сиёсӣ барои ҳамкории минтақавӣ дар истифодаи захираҳои об мебошад.

Намунаи ҳамоҳангсозии чунин манфиатҳоро Ф. Н. Салимов дар таҳқиқи ҳамкории стратегии Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон баррасӣ кардааст. Ӯ ба созишҳо оид ба истифодаи муштараки маҷмаи гидротехникии «Фарҳод» ва дурнамои бунёди муштараки неругоҳҳо дар дарёи Зарафшон таваҷҷуҳ намуда, аҳаммияти онҳоро барои рушди муносибатҳои дуҷониба ва суботи минтақа нишон медиҳад [125, с. 10]. Дар иҷрои ин вазифа Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори Комиссияи байнидавлатии мувофиқсозии обхоҷагии Осиёи Марказӣ (КБМО) ва Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал (ХБНА) фаъолона иштирок мекунад. Ин ду сохтор чаҳорчӯбаи механизми асосии ҳамкориҳои

минтақавии обро ташкил медиҳанд. Аз нигоҳи таҳлили С. С. Жилсова ва А. Бименова, «сиёсати кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ» [175] дар солҳои охир тадриҷан аз рӯйкарди «зидди ҳам» ба рӯйкарди «ба манфиати мутақобил» гузашта истодааст, ки ин ба нуфузи дипломатии оби кишварҳои бонуфузтари минтақа, аз ҷумла, Ҷумҳури Тоҷикистон алоқа дорад.

Ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об воситаи амалии иҷрои вазифаҳои дипломатияи об ба ҳисоб мераванд. С. З. Қувватзода рушди ҳамаҷонибаи ин дипломатияро ба соли 2013 мепайвандад. Заминаи он қатъномаи №65/154-и Маҷмаи Умумии СММ буд, ки 20-уми декабри соли 2010 бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, соли 2013-ро «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» эълон кард: «Дар доираи ташаббуси мазкур заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва ниҳодии рушди дипломатияи об дар сатҳи байналмилалӣ фароҳам оварда шуда, шакли муосири дипломатияи об мавриди арзёбии гуногунарсаи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт» [28]. Аз ин ҷиҳат, ташаббуси мазкур дар таърихи дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи гардишӣ буд. Дар идомаи он «консепсияҳои муосири идоракунии захираҳои обро дар пояи шакли муосири дипломатияи об дар шакл ва муҳтавои нав вориди муносибатҳои байналхалқӣ намуд» [28].

Пайгирии ташаббусҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иродаи сиёсӣ ва интихоби стратегии дарозмуддати роҳбарияти кишвар такя менамояд; аз ин рӯ, онро танҳо бо амалкарди механизмҳои расмии ҳуқуқӣ шарҳ додан кофӣ нест. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешбурди дипломатияи байналмилалии оби кишвар нақши асосиро иҷро мекунад. Т. Н. Назаров [69] сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз нимаи дуюми солҳои 1990-ум бо

пешниҳоди нахустин ташаббусҳои байналмилалии об ва равиши «истифодаи захираҳои табиӣ ҳамчун манбаи нуфузи дипломатӣ» тавсиф менамояд.

Тавре Х. Х. Хуррамов дар тадқиқоти худ таъкид менамояд, яке аз омилҳои таъсиргузор ба дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи нисбатан заифи иқтисодӣ ва вобастагии зиёди иқтисод аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Ин далел дипломатияи обро ҳамзамон ҳам воситаи таъмини манфиатҳои иқтисодӣ тавассути ҷалби сармоягузориҳо ба гидроэнергетика ва ҳам воситаи ҷалби кумаки байналмилалӣ барои рушди захираҳои оби кишвар табдил медиҳад [130]. Ин дугонагии нақшҳо хусусиятест, ки дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз дипломатияи бисёр давлатҳои дигари дорои захираҳои фаровони об фарқ мекунад.

Аз нигоҳи арзёбии илмӣ, дипломатияи оби Тоҷикистон ба ноил шудан ба ҲРУ-6 (Оби тоза ва беҳдошт) дар сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад ва «ҳамзамон, манфиатҳои оби миллии кишварро ҳифз ва манфиатҳои оби ҷомеаи ҷаҳонӣ ё ба вижа кишварҳои рӯ ба рушдро дар сатҳи байналмилалӣ намояндагӣ мекунад». Ин пайванди манфиатҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ин ду баъзан бо ҳам мувофиқ мешаванд ва баъзан ба якдигар зиддият доранд, дар асл, нишонаи балоғати стратегии сиёсати хориҷии кишвар аст.

Пайванди сиёсати байналмилалии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рушди устувор аз доираи масъалаи дастрасӣ ба об фарохтар аст. Гидроэнергетикаи «сабз», нигоҳдории пиряхҳо, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, коҳиши камбизоатӣ ва амнияти озуқа низ бо ин самти дипломатия иртибот доранд. Кишвар аз минбарҳои байналмилалӣ истифода намуда, ҳифзи пиряхҳоро ҳамчун шарти муҳимми амнияти ҷаҳонии об матраҳ сохтааст. Даъвати ҷомеаи ҷаҳонӣ

ба ҳамкорӣ барои ҳифзи манбаъҳои об ба пешбурди ҳамин ҳадафҳои ба ҳам вобаста равона гардидааст.

Ҳамин тавр, дипломатияи об яке аз механизмҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи татбиқи ҲРУ-и СММ мебошад. Тавассути он ҳамкории байналмилалӣ густариш ёфта, масъалаҳои амнияти об, ҳифзи муҳити зист ва рушди устувори минтақавию ҷаҳонӣ ба ҳам пайванд мегиранд. Иштироки фаъол ва ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа нишон медиҳанд, ки об дар муносибатҳои байналмилалии муосир, дар баробари захираи табиӣ будан, ба таъмини сулҳу субот ва рушди устувори ҷомеаи инсонӣ низ таъсир мерасонад.

Таъсири дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи ҲРУ-и СММ ҳам бо вазифаи ҳамоҳангсозии сиёсати хориҷӣ ва ҳам бо ташаккули симои байналмилалии давлат алоқаманд аст. Захираҳои бузурги об, мавқеи геостратегӣ ва ташаббусҳои пайвастаи кишвар имкон доданд, ки масъалаи об дар робита бо амнияти ҷаҳонӣ, ҳамкории давлатҳо ва рушди устувор матраҳ гардад. Дар натиҷа, мазмуни он аз доираи масъалаҳои иқтисодию экологӣ фарохтар шуд. Пешбурди ин дипломатия Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлати ташаббускор, сулҳпарвар ва ҷонибдори ҳалли дастаҷамъонаи мушкилоти ҷаҳонӣ муаррифӣ менамояд. Ҳамзамон, чунин фаъолият ба ташаккули фарҳанги ҳамгироии байналмилалӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, дипломатияи об дар баробари ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҳамчун яке аз воситаҳои қудрати нарм амал карда, эътибори байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳким мебахшад.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҲРУ-и СММ барои ташаккули тарҳи хосси дипломатияи об замина фароҳам овард. Дар ин тарҳ воситаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, гуманитарӣ ва экологӣ ба ҳам вобаста буда, ба дастрасӣ ба оби тоза, ҳифзи муҳити зист, ҳамкории байналмилалӣ ва амнияти инсонӣ хидмат мекунанд. Пешниҳоди

ташаббусҳо ва қабули қатъномаҳои марбут ба «Соли байналмилалии оби тоза», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», «Ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва «Об барои рушди устувор» ҳамин пайвастагиро ифода менамоянд. Кишвар сиёсати обро ба таҳкими суботи байналмилалӣ ва тавсеаи ҳамкории бисёрҷониба равона кардааст. Дар ҷараёни ин фаъолият мақоми байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан боло рафта, симои он ҳамчун давлати дорои нигариши стратегӣ ва сиёсати дурбинона устувортар гардид.

Саҳми дипломатияи об дар ташаккули симои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он бармеояд, ки кишвар тавассути ин самти сиёсати хориҷӣ арзишҳои умумибашариро пеш мебарад. Ҳамбастагӣ, масъулияти ҷаҳонӣ, ҳамзистии осоишта ва рушди устувор дар ташаббусҳои обии он мазмуни мушаххас пайдо мекунанд. Бо пешниҳоди ғояҳои нави ҳамкорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми байналмилалӣ ҳамчун иштирокчии ташаббускор амал менамояд. Ин фаъолият эътимоди сиёсиро нисбат ба кишвар афзуда, барои густариши имкониятҳои дипломатӣ ва геополитикии он замина мегузорад. Ба ин маъно, дипломатияи об майдони бисёрсамтаи фаъолияти сиёсиро ташкил медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он вазифаҳои ташаббускорӣ, миёнаравӣ ва мувофиқсозии манфиатҳои байналмилалиро иҷро мекунад.

Омӯзиши ташаккул ва рушди дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки робитаи сиёсати об бо нуфузи байналмилалӣ, суботи минтақа ва имкониятҳои дипломатии давлат мушаххас шавад. Аз ин рӯ, таҳқиқи он ҳам арзиши назарӣ ва ҳам аҳаммияти амалӣ дорад. Дар ин масъала такя ба донишҳои эмпирикӣ (таҷрибавӣ) зарур аст: таҷрибаи сиёсати хориҷии кишвар болоравии симои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо фаъолияти пайгирона ва ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мепайвандад. Ташаббусҳои умумиҷаҳонии Пешвои миллат ва сиёсати дурбинонаи ӯ ба масъалаи об дар дипломатияи тоҷик мақоми калидӣ бахшиданд. Ҳамин фаъолият ба муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маркази муҳимми муколамаи байналмилалӣ оид ба захираҳои об мусоидат намуд.

Баррасии дипломатияи об ҳамчун яке аз шаклҳои татбиқи ҲРУ-и СММ барои дарки саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули ҳамкории байналмилалӣ замина фароҳам меорад. Дар ин баррасӣ шароити оғози ташаббусҳои кишвар низ аҳаммият дорад: Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии обро дар давраи баъдиҷангӣ оғоз намуд, замоне ки рафъи мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва низомӣ аз вазифаҳои асосии он буд.

Пешбурди дипломатияи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми пайвастаи ташаббусҳои байналмилалиро ба вуҷуд овард, ки ба татбиқи ҲРУ-и СММ хидмат мекунад. Ин низом имрӯз аз ҷузъҳои муҳимми сиёсати хориҷӣ ва воситаҳои таҳкими мавқеи байналмилалии давлат ба ҳисоб меравад. Сиёсати ҳадафманди кишвар имкон дод, ки масъалаи об аз доираи маҳдуди минтақавӣ ба рӯзномаи ҷаҳонӣ ворид шуда, барои ҳамкориву ҳамгироии байналмилалӣ имкониятҳои нав фароҳам оварад. Дар ҳамин замина «Раванди оби Душанбе» ҳамчун майдони бисёрсатҳаи сиёсиву дипломатӣ ташаккул ёфт. Он муколамаи ҷаҳониро оид ба захираҳои об, рушди устувор ва амнияти экологӣ дастгирӣ менамояд. Мунтазам баргузор шудани чорабиниҳои ин раванд ба тақвияти воситаҳои сиёсӣ, ниҳодӣ, ҳуқуқӣ ва илмию таҳқиқотии идоракунии об мусоидат кардааст. Дар доираи он дастрасӣ ба оби тоза, истифодаи оқилонаи захираҳо, коҳиши хавфи офатҳои табиии марбут ба об, робитаи обу иқлим ва амнияти обӣ дар пайванд бо принсипҳои рушди устувор баррасӣ мешаванд.

Раванди оби Душанбе аз маҷмуи ҳамоишҳо ва чорабиниҳои мунтазами байналмилалӣ иборат аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро бо ҳамкории СММ, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ва кишварҳои гуногуни ҷаҳон баргузор мекунад. Вазифаи он пешбурди сиёсати ҷаҳонии об ва ҳамоҳанг кардани кӯшишҳо барои татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор мебошад. Ҳамчун яке аз майдонҳои муҳимми дипломатияи муосири об, ин раванд ба густариши робитаҳои фаромиллӣ, идомаи муколамаи сиёсӣ ва ташаккули ҳамгироии байналмилалӣ дар соҳаи об хидмат мекунад. Баргузории чунин чорабиниҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон додааст, ки фаъолияти худро ҳамчун ташаббускори ҳалли мушкилоти ҷаҳонии об ва субъекти фаъоли сиёсати байналмилалӣ муаррифӣ намояд.

Заминаҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX ташаккул ёфтанд. Дар он давра кишвар, бо вуҷуди мушкилоти пасоҷангӣ ва идомаи барқарорсозии сиёсиву иҷтимоӣ, самти дурнамои сиёсати хориҷии худро дар масъалаҳои об муайян намуд. Нахустин ташаббуси байналмилалӣ дар ин соҳа 1-уми октябри соли 1999 дар Иҷлосияи 54-уми МУ-и СММ пешниҳод шуд. Дар пайи он 20-уми декабри соли 2000 МУ-и СММ соли 2003-ро «Соли байналмилалии оби тоза» [18] эълон кард. Аҳаммияти сиёсиву дипломатии ин иқдомро шароити ҳамонвақтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан месозад: давлат ҳанӯз паёмадҳои ҷанги шаҳрвандиро бартараф мекард ва бо мушкилоти иқтисодию амниятӣ рӯ ба рӯ буд. Бо вуҷуди ин, масъалаи об дар сиёсати хориҷӣ мақоми афзалиятнок гирифт. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки дипломатияи об аз оғоз ба рушди ҳамкории бисёрҷониба, таҳкими суботи байналмилалӣ ва болоравии нақши Тоҷикистон дар муносибатҳои ҷаҳонӣ равона гардида буд.

Форуми байналмилалии оби тоза аз 29-уми август то 1-уми сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе дар доираи «Соли

байналмилалии оби тоза» баргузор гардид. Дар он намояндагони зиёда аз панҷоҳ кишвар ва даҳҳо созмони байналмилалӣ иштирок карданд. Баргузории ин ҳамоиш дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аҳаммияти сиёсӣ ва ҳам маънои рамзӣ дошт: кишвар имкони истифодаи масъалаи обро барои дипломатияи созанда ва таҳкими робитаҳои байналмилалӣ нишон дод. Аз ҳамин марҳила фаъолияти обии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти устувортари байналмилалӣ пайдо кард. Он ба таҳкими мақоми кишвар ҳамчун ташаббускори масъалаҳои ҷаҳонии об ва фароҳам овардани замина барои татбиқи ҲРУ-и СММ мусоидат намуд [143].

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи обро дар сиёсати байналмилалии худ ба самти калидӣ табдил дод. Ин интихоб ба дарки робитаи об бо рушди устувор, амнияти инсон ва ҳифзи муҳити зист такя мекард. Дар Форуми байналмилалии оби тоза дар Душанбе соли 2003 Пешвои миллат таваҷҷуҳро ба мушкилоти ҷаҳонии дастрасӣ ба оби тоза ҷалб намуданд. Дар суханронӣ таъкид гардид, ки қисми зиёди аҳолии ҷаҳон аз камбуди оби нӯшокӣ ранҷ мебарад ва ҳамасола миллионҳо нафар бар асари истеъмоли оби ифлос ва бемориҳои марбут ба он ҷон медиҳанд. Чунин вазъият бетарафии ҷомеаи ҷаҳонӣ, бахусус, давлатҳои Осиёи Марказиро нисбат ба масъалаи об ғайриқобили қабул мегардонад. Сиёсати фаъоли байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҷалби давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ барои ҳифз, истифодаи оқилона ва танзими самараноки захираҳои об равона шуд. Эълони соли 2003 ҳамчун «Соли байналмилалии оби тоза» ифодаи ҳамин мавқеъ буд. Ин ташаббус кишварро ҳамчун ҷонибдори ҳалли муштараки мушкилоти ҷаҳонӣ муаррифӣ карда, ба ташаккули дипломатияи об ҳамчун воситаи амалисозии Ҳадафҳои рушди устувор замина гузошт.

Дар дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи захираҳои фаромарзӣ бо таъмини ҳамкории минтақавӣ ва рушди устувори Осиёи Марказӣ пайванд дорад. Пешвои миллат дар суханрониҳои худ аҳаммияти ҳалли масъалаҳои сифат, миқдор ва тақсимоти одилонаи обро барои рушди иқтисодӣ, махсусан, кишоварзии минтақа пайваста таъкид менамоянд. Аз ин мавқеъ бармеояд, ки ҳифзи об, истифодаи сарфакоронаву оқилонаи он ва ташкили ҳамкории созандаи байнидавлатӣ бояд дар сиёсати минтақавӣ авлавият дошта бошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи обро ба таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ, эътимод ва ҳамгироӣ равона мекунад. Ба назари кишвар, ниёз ба об бояд давлатҳо ва халқҳои минтақаро барои ҷустуҷӯйи ҳалли муштарак муттаҳид намояд. Ин муносибат ба рушди робитаҳои байналмилалӣ ва суботи минтақавӣ мусоидат карда, дар доираи татбиқи ҲРУ-и СММ ба таҳкими симои мусбати сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хидмат менамояд [145].

Ба муҳокимаи фарогири байналмилалӣ баровардани дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ яке аз самтҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи татбиқи ҲРУ-и СММ мебошад. Форуми байналмилалии оби тоза дар Душанбе барои баррасии вазъи захираҳои оби сайёра ва сабабҳои маҳдудияти дастрасӣ ба онҳо майдони муҳим фароҳам овард. Дар ҳамоиш зикр шуд, ки аз ҳаҷми умумии оби ҷаҳон танҳо ҳиссаи ниҳоят кам барои истеъмоли инсон мувофиқ аст. Тақсимоти нобаробари ин захираҳо дар минтақаҳои ҷаҳон дастрасии миллионҳо нафарро ба оби нӯшокӣ маҳдуд месозад. Паёмади он талафоти зиёди аҳолӣ аз бемориҳои вобаста ба истифодаи оби ифлос мебошад. Дар баъзе арзёбиҳо миқёси ин талафот ҳатто аз қурбониёни низоъҳо, терроризм ва таҳдидҳои дигари амниятӣ бештар дониста мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки аҳаммияти чунин мушкилот таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба амнияти об, ҳифзи манбаъҳои он ва

истифодаи оқилонаи захираҳо равона намуд. Сиёсати фаъоли кишвар ба он мусоидат кард, ки масъалаи об тадриҷан дар қатори ҳадафҳои стратегии ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирад ва барои густариши низоми ҳамкории ҷаҳонӣ дар соҳаи амнияти об замина фароҳам ояд.

Идомаи мантиқии ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди эълони солҳои 2005–2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» буд. Маҷмаи Умумии СММ ин пешниҳодро бо қабули қатъномаи махсус дастгирӣ намуд. Амалисозии Даҳсола ба рушди дипломатияи об ва ҳамкории байналмилалӣ барои идоракунии захираҳои об такон бахшид. Дар доираи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои СММ Конфронси байналмилалии ҳамкориҳои минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзиро баргузор кард. Ин ҳамоиш барои идомаи муколама оид ба идоракунии об ва мувофиқсозии фаъолияти ҷонибҳо хидмат намуд. Ҳадафҳои он таҳкими робитаҳои байнидавлатӣ, тавсеаи шарикӣ, мубодилаи таҷриба ва таҳияи тадбирҳои муштараки истифодаи устувори об буданд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт»-ро ҳамчун воситаи муттаҳидсозии фаъолияти ҳукуматҳо, созмонҳои байналмилалӣ, ниҳодҳои молӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар иҷрои рӯзномаи ҷаҳонии об арзёбӣ намуданд. Аз ин ҷиҳат, дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи ҲРУ-и СММ, рушди ҳамгироии байналмилалӣ ва баланд гардидани мақоми сиёсии кишвар дар муносибатҳои ҷаҳонӣ мусоидат мекунад [46].

Масъалаи истифодаи оқилонаи об аз оғоз дар дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зарурати таҳкими ҳамкории минтақавӣ пайваст буд. «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо робитаи рушди устувори Осиёи Марказиро бо сифат, миқдор ва

идоракунии самараноки захираҳои об таъкид кардаанд. Аз нигоҳи Пешвои миллат, вобастагии иқтисоди аксари кишварҳои минтақа ба кишоварзӣ аҳаммияти дастрасӣ ба оби босифат ва истифодаи оқилонаи онро боз ҳам меафзояд» [46]. Ҳалли ин масъалаҳо барои рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ шарти зарурӣ мебошад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои обро яке аз асосҳои ҳамкории байналмилалӣ ва сиёсати устувори экологӣ мешуморад. Муколамаи давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ, муассисаҳои СММ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор бояд масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва техникиро дар доираи ҳамин принсипҳо ба ҳам пайванд диҳад. Дар чунин муносибат дипломатияи об ба ташаккули эътимод, ҳамдигарфаҳмӣ ва робитаҳои созандаи минтақавӣ хидмат мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон талош дорад, ки захираҳои об ба омили муттаҳидсозии давлатҳо ва халқҳо табдил ёфта, барои татбиқи ҲРУ-и СММ заминаи амалӣ фароҳам оваранд.

Конфронсҳои байналмилалии Душанбе ба ташаккули муносибати нави сиёсиву илмӣ нисбат ба дарёҳои фаромарзӣ мусоидат намуданд. Дар таҳлилҳои қаблӣ чунин дарёҳо аксаран ҳамчун манбаи эҳтимолии низоъ ва рақобати геополитикӣ баррасӣ мешуданд. Натиҷаҳои муколамаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони дигари истифодаи онҳоро нишон доданд: ҳавзаҳои муштарак метавонанд барои ҳамгироӣ ва робитаҳои байнидавлатӣ заминаи табиӣ бошанд. Кишвар бо такя ба ҳусни ҳамҷаворӣ ва истифодаи мусолиматомези об муносибатҳои судманди тарафайнро дар ҳавзаҳои фаромарзӣ ҷонибдорӣ карда, таҳияи консепсияи фарогири сиёсати обии минтақаро пешниҳод намуд. Дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», ҳамчунин, коҳиши хавфи офатҳои табиии марбут ба об, мутобиқшавӣ ба иқлим, ҳифзи муҳити зист ва амнияти экологӣ ба мавзуъҳои асосии ҳамкорӣ табдил ёфтанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бехатарии

об ва ҳифзи аҳолиро аз офатҳои вобаста ба он шарти муҳимми рушди устувор донистанд. Ҳамин пайвастагии вазифаҳо дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба воситаи татбиқи ҲРУ-и СММ, таҳкими амнияти минтақа ва рушди ҳамгироии байналмилалӣ табдил медиҳад [48].

Тақвияти ҳамгироии байналмилалӣ ва густариши ҳамкории бисёрҷониба аз самтҳои асосии ташаккули дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд. Яке аз чорабиниҳои муҳим дар ин самт Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Шарҳи миёнамуҳлати татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» буд, ки аз 8-ум то 10-уми июни соли 2010 дар Душанбе баргузор шуд. Дар он натиҷаҳои амалисозии рӯзномаи ҷаҳонии об дар сатҳи сиёсиву дипломатӣ арзёбӣ гардиданд. Ҳамоиш барои идомаи муколамаи байналмилалӣ, тавсеаи робитаҳои минтақавӣ ва мувофиқсозии фаъолияти давлатҳову созмонҳо дар истифодаи устувори об шароити мусоид фароҳам овард. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ робитаи афзояндаи обро бо муносибатҳои байналмилалӣ ва таъмини сулҳу субот таъкид намуданд. Ба андешаи ӯ, тағйироти ҷаҳонӣ ва таъсири омилҳои иқтисодию экологӣ аҳаммияти ин масъаларо бештар месозанд. Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзими муносибатҳои обӣ дар асоси ҳамкорӣ, таҳаммулпазирӣ, шаффофият ва эҳтироми манфиатҳои тарафайн такя мекунад. Чунин муносибат барои рушди устувор ва ҳифзи муҳити зист ба манфиати наслҳои оянда замина мегузорад. Дар ҳамин ҳамоиш Пешвои миллат пешниҳоди эълони соли 2013-ро ҳамчун «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» матраҳ карданд. Ин пешниҳод баъдан аз ҷониби СММ дастгирӣ ёфта, бо қатъномаи махсус қабул гардид.

«Соли 2011 дар Душанбе Конференсияи байналмилалии омодагӣ ба Конференсияи СММ оид ба рушди устувор (Рио+20) бо унвони «Ҳамкорӣ дар соҳаи об» баргузор гардид. Иштирокчиён масъалаҳои дастрасӣ ба оби ошомиданӣ, беҳдошт, ҳифзи муҳити зист ва самаранокии истифодаи обро дар робита бо густариши ҳамкории байналмилалӣ баррасӣ намуданд» [96]. Ин иқдом идомаи ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҷойгоҳи дипломатияи обро дар ҳамоҳангсозии сиёсати рушди устувор тақвият дод: «Соли 2013 дар доираи «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи обро қабул кард. Ҳадафи он тавсеаи муколама, шарикӣ ва муносибатҳои бисёрсатҳаи обӣ буд» [44]. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ таъкид намуданд, ки афзоиши талабот ба об ва таъсири равандҳои ҷаҳонӣ ба захираҳои он эътимоди мутақобил ва муколамаи пайвастаро зарур мегардонанд. Ба назар гирифтани манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳо шарти истифодаи самараноку одилонаи об дониста шуд. Аз ин рӯ, ин самти дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи ҲРУ-и СММ, ҳамгироии байналмилалӣ, коҳиши камбизоатӣ, ҳифзи тавозуни экологӣ ва таъмини сулҳу субот пайванди мустақим пайдо мекунад [44].

Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни густариши дипломатияи об ба рушди ҳамкории ҷаҳонӣ ва ҳамгироии сиёсӣ замина гузоштанд. Дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об, ки моҳи августи соли 2013 дар Душанбе баргузор шуд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти ҳамкорӣ ва муколамаро барои сулҳу субот, рушди устувор ва эътимоди байнидавлатӣ таъкид намуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муттаҳид кардани кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод кард, ки дар

Душанбе Маркази байналмилалӣ оид ба ҳамкорӣ ва дипломатияи об таъсис дода шавад. Ин пешниҳод муносибати кишварро ба об ҳамчун масъалаи амнияти байналмилалӣ ва воситаи ҳамкорӣ ифода мекард. Дар идомаи ҳамин равиш Ҷумҳурии Тоҷикистон эълони Даҳсолаи нави байналмилалии обро низ пешниҳод намуд. Иқдоми мазкур ба густариши муколама ва шарикиҳои бисёрсатҳа дар давраи баъд аз соли 2015 равона шуда буд. Чунин ташаббусҳо ба эътирофи сиёсиву илмии дипломатияи муосири об ҳамчун самти муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат карданд. Дар доираи Раванди оби Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист истифодаи устувори захираҳои об, ҳифзи муҳити зист, коҳиши камбизоатӣ ва ҳамкории фаромарзиро ба ҳам пайванд дода, онҳоро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд пеш барад. Ин таҷриба барои ташаккули дипломатияи об ҳамчун воситаи татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори СММ аҳаммияти махсус дорад.

Дар солҳои баъдӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти байналмилалии обии худро дар робита бо татбиқи ҲРУ-и СММ густариш дод. Конфронси ҷамъбастии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» дар соли 2015, Симпозиуми байналмилалӣ оид ба Ҳадафи шашуми рушди устувор дар соли 2016 ва Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018–2028, аз чорабиниҳои муҳимми Душанбе буданд. Баргузории онҳо ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун яке аз марказҳои ташаккули сиёсати ҷаҳонии об нишон дод. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ вобастагии масъалаҳои об, тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ ва ҳифзи муҳити зистро таъкид менамоянд. Дар ин мавқеъ ҳамкории созандаи байналмилалӣ ва истифодаи оқилонаи об шарти расидан ба рушди устувор дониста мешаванд. Пешниҳоди Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018–2028, низ ба нигоҳ доштани

масъалаи об дар маркази фаъолияти ҷомеаи ҷаҳонӣ барои татбиқи ҲРУ равона буд. Дар натиҷа, дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи мувофиқсозии манфиатҳои давлатҳо, таҳкими ҳамгироии минтақа ва тавсеаи робитаҳои фаромарзиро иҷро менамояд. Кишвар ин самтро яке аз пояҳои сиёсати хориҷии худ шуморида, истифодаи одилона ва оқилонаи захираҳои об, эътимоди тарафайн ва шарикии байналмилалиро барои амнияти об, рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва суботи байналмилалӣ ҷонибдорӣ мекунад.

Таҳқиқи нақши дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори СММ тағйири мақоми масъалаи обро дар давраи соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад. Сиёсати об аз доираи вазифаҳои маҳдуди соҳавӣ берун рафта, ба самти муҳимми сиёсати хориҷӣ ва воситаи ҳамгироии байналмилалӣ табдил ёфт. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба имкониятҳои геостратегӣ ва захираҳои обии худ масъалаи обро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд пеш бурда, ҷомеаи байналмилалиро ба ҳамкорӣ барои амнияти обӣ, ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор ҷалб намуд. Эълони «Соли байналмилалии оби тоза», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» марҳилаҳои муҳимми ин фаъолият буданд. Онҳо барои ташаккули муносибатҳои нави ҳамкорӣ дар соҳаи об замина гузошта, иштироки ташаббускоронаи кишварро дар дипломатияи байналмилалӣ устувор карданд. Ҳамин таҷриба нишон медиҳад, ки дипломатияи об барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз воситаҳои қудрати нарм ва таҳкими симои сиёсии давлат дар арсаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Натиҷаҳои таҳлил ҳамчунин вазифаи амалии дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар иҷрои ҲРУ-и СММ равшан месозанд. Дар доираи ин фаъолият масъалаҳои оби тоза ва беҳдошт, истифодаи устувори захираҳо, ҳифзи низомҳои экологии обӣ, коҳиши хавфи

офатҳои табиии марбут ба об ва ҳамкории фаромарзӣ ба мавзуъҳои асосии муколамаи байналмилалӣ ворид гардиданд. Раванди оби Душанбе барои ҳамоҳангсозии кӯшишҳои давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ майдони доимии сиёсиву дипломатӣ фароҳам овард. Он дар идомаи муколама, тақвияти эътимод ва рушди ҳамгироии минтақавию ҷаҳонӣ нақши муҳим бозид. Мавқеи пайгиронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дипломатияи об метавонад ба рушди устувор, сулҳу субот, коҳиши нобаробарӣ ва амнияти экологӣ хидмат намояд. Ба ҳамин маъно, таҷрибаи кишвар дар шароити таҳдидҳои ҷаҳонии асри XXI ҳамчун тарҳи муассири ҳамкории байналмилалӣ арзёбӣ мешавад. Омӯзиши ин таҷриба барои такмили низоми байналмилалии идоракунии об ҳам арзиши назарӣ ва ҳам аҳаммияти амалӣ дорад.

БОБИ III. ДУРНАМОИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҚАРИНАИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

3.1. Тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи об ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои «Ҳифзи пиряхҳо (2020–2025)»

Гармшавии ҷаҳон ва паёмадҳои экологии он масъалаи ҳифзи пиряхҳоро ба яке аз мавзуъҳои асосии сиёсати байналмилалии об ва дипломатияи экологии асри XXI табдил додааст. Пиряхҳо дар гардиши гидрологӣ ҷойгоҳи муҳим дошта, захираи бузурги оби ширинро нигоҳ медоранд. Ҷамъшавии барф ва обшавии мавсимии ях ба ғизогирии дарёҳо ва обанборҳои табиӣ мусоидат мекунанд. Аммо коҳиши яхҳои қутбӣ ва пиряхҳои кӯҳӣ дар натиҷаи тағйирёбии иқлим устувории низомҳои экологӣ ва таъминоти аҳолиро бо об зери хатар мегузорад. Аз ин ҷиҳат, таҳияи воситаҳои ҳамкории байналмилалӣ барои ҳифзи пиряхҳо ва захираҳои обӣ зарурат пайдо мекунад. Дар ин бахш асосҳои пиряхшиносӣ ва заминаҳои ҳуқуқию сиёсии ҳамкориҳои минтақавию ҷаҳонӣ баррасӣ мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба вазъи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои дигари баландкӯҳ, тамоюлҳои обшавӣ, саҳми онҳо дар ташаккули захираҳои об, таъсири иқлим ва ташаббусҳои миллию байналмилалии ҳифзи пиряхҳо равона мегардад. Баррасии ин масъалаҳо имкон медиҳад, ки зарурати ҳамоҳангсозӣ ва густариши ҳамкориҳои обӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон муайян шавад.

Пиряхҳо ҳамчун захираи табиии ях дар шароити тағйирёбии иқлими ҷаҳон ба дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидаанд. Барфе, ки дар минтақаҳои баландкӯҳ ҷамъ мешавад, тадриҷан зери таъсири фишори дохилӣ ба ях мубаддал гардида, ҳаҷми мутаҳаррики пиряхиро ташкил медиҳад. Дар сохтори пирях минтақаи ҷамъшавии барф ва минтақаи обшавӣ бо ҳам тавозуни массаи онро муайян менамоянд: зиёд гардидани ҷамъшавӣ ба рушди пирях ва афзоиши обшавӣ ба коҳиш ва

ақибнишинии он мерасонад. Дар шароити болоравии гарми ҷаҳон ин тавозун халалдор шуда, аксари пиряхҳои ҷаҳон босуръат массаи худро аз даст медиҳад. Тибқи маълумоти Созмони ҷаҳонии метеорологӣ, солҳои охир яке аз марҳилаҳои вазнинтарини талафоти массаи пиряхҳо ба ҳисоб рафта, қисми зиёди пиряхҳои таҳти мушоҳида тавозуни манфии масса нишон додаанд: «Ҳаҷми умумии талафоти ях дар сатҳи глобалӣ аз миёнаҳои асри XX то имрӯз ба зиёда аз 9,5 ҳазор миллиард тонна (тақрибан 9,580 Gt) расидааст, ки ин раванд ба афзоиши сатҳи уқёнуси ҷаҳонӣ ба андозаи тақрибан 26–27 мм мусоидат намудааст. Тибқи маълумоти назорати байналмилалӣ, танҳо дар соли 2025 пиряхҳои ҷаҳон тақрибан 408 ± 132 миллиард тонна яхро аз даст доданд, ки яке аз бузургтарин коҳишҳои солона дар таърихи мушоҳидаҳо ба ҳисоб меравад. Ин тамоюли устувори коҳиши массаи пиряхҳо аз суръат гирифтани таъсири тағйирёбии иқлим ба низоми гидрологӣ, захираҳои обӣ ва мувозинати экологӣ шаҳодат медиҳад ва онро ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои калидии гармшавии глобалӣ арзёбӣ мекунанд» [140].

«Аҳаммияти пиряхҳо барои низоми гидрологии сайёра аз вазифаҳои онҳо дар танзими оби ширин, нигоҳдории мувозинати иқлимӣ ва фароҳам овардани шароити зиндагии миллиардҳо нафар бармеояд» [111]. Дар шароити гармшавии ҷаҳон обшавии босуръат ва то андозае пешгӯинашавандаи онҳо таъмини оби ошомиданӣ, фаъолияти иқтисодӣ ва амнияти инсонро дар бисёр минтақаҳо халалдор месозад. Бино бар ин, омӯзиши роҳҳои таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии об барои татбиқи ҳадафҳои «Ҳифзи пиряхҳо» дар солҳои 2020–2025 ҳам аҳаммияти илмӣ ва ҳам зарурати амалӣ дорад: «Тоҷикистон ҳамчун яке аз марказҳои асосии яхбандии Осиёи Марказӣ дорои аҳаммияти махсуси гидрологӣ ва стратегӣ мебошад. Пиряхҳои кишвар асосан дар паҳнкӯҳи Бадахшон ва қисмати ғарбии кӯҳҳои

Тиёншон ҷойгир мебошанд. Бадахшон дар адабиёти илмӣ бо унвони «манораи обии Осиёи Марказӣ» зикр мегардад, зеро дар ташаккули пиряхҳо, маҷрои дарёҳо ва захираҳои оби минтақа саҳми асосӣ дорад. Ҳарчанд шумора ва масоҳати пиряхҳои Тиёншони Ғарбӣ нисбат ба Бадахшон камтар аст, онҳо барои обтаъминкунии маҳаллӣ, танзими маҷро ва нигоҳдории мувозинати экологӣ аҳаммияти назаррас доранд» [174]. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи сатҳи баланд оид ба об ва иқлим, 2-юми ноябри соли 2021 аз пурра об шудани беш аз 1000 пирях аз 14 ҳазор пиряхи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қариб сеяк кам гардидани ҳаҷми умумии онҳо дар чанд даҳсолаи охир изҳори нигаронӣ намуданд. Ҳамзамон таъкид гардид, ки «беш аз 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар пиряхҳои, Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёбад» [39].

Дар даҳсолаи охир суръати нобудшавии пиряхҳо нигаронкунанда гардидааст: «Тибқи маълумоти расмӣ, дар се даҳсолаи охир беш аз 1000 пиряхи Тоҷикистон пурра аз байн рафта, ҳаҷми умумии захираҳои пиряхии кишвар зиёда аз сеяк коҳиш ёфтааст» [101].

Дар ин замина, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи пиряхҳо ҳамчун равиши самаранок ва воқеии ҳалли буҳронҳои умумиҷаҳонии экологӣ арзёбӣ мегардад. Фаъолияти дипломатии кишвар дар давраи 2020–2025 тавассути пешниҳоди ташаббусҳои асосёфтаи байналмилалӣ, ба даст овардани дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба вуҷуд овардани механизмҳои навини ниҳодии ҳифзи пиряхҳо ба натиҷаҳои беназир ноил гардид. Таҳқиқи ин раванд ҳам аз нигоҳи сиёсати байналмилалӣ ва ҳам аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалии экологӣ аҳаммияти назарӣ ва амалӣ дорад.

Заминаи методологии баррасии мазкурро равишҳои муосири таърихи сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ ва таҳлили амалии

ҳамкории давлатҳо ташкил медиҳанд. Барои шарҳи ин раванд аз назарияҳои муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамкории байналмилалӣ ва амнияти экологӣ истифода мешавад. Усули таърихию муқоисавӣ бошад, имкон медиҳад, ки марҳилаҳои такомули дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои он дар давраи таҳқиқшаванда дар робита бо шароити мушаххаси таърихӣ арзёбӣ гарданд [150].

Дар ин замина, таҳлили илмии вазъи кунунии пиряхҳои ҷаҳон ва Осиёи Марказӣ аҳаммияти махсус дорад. Тағйирёбии ҷаҳонии иқлим дар чанд даҳсолаи охир ба пиряхҳои сайёра таъсири назаррас расонидааст. Маълумоти илмии муосир аз болоравии беш аз 1,1 дараҷаи Селсийи ҳарорати миёнаи сатҳи Замин дар 100 соли охир шаҳодат медиҳанд: ки ин раванд ба обшавии яхҳои Арктика, Антарктида ва Гренландия сабаб шудааст. Дар гузоришҳои байналмилалии иқлимшиносӣ ҳаҷми обшавии ҳаррӯзаи яху барф дар сайёра беш аз 1 миллион тонна зикр мегардад, ки мутахассисон онро яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин дар таърихи башар арзёбӣ мекунанд.

Омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо имрӯз ҳам дар таҳқиқоти илмӣ ва ҳам дар сиёсати экологӣ мавқеи муҳим доранд. Сабаби ин таваҷҷуҳ таъсири тағйирёбии иқлим ба низоми табиии Замин ва афзоиши хатари коҳиши захираҳои об мебошад. Дар маълумоти Созмони ҷаҳонии метеорологӣ ва Гурӯҳи байниҳукуматии коршиносон оид ба тағйирёбии иқлим (IPCC) болоравии ҳарорати миёнаи сайёра нисбат ба давраи пешосаноатӣ зиёда аз 1,1–1,5°C нишон дода мешавад. Ин суръати гармшавӣ дар таърихи мушоҳидаҳои муосир бесобиқа арзёбӣ мегардад [109]. Афзоиши ҳарорат обшавии пиряхҳоро тезонида, дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ҳар шабонарӯз боиси аз байн рафтани миллионҳо тонна ях мешавад. Тавре таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, дар солҳои 2000–2019 талафоти миёнаи солонаи ях дар ҷаҳон тақрибан 267 миллиард

тоннаро ташкил додааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои асри XX чандин дарсад бештар мебошад [140].

Дар шароити мазкур нигоҳдории пиряхҳо барои таъмини захираи стратегии оби ширин аҳаммияти хос дорад. Аз рӯйи маълумоти илмӣ, тақрибан 69 дарсади оби ширини Замин дар пиряхҳо ва яхҳои доимӣ захира шудааст. Ин вобастагӣ барои Осиёи Марказӣ боз ҳам ҷиддитар аст, зеро оби минтақа, асосан, аз барфу пиряхҳо ғизо мегирад. Коршиносон пиряхҳои Помир ва Тиёншонро сарчашмаи дарозмуддати оби дарёҳои фаромарзӣ медонанд, ки гидроэнергетика, кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ба онҳо такя мекунанд. Бо вуҷуди ин, аз соли 1950 то имрӯз масоҳати пиряхҳои минтақа 14–30 дарсад кам шудааст. Суръати миёнаи солонаи обшавӣ дар Осиёи Марказӣ аз 0,2 то 1 дарсад арзёбӣ мегардад ва аз бадшавии шароити иқлимию экологӣ дарак медиҳад. Захираи оби онҳо зиёда аз 550 километри мукааб арзёбӣ мешавад; тақрибан нисфи ҳаҷми маҷрои дарёҳои мамлакат аз ин сарчашма таъмин мегардад. Пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули оби ҳавзаи баҳри Арал саҳми асосӣ дошта, ҳар сол ба дарёҳои минтақа чандин километри мукааб оби тоза медиҳанд. Онҳо ҳам обро захира мекунанд ва ҳам дар танзими иқлим ва маҷрои дарёҳо иштирок менамоянд. Вале натиҷаҳои таҳлилҳои солҳои охир аз идомаи обшавии босуръати пиряхҳои кишвар гувоҳӣ медиҳанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабиниҳои байналмилалии соли 2015 дар бораи об, иқлим аз таҳдиди обшавии босуръати пиряхҳо ба амнияти об ва шароити зиндагии аҳолии минтақа таваҷҷуҳ карда буданд. Ин масъала дар ҳолате матраҳ гардид, ки ҳарорати тобистонаи баъзе минтақаҳои Осиёи Марказӣ ба 40°C ва бештар аз он мерасад. Болоравии ҳарорат захираҳои яхро кам карда, ҳамзамон, ба биёбоншавӣ, пастравии ҳосилнокии кишоварзӣ ва афзоиши норасоии об сабаб мешавад. Коршиносон пешбинӣ мекунанд,

ки дар сурати идома ёфтани тамоюли кунунии иқлим то поёни асри XXI, қисми зиёди пиряхҳои хурди Осиёи Марказӣ имкони пурра аз байн рафтан доранд. Идоракунии захираҳои об дар чунин шароит аз низоъҳои мавҷуда ва ҳалнашуда низ таъсир мепазирад. Гарчанде ин ихтилофҳо ҳамеша аз талабот ба оби муштарак сарчашма намегиранд, онҳо метавонанд танишҳои дохилӣ ва байнидавлатиро дар ҳавзаҳои вобаста ба оби барфу пиряхҳо шиддат диҳанд. Дар Осиёи Марказӣ афзоиши рақобат, миёни давлатҳои болообу поёноб барои истеҳсоли нерӯ ва обёрӣ ба мураккабшавии муносибатҳо овардааст. Баъд аз нашри Гузориши панҷуми арзёбии IPCC (AR5) дар баъзе таҳқиқот таъсир ва хатарҳои тағйироти пешбинишавандаи маҷрои оби вобаста ба криосфера барф, ях ва пиряхҳо дар ҳавзаҳои фаромарзии асри XXI омӯхта шуданд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки ин дигаргуниҳо дар баъзе минтақаҳо идоракунии самараноки обро душвортар месозанд [163].

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва нигоҳдории пиряхҳо дар баробари ҳифзи муҳити зист, ба масъалаҳои сиёсат, иқтисод ва амният низ пайванд мегирад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд воситаҳои муассири ҳуқуқиро таҳия намуда, иҷрои барномаҳои байналмилалии экологӣ ва ҳамкории илмиро дар мушоҳидаи пиряхҳо густариш диҳад. Дар ин раванд ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи обу иқлим, аз ҷумла, эълони соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, барои ҳамоҳангсозии талошҳои давлатҳо аҳаммияти махсус доранд. Ин иқдомҳо ба ҳифзи захираҳои об ва пешбурди рушди устувор равона шудаанд.

Осиёи Марказӣ аз минтақаҳоест, ки таъмини захираҳои оби он ба пиряхҳо вобастагии зиёд дорад. Пиряхҳои Тиёншон ва Помир барои давлатҳои поёноб ҳамчун «банкҳои оби табиӣ» хидмат менамоянд. Тибқи маълумоти Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи

пешгирикунанда барои Осиёи Марказӣ (UNRCCA), пиряхҳои минтақа аз соли 1950 инҷониб тақрибан 14–30 дарсади ҳаҷми худро аз даст додаанд [42]. Суръати солонаи обшавии онҳо аз 0,02 то 1 дарсадро ташкил медиҳад ва дар солҳои охир тамоюли афзоиш дорад [41].

Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми пиряхии Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, бо саҳми он дар ташаккули захираҳои оби минтақа муайян мешавад. «Тибқи маълумоти Агентии мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 60 дарсади оби дарёҳои Осиёи Марказӣ аз пиряхҳои кишвар сарчашма мегирад» [150]. Дар пиряхҳои Тоҷикистон тақрибан 456,9 километри мукааб об захира шуда, ҳаҷми солонаи оби аз онҳо ба дарёҳо воридшаванда 13 километри мукааб, яъне беш аз 25 дарсади ҳаҷми умумии оби дарёӣ арзёбӣ мегардад. Пиряхҳо дар бахшҳои гуногуни Помир, аз ҷумла, шимолу ғарби он, кӯҳистони Ҳисору Олой ва ҳавзаҳои дарёҳои Мурғоб, Ғунд, Зарафшон ва дигар дарёҳо ҷойгир шудаанд.

Пиряхи Тоҷикистон, ки дар қаламрави Помир воқеъ буда, дарозиаш аз 75 километр бештар аст, ҳамчун бузургтарин пиряхи хушкии сайёра ва намунаи таъсири иқлим ба низоми пиряхӣ тавсиф мешавад. «Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар 70–80 соли охир нӯги пирях беш аз 1 километр ақиб рафта, масоҳати он то 44 километри мураббаъ ва ҳаҷмаш 15 километри мукааб коҳиш ёфтааст. Суръати миёнаи ақибнишинии нӯги он солона 16 метрро ташкил медиҳад» [150]. Ин нишондиҳандаҳо зарурати андешидани тадбирҳои фаврӣ ва ҳамоҳангшудаи байналмилалиро барои посух ба мушкилоти обшавии пиряхҳо асоснок месозанд. Пиряхи Зарафшон, ки захираи оби ҳавзаи Зарафшонро таъмин мекунад, дар давраи солҳои 1927–2010 10 дарсад кам шуда, то 2,5 километр кӯтоҳ гардидааст [37]. Пиряхҳои Деҳқондара, Зарафшон, Қаротоғ ва дигар пиряхҳои хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръат нобуд мешаванд: мутахассисон пешбинӣ

мекунанд, ки то соли 2050 якчанд ҳазор пиряхи майдаи кишвар пурра аз байн хоҳад рафт. Чунин раванди нигаронкунанда таъминоти об аз дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон, Қаротоғ ва Обихингобро зери хатар мегузорад ва метавонад рақобати обиро дар дохил ва берун аз марзҳои кишвар боз ҳам мураккаб гардонад.

Аз солҳои нахустини истиқлол масъалаи захираҳои об дар қатори афзалиятҳои стратегии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт. Мавқеи роҳбарияти мамлакат бар он асос меёбад, ки афзоиши норасоии оби ширин ва хатарҳои иқлимӣ ба кишвари дорои захираҳои фаровони об имкони саҳмгузории фаъол дар ҳалли масъалаҳои байналмилалиро фароҳам меорад. Аз ибтидои солҳои 2000-ум ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дипломатияи оби кишварро ба марҳилаи нави иштироки байналмилалӣ ворид намуданд. Оғози ин силсилаи ташаббусҳо ба соли 1999 рост меояд: Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минбари СММ пешниҳод кард, ки соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза» эълон гардад. Пазириши пешниҳод аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ барои марҳилаи минбаъдаи дипломатияи оби кишвар замина гузошт. Сипас, Ҷумҳурии Тоҷикистон эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» барои солҳои 2005–2015 ва соли 2013 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об»-ро пешбарӣ намуд. Дастгирии ҳар ду иқдом ба эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз давлатҳои пешсафи баррасии масъалаҳои ҷаҳонии об мусоидат кард.

Бо пешбарии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018–2028, дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилае гузашт, ки робитаи он бо ҲРУ-и СММ қавитар гардид. Ташаббусҳои обии кишвар бевосита ба Ҳадафи 6-уми ҲРУ-и СММ «Оби тоза ва беҳдошт» пайванд доранд. Дар ин давра

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули сиёсати ҷаҳонии об мавқеи фаъол пайдо карда, ба ворид шудани масъалаи ҳифзи пиряхҳо ба рӯзномаи умумибашарӣ мусоидат намуд.

Солҳои 2009–2015 дар дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи муҳим ба шумор мераванд. Маҳз дар ин давра кишвар бори аввал таъсиси Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳоро пешниҳод намуд. Ташаббуси мазкур соли 2009 дар Ҳамоиши III умумиҷаҳонӣ оид ба иқлим дар Женева ва Конфронси 15-уми ҷонибҳои санади қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-15) дар Копенгаген манзур шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон онро соли 2012 дар Конфронси «Рио+20» дар Рио-де-Жанейро такроран пеш гузошта, дастгирии бештари байналмилалиро ба даст овард.

Солҳои 2015–2019 бо тақвияти ҷунбиши байналмилалии иқлимӣ ва афзоиши нигаронӣ аз таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳо тавсиф мешаванд. Ҳамзамон, ба имзо расидани Созишномаи Париж (соли 2015), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалин давлатҳое буд, ки онро тасдиқ кард, заминаи ҳуқуқиро барои ҳамкориҳои минбаъда дар самти ҳифзи пиряхҳо мустаҳкам гардонид [109]. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар КОП-21 дар Париж масъалаи обшавии пиряхҳоро ҳамчун яке аз таҳдидҳои асосии тағйирёбии иқлим ба меҳвари музокироти байналмилалӣ интиқол дод [43].

«Ҷаласаи Панели сатҳи баланд, ки 22 марти соли 2021 баргузор гардид, дар раванди таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ барои ҳифзи пиряхҳо дар солҳои 2020–2025 ҳамчун марҳилаи муҳим арзёбӣ мешавад. Санаи 3 марти соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим тариқи видеоконференсия иштирок ва суханронӣ намуданд» [150]. Раёсати чорабиниро Дабири кулли Созмони ҷаҳонии метеорологӣ

(WMO) Петери Таалас ба уҳда дошт. Дар он Президенти Маҷористон Янош Адер, Президенти Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ (IFAD) Гилберт Ҳунгбо, роҳбарони ҳукуматҳои як қатор давлатҳо ва коршиносони байналмилалӣ иштирок доштанд. Дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи гармшавии ҷаҳон бо обшавии босуръати пиряхҳо шарҳ дода шуд. Сарвари давлат ба равандҳои нигаронкунандаи обшавӣ дар Арктика, Антарктида ва Гренландия, ҳамчунин, ба дигаргуниҳои ҷиддии пиряхҳои хушкӣ, аз ҷумла, пиряхҳои Помири Ҷумҳурии Тоҷикистон, таваҷҷуҳ зоҳир намуданд [150]. Аз ҷиҳати таҳлили масъала, аҳаммияти ин арзёбӣ дар он буд, ки ҳифзи пиряхҳо ба сатҳи баррасии умумии байналмилалӣ бароварда шуд. Ба ин тартиб, паёмадҳои обшавӣ ҳамчун мушкилоти фарогири ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ гардиданд.

Президенти мамлакат дар ҷаласаи мазкур ду самти ташаббуси байналмилалиро пеш гузоштанд. «Самти аввал эълони соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва муайян намудани 21 март ба сифати «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо»-ро дар бар мегирифт» [150]. Самти дуюм, таъсиси Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо дахл дошт. Ин пешниҳодҳо ба ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат карда, барои баррасии мушкилоти пиряхҳо дар сатҳи байналмилалӣ марҳилаи нав кушоданд.

Иштирокдорони Панели сатҳи баланд пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мусбат арзёбӣ намуданд. Дар чорабинӣ, ки таҳти раёсати Дабири кулли Созмони ҷаҳонии метеорологӣ баргузор шуд, эълони соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва муайян намудани Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо қобили қабул дониста шуданд. Масъалаи таъсиси Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо низ барои таҳлилу омӯзиши баъдӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт.

Натиҷаҳои ин муҳокима барои идомаи фаъолияти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СММ замина фароҳам оварданд.

Аз дидгоҳи назарияи режимҳои байналмилалӣ, ҷаласаи мазкур нақши Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун «бозигари ташаббускор» дар ташаккули меъёрҳои ҳифзи пиряхҳо нишон медиҳад. Равиши сохторгароёнаи муносибатҳои байналмилалӣ ба саҳми давлатҳои хурдтаре таваҷҷуҳ мекунад, ки ҳалли масъала ба манфиатҳои ҳаётии онҳо пайванд дорад. Дар чунин шароит ин давлатҳо метавонанд дар пешбарии меъёрҳои нав нақши муҳим, баъзан ҳалкунанда дошта бошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз имкони мазкур истифода намуда, дар муҳлати нисбатан кӯтоҳ ба эътирофи расмии ташаббусҳои худ дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат кард.

Барои муайян кардани ҷойгоҳи ҳифзи пиряхҳо дар стратегияи давлатӣ, баррасии Паёмҳои Президенти кишвар аҳаммияти махсус дорад. «Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 ин масъала ба таври мушаххас баён гардид» [42]. «Сарвари давлат аз коҳиши тақрибан сеяки ҳаҷми умумии пиряхҳои кишвар дар чанд даҳсолаи охир ёдовар шуданд; беш аз 60 дарсади захираҳои оби Осиёи Марказӣ аз ҳамин пиряхҳо ташаккул меёбад. Дар робита ба ин Тоҷикистон ҳамроҳ бо шарикони байналмилалӣ барои эълони соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», муайян намудани «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо» ва таъсиси «Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» талош меварзид» [42].

Паёмҳои Президент барои муайян кардани самтҳои стратегии ҳифзи пиряхҳо ҳамчун ҳуҷҷатҳои заминавии сиёсати давлатӣ аҳаммият доранд. Таҷрибаи даҳсолаҳои охир нишон медиҳад, ки дар онҳо дурнамои бахшҳои гуногуни ҳаёти кишвар ва афзалиятҳои дохилию

хориҷии давлат баён мешаванд. Масъалаи пиряхҳо низ дар ин силсилаи зиёда аз 22 Паём ба таври пайваста матраҳ гардида, мақоми онро ҳамчун яке аз авлавиятҳои стратегии Тоҷикистон инъикос намудааст.

Самтҳои дар Паёми соли 2021 баёншуда бо «Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010–2030, ки бо қарори Ҳукумат №209 аз 3 майи 2010 қабул шудааст, ва Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумат №482 аз 2 октябри 2019 тасдиқ гардидааст, пайванд доранд» [27; 37]. Ин санадҳо ҳадаф ва роҳҳои ҳифзи пиряхҳоро дар дохили кишвар муайян намуда, ҳамкории байналмилалиро аз шартҳои зарурии татбиқи онҳо мешуморанд.

Паёми соли 2021 дар шароити тағйироти сиёсати ҷаҳонӣ низ аҳаммияти хос дошт: соли 2021 ба аввалин соли пас аз пандемияи COVID-19 муодил буд, ки дар он кишварҳои ҷаҳон ба мушкилоти мураккабтари иқтисодию экологӣ дучор гардида буданд. Дар ин муҳити ногувор Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистанд бо ёрии ташаббусҳои созандаи экологӣ таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба мушкилоти дарозмуддати ҳаётан муҳим обшавии пиряхҳо ҷалб намоянд. Ин нишондиҳандаи авлавияти стратегии воқеии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [42].

Қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ аз 14-уми декабри соли 2022 марҳилаи дигари таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар доираи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо 2025» мебошад. Арзёбии натиҷаҳои ин иқдом таҳлили ҳамзамони ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии онро тақозо мекунад. «Дар Иҷлосияи 77-уми Маҷмаи Умумии СММ қатъномаи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» бо ҷонибдории 153 давлати аъзо қабул шуд» [7]. Дастгирии мазкур аз дастовардҳои назарраси дипломатияи Тоҷикистон дар давраи

истиқлолият ба ҳисоб рафта, ба таҳкими нуфузи байналмилалии кишвар мусоидат намуд.

Хусусияти қатъномаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки эълони Соли байналмилалӣ ва Рӯзи байналмилалиро дар як санад муттаҳид менамояд; аз ин рӯ, он дар таҷрибаи Маҷмаи Умумии СММ ҳамчун қатъномаи нодир арзёбӣ мешавад. Мазмуни он аз чанд ҷанбаи ҳуқуқию сиёсӣ қобили таҳлил аст. Аз дидгоҳи ҳуқуқи байналмилалии экологӣ, санад ба масъулияти давлатҳо дар ҳифзи низомҳои экологии пиряхӣ таваҷҷуҳ дода, барои таҳияи созишномаҳои алоҳидаи байналмилалии дорои эътибори ҳатмии ҳуқуқӣ замина фароҳам меорад: «Дар қатънома чор самти асосии амал пешбинӣ шудааст. Соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон мегардад ва аз ҳамин сол таҷлили ҳарсолаи Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо ба 21 март рост меояд. Ҳамчунин таъсиси Фонди трастии мақсаднок, яъне Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимод барои ҳифзи пиряхҳо, дар низоми СММ таҳти ҳамоҳангии Дабири кулл дар назар дошта шудааст. Самти чорум баргузории Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе дар соли 2025 мебошад» [7].

Таҳлили ҳуқуқии қатънома нишон медиҳад, ки дар он принсипҳои бунёдии ҳамкории экологӣ, аз ҷумла, масъулияти умумӣ, вале мутафовити давлатҳо, пешгирии зарар ва рушди устувор ҷойгоҳи муҳим доранд. Санад пиряхҳоро ҷузъи гардиши гидрологӣ дониста, таъсири обшавии босуръати онҳоро ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор матраҳ менамояд. Дар чунин замина ҳамкории байналмилалӣ ҳамчун асоси ҳамоҳангсозии талошҳо барои ҳалли мушкилоти мазкур пешниҳод мешавад.

Дар санад робитаи гармшавии ҷаҳонӣ бо коҳиши васеи криосфера низ баён шудааст. Ин раванд устувории минтақаҳои баландкӯҳро

халалдор карда, ҳаҷм ва мавсимияти маҷрои обро дар ҳавзаҳои аз барфу пиряхҳо ғизогиранда тағйир медиҳад. Паёмадҳои он дар пастравии истеҳсоли кишоварзии маҳаллӣ, афзоиши норасоии об ва болоравии сатҳи миёнаи баҳрҳо зоҳир мегарданд. Ҳаммуаллифи қатънома шудани 153 давлати аъзои СММ нишон медиҳад, ки ташаббусҳои Тоҷикистон дар посух ба ин мушкилоти ҷаҳонӣ аз дастгирии васеи байналмилалӣ бархӯрдор шудаанд.

Аз дидгоҳи назарияи режимҳои байналмилалӣ қатънома нишонаҳои ташаккули «режими байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро ифода мекунад. Унсурҳои он аз принсипҳои эътирофи мушкилоти пиряхҳо ҳамчун масъалаи умумибашарӣ, меъёрҳои ҳамкорӣ ва маблағгузорӣ, қоидаҳои ташкили Конфронс ва Фонд, ҳамчунин, тартиботи қабули қарор ва назорат иборатанд. Аз мавқеи ниҳодгароии либералӣ, пайдоиши чунин маҷмуи унсурҳо густариши ҳамкории давлатҳоро тавассути ниҳодҳои расмии байналмилалӣ инъикос менамояд.

Дар таҳлили ҳамкориҳои солҳои 2020–2025 барои ҳифзи пиряхҳо Конфронси оби СММ-2023 ҷойгоҳи махсус дорад. Ин чорабинӣ моҳи марти соли 2023 дар Ню-Йорк баргузор шуда, нахустин конфронси СММ оид ба об пас аз соли 1977 буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд мизбонии муштараки онро ба уҳда доштанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии ифтитоҳӣ ҳифзи пиряхҳо ва захираҳои оби кишварро аз масъалаҳои меҳварии муҳокима қарор доданд. Баргузории Конфронс ба таҳкими нуфузи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд.

Дар ҳошияи Конфронс Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хабарнигори телевизиони СММ Шакунтала Санзиран мусоҳибаи муфассал анҷом доданд, ки дар он ба масъалаҳои зерин диққат дода

шуд: захираҳои об дар зери таъсири амиқи тағйирёбии иқлим, шаҳрнишинӣ, афзоиши аҳолӣ ва саноатикунонӣ қарор доранд; аз ибтидои даҳсолаи 1970-ум нишондиҳандаи таъмини об ба сари ҳар нафари аҳолии сайёра ду ва ним баробар коҳиш ёфтааст; барои ноилшавӣ ба ҲРУ-6 бояд амалҳо ва уҳдадориҳо чандин маротиба афзоиш ёбанд.

Дар Конфронс Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, таъсиси воҳиди махсуси об дар низоми СММ ва таъини фиристодаи махсуси Созмон оид ба обро пешниҳод карданд. Ин иқдом, ки дар ҷомеаи байналмилалӣ мусбат пазируфта шуд, самти ниҳодии дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода менамояд: барои ҳалли масъалаҳои об сохторҳои муассири байналмилалӣ заруранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, пешниҳод намуд, ки Конфронси навбатии СММ оид ба об соли 2028, дар анҷоми «Даҳсолаи Об барои рушди устувор», дар Душанбе баргузор шавад [41].

Натиҷаи асосии Конфронси оби СММ-2023 қабули «Рӯзномаи амал дар соҳаи об» буд. Дар он уҳдадориҳои ихтиёрии давлатҳо, созмонҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ ҷамъбаст гардиданд. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мизбон ва ташаббускор мавқеи фаъоли кишварро нишон дода, ба таҳкими нуфузи байналмилалии он мусоидат намуд. Аз ин ҷиҳат, дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пайвастани муҳокимаҳои илмии масъалаҳои ҷаҳонии об бо ниҳодсозӣ ва қабули уҳдадориҳои мушаххаси байналмилалӣ саҳм гузошт.

Дар ҳамкориҳои солҳои 2020–2025 барои ҳифзи пиряхҳо ташаккули механизмҳои нави ниҳодӣ аҳаммияти махсус дошт. Дар ин давра чанд воситаи байналмилалии ҳамоҳангсозӣ пайдо гардид, ки онҳоро метавон унсурҳои асосии «режими байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» донист. Барои таҳлил ин механизмҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: сохторҳо ва

воситаҳои дар дохили низоми СММ амалкунанда ва механизмҳои алоҳидаи байналмилалӣ.

Дар низоми СММ, пеш аз ҳама, Фонди эътимодии мақсаднок, яъне Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимод барои ҳифзи пиряхҳо, мутобиқи қатъномаи 14-уми декабри соли 2022 таъсис ёфт [7]. Вазифаи он ҷалби маблағҳои байналмилалӣ ба лоиҳаҳои ҳифзи пиряхҳо ва тақвияти имкониятҳои илмию техникии давлатҳои дорои пиряхҳо мебошад. Самти дигари ҳамкорӣ, таҳкими мушоҳидаҳои байналмилалии пиряхҳо тавассути сохторҳои мавҷуда, аз ҷумла, Созмони ҷаҳонии метеорологӣ (WMO), Барномаи СММ оид ба муҳити зист (UNEP) ва Гурӯҳи байниҳукуматии коршиносон оид ба тағйирёбии иқлим (IPCC), ба шумор меравад.

Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо, ки баргузории он мутобиқи қатънома барои соли 2025 дар Душанбе пешбинӣ гардидааст, ҳамчун майдони асосии муҳокима ва қабули тасмимҳои байналмилалӣ арзёбӣ мешавад. Дар он давлатҳо имкон пайдо мекунанд, ки натиҷаҳои Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳоро ҷамъбаст намуда, уҳдадориҳои баъди пешниҳод кунанд ва самтҳои ҳамкориро барои солҳои 2025–2030 муайян созанд. Мизбонии ин чорабинӣ мавқеи шаҳри Душанберо ҳамчун маркази дипломатияи об тақвият медиҳад.

Дар сатҳи миллӣ Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо барои солҳои 2010–2030 заминаи муҳими ин ҳамкорӣ мебошад [27]. Барнома омӯзиши илмӣ, ташкили мушоҳидаҳои пиряхшиносӣ ва таъмини имкониятҳои техникиро ба иҷрои лоиҳаҳои байналмилалии ҳифзи пиряхҳо мепайвандад. Ҳамоҳангии барномарезии дохилӣ бо фаъолияти байналмилалӣ имкон медиҳад, ки таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи пиряхҳо ҳамчун намунаи мусбат арзёбӣ гардад.

Дар Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 роҳҳои амалии посух ба паёмадҳои обшавии пиряхҳо муайян шудаанд. Такмили обёрӣ, истифодаи технологияҳои каммасрафи об дар кишоварзӣ, таҳкими зерсохтори гидроэнергетикӣ ва рушди низоми огоҳкунии барвақт аз хатарҳои гидрологӣ, аз ҷумлаи ин тадбирҳо мебошанд. Ҳамин пайванди фаъолияти байналмилалӣ бо мутобиқшавии дохилӣ аҳаммияти таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи мазкур нишон медиҳад.

Густариши ҳамкориҳои об барои ҳифзи пиряхҳо ба фаъолияти сохторҳои минтақавӣ низ такя мекунад. Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал (ХБНА), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз асосгузорони он аст, мушкилоти гидрологии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, обшавии пиряхҳои ғизодиҳандаи ҳавзаи баҳри Аралро пайваста баррасӣ менамояд. Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ (МКВК) ва Комиссияи байнидавлатӣ дар бораи рушди устувор (МКУР) низ барои ҳамоҳангсозии сиёсати оби минтақа хидмат мекунанд.

Масъалаҳои ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, ҳамчунин, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (САД) ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) низ баррасӣ мегарданд. СҲШ аз соли 2019 ҳамкории экологиро фаъолтар пеш бурда, ба идоракунии об ва ҳифзи пиряхҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин доира ҳифзи пиряхҳоро яке аз авлавиятҳои ҳамкории минтақавӣ медонад. Президенти кишвар дар нишастҳои СҲШ ва мулоқотҳои саронӣ давлатҳои аъзо ҷонибҳоро ба ҳамкорӣ дар ин самт даъват намуда, ба таҳкими заминаҳои сиёсию ҳуқуқии он мусоидат мекунанд. Дар доираи САД масъалаҳои мазкур асосан бо амнияти минтақа ва хавфҳои иқлимию экологӣ пайваст баррасӣ мешаванд. Дар ИДМ бошад, ҳамкории давлатҳо дар ҳифзи муҳити зист, захираҳои об ва

объектҳои обии фаромарзӣ тавассути механизмҳои байнидавлатӣ амалӣ мегардад.

Ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои манфиатдор дар самти ҳифзи пиряхҳо низ дар давраи 2020–2025 тақвият ёфт. Ҳамкорӣ бо Гватемала, Швейтсария, Исландия ва дигар кишварҳое, ки бо мушкилоти обшавии пиряхҳо мубориза мебаранд, чаҳорчӯбаи иттиҳодияи кишварҳои «пиряхдор»-ро ташкил намуд. Ин кишварҳо ҳамчун гурӯҳе, ки манфиатҳои умумии ҳифзи пиряхҳо доранд, дар равандҳои аз тарафи Гурӯҳи байниҳукуматии коршиносон оид ба тағйирёбии иқлим (IPCC) ва созмонҳои дигари байналмилалӣ баргузоршаванда пайваста ҳузур доранд ва талошҳои муштарак мебаранд. Рӯзномаи амалӣ Душанбе ҳамчун майдони пайгирии уҳдадориҳои Конфронси оби СММ-2023 мавқеи роҳбарии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар низоми байналмилалии об тақвият медиҳад. Он имкони мушоҳидаи мунтазами пешрафти давлатҳо ва ниҳодҳои байналмилалиро дар иҷрои уҳдадориҳои гирифташуда фароҳам меорад. Аз дидгоҳи ниҳодгароии либералӣ, чунин тартиби пайгирӣ ба самаранокии ҳамкории байналмилалӣ дар бораи обу пиряхҳо мусоидат менамояд.

ҲРУ-и СММ, ки соли 2015 дар доираи Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 қабул гардиданд, якчанд ҳадафи бевосита бо масъалаи пиряхҳо алоқамандро дар бар мегиранд. Ҳифзи пиряхҳо ҳамчун яке аз манбаъҳои асосии оби ширин ба татбиқи Ҳадафи 6-ум «Оби тоза ва беҳдошт» мусоидат мекунад. Ҳадафи 13-ум «Андешидани тадбирҳои фаврӣ барои мубориза бо тағйирёбии иқлим» низ бевосита ба масъалаи ҳифзи пиряхҳо вобаста аст, зеро обшавии пиряхҳо яке аз паёмадҳои асосии тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти дипломатии худ робитаи ҳифзи пиряхҳоро бо ҲРУ пайваста таъкид менамояд. Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси оби СММ-2023 зикр намуданд, ки «фарогир гардидани ҳадафу вазифаҳои вобаста ба об зимни Ҳадафҳои рушди устувор дар баробари Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва ҷой ёфтани масъалаҳои об дар рӯзномаи мавзуъҳои иқлим, гуногунии биологӣ, озуқа, энергетика ва дигар бахшҳо натиҷаи ҳамин талошҳо ва чораҳои андешидашуда мебошанд» [44]. Ин андеша ифода мекунад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи пиряхҳоро дар робитаи ҷудонашаванда бо рушди устувори ҷаҳонӣ баррасӣ менамояд.

Ҳадафи 15-уми ҲРУ «Ҳаёти заминӣ» низ ба пиряхҳо робита дорад, зеро ҳифзи низомҳои экологии кӯҳиро фаро мегирад. Обшавии пиряхҳо, дар баробари кам кардани захираҳои об, ба гуногунии биологии минтақаҳои баландкӯҳ таҳдид менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти муосир нишон медиҳанд, ки обшавӣ дар Помиру Тиёншон гуногунии биологии нодири низомҳои экологии алпиро зери хатар гузоштааст. Бино бар ин, ҳифзи пиряхҳо нигоҳдории ҳам оби ошомиданӣ ва ҳам тамоми низоми экологии баландкӯҳро тақозо мекунад.

Татбиқи ҲРУ дар Осиёи Марказӣ ба ҳалли мушкилоти пиряхҳо вобаста мебошад. Тибқи гузориши Гурӯҳи байниҳукуматии коршиносон оид ба тағйирёбии иқлим (IPCC), дар сурати идома ёфтани суръати кунунии обшавӣ то поёни асри XXI аз 50 то 80 дарсади пиряхҳои минтақа аз байн хоҳанд рафт [42]. Дар дурнамои дарозмуддат ин раванд мавсимияти маҷрои дарёҳои асосӣ, аз ҷумла, Амударё, Сирдарё ва Зарафшонро бештар карда, ҳаҷми обро дар тобистон, яъне мавсими маҷрои баландтарин, коҳиш медиҳад. Чунин тағйирот метавонад ба кишоварзӣ, зиндагии аҳолӣ ва иқтисоди минтақа зарари ҷиддӣ расонад.

Яке аз мушкилоти асосии ҳамкориҳои байналмилалии обӣ дар самти ҳифзи пиряхҳо таъмини маблағгузорӣ мебошад. Мутахассисон ва

созмонҳои байналмилалӣ ба ин тарафи мушкилот таваҷҷуҳи хосса медиҳанд, зеро бидуни иқтидори молии кофӣ, татбиқи ташаббусҳои ҳифзи пиряхҳо ғайриимкон мебошад. Дар ин замина, таъсиси Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимод барои ҳифзи пиряхҳо, ки мутобиқи қатъномаи СММ аз 14-уми декабри 2022 пешбинӣ шудааст, аҳаммияти хоссаи амалӣ дорад.

Кишварҳои пешрафта, ки саноатикунонии босуръати онҳо ба тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо таъсир расонидааст, дар таъмини маблағҳои зарурии Хазина ва дастгирии давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар иҷрои тадбирҳои мутобиқшавӣ масъулият доранд. Заминаи ҳуқуқии ин мавқеъ принсипи масъулияти умумӣ, вале мутафовити давлатҳо мебошад, ки дар санади қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (UNFCCC) ва Созишномаи Париж инъикос ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба тараққии дорои захираҳои бузурги пиряхӣ, ба дастгирии молиявию технологии байналмилалӣ ниёз дорад. Роҳбарияти мамлакат зарурати ҷалби маблағҳои хориҷиро барои омӯзиши пиряхҳо, ташкили мушоҳидаҳои муосир ва иҷрои тадбирҳои мутобиқшавӣ пайваста матраҳ менамояд. Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо барои солҳои 2010–2030 дар ин раванд ҳамчун заминаи ниҳодии ҳамкорӣ бо маблағгузорони байналмилалӣ истифода мешавад. Дар он ташкили низоми самараноки мушоҳидаҳои пиряхшиносӣ барои назорати пиряхҳо ва тармаҳои тамоми ҳавзаҳои дарёҳои ҷумҳурӣ пешбинӣ гардидааст. Чунин низом имкони қабули саривақтии тадбирҳоеро фароҳам меорад, ки таъсири тағйирёбии иқлимро ба аҳолӣ ва иқтисоди кишвар ва минтақа коҳиш медиҳанд.

Дар самти технология Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гидрометеорологияи Швейтсария, Институти тадқиқоти кӯҳӣ ва иқлимии Иттиҳоди Аврупо ва чанд созмони дигари байналмилалӣ

ҳамкорӣ мекунад. Ин робитаҳо ҷамъоварии маълумоти дақиқтари пиряхшиносӣ ва татбиқи тадбирҳои пешгирии офатҳои гидрологӣ, аз ҷумла, тармафароӣ ва обхезиҳои ногаҳонии кӯлҳои пиряхӣ (GLOF)-ро осон менамоянд. Тақвияти чунин иқтидори технологӣ метавонад мавқеи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи пиряхшиносӣ мустаҳкам созад.

Арзёбии натиҷаҳои дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020–2025 дар самти «Ҳифзи пиряхҳо» аз чор ҷанбаи асосӣ имконпазир аст. Ҷанбаи аввал, ба нуфузи сиёсии байналмилалӣ дахл дорад: кишвар тавонист ташаббусҳои миллии ҳифзи пиряхҳоро ба сатҳи меъёри расмии байналмилалии тасдиқнамудаи Маҷмаи мумии СММ барорад. Ин натиҷа аз иқтидори дипломатӣ ва густариши шабакаи шарикону ҷонибдорони байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад.

Дуюм, натиҷаҳои ниҳодии ин давра дар таъсиси се механизми нав зоҳир мегарданд: Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо (21-уми март), Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (2025) ва Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимод барои ҳифзи пиряхҳо. Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар шаҳри Душанбе низ ин маҷмуъро пурра менамояд. Пайдоиши механизмҳои мазкур миқёси ниҳодии ташаббусҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти онҳоро барои ҳамкории байналмилалӣ нишон медиҳад.

Сеюм, аз ҷиҳати рушди ҳуқуқ, дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фароҳам омадани заминаҳои ҳуқуқию ниҳодии ҳифзи байналмилалии пиряхҳо саҳм гузошт. Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ аз 14-уми декабри соли 2022 дар ин раванд оғози марҳилаи нав арзёбӣ мешавад. Он ба ташаккули ҳуқуқи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ҳамчун самти мустақил ё ҷузъи ҳуқуқи байналмилалии экологӣ

замина мегузорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбарии ин раванд нақши асосии ташаббускориро иҷро мекунад.

Чорум, муайян кардани таъсири амалии ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъи пиряхҳо мушоҳида ва арзёбии дарозмуддатро талаб мекунад. Мутобиқшавӣ ва коҳиши гармшавии ҷаҳонӣ аз иродаи чанд давлат вобаста буда наметавонанд: бе тадбирҳои фарогири коҳиши партовҳои газҳои гулхонаӣ, беҳбуди вазъи пиряхҳо имконнопазир аст. Бо вуҷуди ин, ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули иродаи сиёсии байналмилалӣ барои иҷрои чунин тадбирҳо мусоидат мекунанд ва аз ҳамин ҷиҳат, таъсири сиёсӣ доранд.

Соли 2025, ки бо қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон шудааст, натиҷаҳои ташаббусҳои чандсолаи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муттаҳид менамояд. Ҳамзамон, он метавонад оғози марҳилаи нави ҳамкории байналмилалӣ барои ҳифзи пиряхҳо гардад. Чорабиниҳои муҳимми байналмилалии дар ин сол пешбинишуда, дар маҷмуъ, ба ҷалби таваҷҷуҳи ҷаҳониён ба вазъи пиряхҳо ва зарурати ҳифзи онҳо равона шудаанд.

Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе яке аз рӯйдодҳои муҳимми Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо гардид. Он барои муаррифии дастовардҳои нав, баррасии мушкилоти мавҷуда ва таҳияи нақшаи мушаххаси амал барои давраи баъдӣ имкон фароҳам овард. Баргузории чорабинӣ мавқеи шаҳри Душанберо дар дипломатияи байналмилалии об тақвият дод, ки ин натиҷа ба сиёсати фаъоли хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайванд дорад.

Аз соли 2025 таҷлили Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо дар 21-уми март оғоз ёфт. Вазифаи ин рӯз баланд бардоштани огоҳии ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Таҷлили ҳарсолаи он хатари аз байн рафтани пиряхҳо ва

зарурати чораҳои муштаракро ёдрас месозад. Аз дидгоҳи назарияи паҳншавии меъёрҳои нав, ин восита аҳаммияти байналмилалии маърифатию таълимӣ дорад.

Дар дурнамои дарозмуддат Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо бояд ба ҳамфикрии ҷаҳонӣ дар бораи зарурати пешгирии гармшавии Замин мусоидат кунад. Пиряхҳо аз аломатҳои намоёни тағйирёбии иқлиманд ва таваҷҷуҳ ба вазъи онҳо метавонад иродаи сиёсиро барои коҳиши партовҳои газҳои гулхонаӣ тақвият диҳад. Эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун пешбари ҳифзи пиряхҳо, ба манфиатҳои аҳолии кишвар ва тамоми Осиёи Марказӣ мувофиқат менамояд.

Баррасии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар доираи ҳадафҳои «Ҳифзи пиряхҳо» нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра ба натиҷаҳои мушаххаси дипломатӣ ноил гардидааст. Ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадриҷан дар шакли механизмҳои байналмилалӣ таҷассум ёфтанд. Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо, Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, Хазинаи байналмилалии мақсаднок ва Конфронси байналмилалии Душанбе ифодаи амалии ин дастовардҳо ба шумор мераванд.

Дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра чанд хусусияти асосиро зоҳир намуд. Пайдарпайии иқдомҳо аз ибтидои солҳои 2000-ум хусусияти стратегию дарозмуддати ин сиёсатро нишон медиҳад. Манфиатҳои умумибашарӣ ва ҲРУ заминаи асосноккунии ҳуқуқии ташаббусҳо буда, татбиқи Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо ва Стратегияи мутобиқшавӣ онҳоро бо таҷрибаи миллӣ мепайвандад. Ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ дар доираи «Ҳифзи пиряхҳо» аз ҳамин ҷиҳат самти дипломатии мазкурро тақвият медиҳанд. Дар шароити афзоиши хатарҳои иқлимӣ, коҳиши захираҳои пиряхӣ ва шиддат гирифтани номувозинатии гидрологӣ, аҳаммияти назарию

амалии ин раванд бештар мегардад. Посух ба мушкилоти минтақавию ҷаҳонӣ ҳамоҳангии талошҳои давлатҳо ва ниҳодҳои байналмилалиро талаб мекунад.

Дар таҳлили илмӣ ҳамкории байналмилалӣ барои ҳифзи пиряхҳо маҷмуи воситаҳои ниҳодӣ, ҳуқуқӣ, молӣ ва илмию техникӣ дониста мешавад, ки мушоҳида, нигоҳдорӣ ва истифодаи устувори захираҳои пиряхиро таъмин менамоянд. Самаранокии тадбирҳои амалӣ ба он вобаста аст, ки сиёсати миллӣ бо барномаҳои сохторҳои СММ ва муассисаҳои молии ҷаҳонӣ то кадом андоза ҳамоҳанг мегардад. «Дар сатҳи сиёсию дипломатӣ пешбарии ташаббусҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии обу пиряхҳо ба ташаккули рӯзномаи байналмилалӣ ва таҳкими мавқеи давлатҳо дар муҳокимаҳо мусоидат мекунад. Аҳаммияти чунин иқдомҳо аз доираи эъломи ҳадафҳо фаротар рафта, дар самти стратегии онҳо зоҳир мешавад: ҷалби таваҷҷуҳи устувори ҷомеаи ҷаҳонӣ ба амнияти экологӣ ва ҳифзи захираҳои обӣ» [17].

Аз ҷиҳати иқтисодию молӣ, сармоягузорӣ, грантҳо ва кумаки техникии муассисаҳои байналмилалӣ барои такмили зерсохтори илмию таҳқиқотӣ, шабакаҳои мушоҳида ва воситаҳои пешгӯии гидрологӣ имконият фароҳам меоранд. Ин дастгирӣ иқтидори миллиро дар идоракунии хатарҳои иқлимӣ ва ҳифзи низомҳои экологии пиряхӣ баланд мебардорад.

Ҳамкории марказҳои илмии минтақавию байналмилалӣ ва мубодилаи маълумоти гидрометеорологӣ барои асоснокии далелии сиёсати обу иқлим аҳаммияти вижа доранд. Истифодаи мушоҳидаҳои моҳворагӣ ва моделҳои рақамии яхбандӣ ва обшавӣ имкони омӯзиши дақиқтари равандҳоро фароҳам меорад. Аз ин ҷиҳат, иҷрои ҳадафҳои «Ҳифзи пиряхҳо» ҳамкориро дар сатҳҳои гуногун талаб менамояд. Ҳамоҳангии фаъолияти дипломатӣ бо имкониятҳои илмӣ ва иқтисодӣ

ба таҳкими амнияти экологӣ ва нигоҳдории устувори захираҳои об дар минтақа ва ҷаҳон мусоидат мекунад.

3.2. Дурнамои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар заминаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018–2028

Буҳрони об дар оғози асри XXI ба яке аз мушкилоти фарогири тамаддуни муосир табдил ёфт ва дурнамои рушди устувори инсониятро бо таҳдиди ҷиддӣ рӯ ба рӯ сохт. Афзоиши босуръати аҳолӣ, тағйирёбии иқлим, бадшавии муҳити зист, тавсеаи шаҳрнишинӣ, рушди саноат ва истифодаи номутавозини сарватҳои табиӣ ба камшавии захираҳои оби ошомиданӣ, олудашавии манбаъҳои он ва нобаробарии дастрасӣ ба об дар минтақаҳои ҷаҳон мусоидат карданд. Паёмадҳои геоэкологӣ ва геополитикии ин равандҳо зарурати ҳамоҳангсозии сиёсати оби давлатҳо, густариши ҳамкориҳои фаромиллӣ ва такмили механизмҳои байналмилалии ҳуқуқии истифода ва ҳифзи обро пеш гузоштанд. Ҳалли ин масъалаҳо, тадриҷан, ҳамчун яке аз вазифаҳои асосии таъмини амнияти ҷаҳонӣ эътироф гардид. «СММ ҳамчун ниҳоди марказии ҳамоҳангсозии ташаббусҳои байналмилалӣ дар соҳаи рушди устувор бо қабули Қатъномаи 71/222 аз 21 декабри соли 2016 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018–2028-ро эълон намуд» [17]. Ин санад ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳамкорӣ ҷиҳати истифодаи оқилона, ҳифз ва идоракунии устувори захираҳои обӣ даъват кард. Аз ин ҷиҳат, қатънома барои густариши дипломатияи об, таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ ва татбиқи ҲРУ-и СММ дар соҳаи об заминаи муҳимми сиёсиву ҳуқуқии байналмилалӣ фароҳам овард [17].

«Самтҳои асосии санади мазкур истифодаи оқилонаи захираҳои об, идоракунии устувори онҳо ва таъмини дастрасии одилонаи аҳолии ҷаҳон ба оби босифати ошомиданӣ ва хидматрасониҳои санитариву

беҳдоштиро фаро мегиранд» [17]. Ҳифзи низомҳои экологии вобаста ба об ва мутобиқ намудани сиёсати миллии давлатҳо ба меъёру ҳадафҳои умумиҷаҳонии рушди устувор низ аз вазифаҳои он мебошанд. Ҳамин фарогирии масъалаҳо ба қатънома имкон медиҳад, ки ҳамчун заминаи сиёсиву ҳуқуқии ҳамкориҳои фаромиллӣ хидмат намояд. Дар доираи он густариши дипломатияи об бо таҳкими масъулияти дастаҷамъии давлатҳо ва риояи принсипҳои истифодаи одилонаю оқилонаи захираҳои обӣ пайваст мегардад.

Аз дидгоҳи назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи муосир, эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» хусусияти барномавӣ ва аҳаммияти сиёсиву ҳуқуқӣ дорад. Чунин санадҳо, гарчанде барои давлатҳо уҳдадориҳои мустақими ҳатмии ҳуқуқиро ба таври пурра муқаррар намекунанд, дар ташаккул ва таҳаввули меъёрҳои танзими ҷаҳонӣ саҳм мегузоранд. Аҳаммияти ҳуқуқии онҳо ба таъсире вобаста аст, ки ба рафтор ва таҷрибаи ҳамкории давлатҳо мерасонанд. Таҷрибаи муносибатҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки муқаррароти тавсиявӣ метавонанд минбаъд барои ташаккули меъёрҳои ҳатмии ҳуқуқи байналмилалӣ ё одатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ замина фароҳам оваранд.

«Дар қабули ин санад Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ташаббускор ва поягузори Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028» нақши махсуси сиёсиву дипломатӣ дорад. Ташаббусҳои байналмилалии Эмомалӣ Раҳмон, ки аз минбари Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод гардиданд, барои дастгирӣ ва қабули қатъномаи дахлдор шароит муҳайё сохтанд» [48]. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дипломатияи ҷаҳонии об танҳо аз дороии захираҳои бузурги оби ширин дар Осиёи Марказӣ барнамеояд. Кишвар, ҳамзамон, тавассути фаъолияти дипломатии худ дар муайян кардани рӯзномаи

байналмилалии сиёсати об иштирок намуда, ба яке аз субъектҳои фаъоли ин раванд табдил ёфтааст.

Ташаккул ва рушди низоми ҳуқуқии байналмилалии танзими муносибатҳои вобаста ба захираҳои об раванди тулонӣ, марҳилавӣ ва таърихан мураккаб ба ҳисоб меравад, ки сарчашмаҳои он ба нимаи дуюми асрҳои XIX–XX рост меоянд. «То эълони Даҳсолаи нав ҷомеаи байналмилалӣ чанд марҳалаи ҳамкориро дар соҳаи об паси сар карда буд: Даҳсолаи байналмилалии таъминоти оби ошомиданӣ ва тоза (1981–1990), Конфронси байналмилалии об ва муҳити зист дар Дублин (1992), Дастурамали оби Рио (1992) ва Даҳсолаи «Об барои ҳаёт» (2005–2015). Бо вуҷуди ин иқдомҳо, то соли 2016 масъалаи об ҳалли пурраи худро наёфт ва баъзе ҷанбаҳои он шиддат гирифтанд. Аз ин рӯ, зарурати роҳандозии Даҳсолаи нави байналмилалӣ ба миён омад» [47].

Оғози Даҳсолаи 2018–2028 ба даврае рост омад, ки вазъи захираҳои об дар ҷаҳон ҳассосияти бештар пайдо карда буд. «Камшавии захираҳои об дар шароити тағйирёбии шадиди иқлим бо афзоиши талаботи аҳолӣ ба оби ошомиданӣ ҳамзамон ҷараён мегирифт» [138]. Дар ҳамин давра Душанбе ду Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсоларо дар солҳои 2018 ва 2022 мизбонӣ кард. Баргузории ин чорабиниҳо аз ҷойгоҳи пешсафи дипломатияи оби Тоҷикистон ва ҳузури фаъолонаи Осиёи Марказӣ дар рӯзномаи байналмилалии об шаҳодат медиҳад [49].

Чаҳорчӯбаи сиёсиву ниҳодии Даҳсоларо, пеш аз ҳама, Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ № A/RES/71/222 ва Нақшаи амалии СММ ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018–2028» муайян мекунанд. Ин санадҳои ҳуқуқию барномавӣ ба давлатҳои аъзо имкон медиҳанд, ки масъалаҳои обро дар асоси равишҳои ҳамгиро ва дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ баррасӣ намоянд. Дар онҳо идоракунии яклухти захираҳои об бо иштироки

фарогири ҷонибҳои манфиатдор, ҳамкориҳои фаромарзӣ ва риояи баробарии гендерӣ пайваст шудааст. Ҳамин принсипҳо ҳамчун асоси татбиқи самараноки стратегияҳо ва ноил гардидан ба ҳадафҳои Даҳсола пешниҳод мегарданд.

Барои арзёбии дурнамои ҳамкорӣ муайян намудани афзалиятҳои Даҳсолаи об аҳаммияти калидӣ дорад. Нақшаи амалии он таҳкими низоми умумиҷаҳонии идоракунии захираҳои обро тавассути чанд самти ба ҳам алоқаманд пешбинӣ менамояд. Ба ин самтҳо мутобиқ намудани сиёсати миллии об ба Ҳадафҳои рушди устувор, рушди иқтидори ниҳодӣ, илмию техникӣ ва идоракунии давлатҳои дар ҳоли рушд, ҳамчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори муосири об дохил мешаванд. «Мубодилаи дониш, таҷриба ва технологияҳои навоварона шарти дигари истифодаи самараноки захираҳои об мебошад. Ҳамзамон, пешгирии ихтилофоти обӣ ва густариши дипломатияи об ҳамчун воситаи таъмини субот, ҳамкорӣ ва амнияти байналмилалӣ дар маркази ин афзалиятҳо қарор доранд» [148].

Дар амалисозии ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал Барномаи рушди СММ, Барномаи СММ оид ба муҳити зист, Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо, Созмони озуқа ва кишоварзии СММ, Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки рушди Осиё вазифаҳои муҳимми ҳамоҳангсозиро ба уҳда доранд. Аҳаммияти иштироки онҳо барои Осиёи Марказӣ аз хусусиятҳои гидрологӣ ва геополитикии минтақа бармеояд. Таҳкими ҳамкориҳои минтақавии об талаб мекунад, ки имкониятҳои ниҳодӣ, молӣ ва техникии ин созмонҳо ба таври муназзам ва ҳамоҳанг истифода шаванд. Дар чунин сурат, дастгирии байналмилалӣ метавонад ба рушди низоми ҳамкории обии минтақа мусоидат намояд: «Пояҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳамкориҳои обӣ ҳамчунин ба санадҳои муҳимми байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим, Созишномаи Париж ва

Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи истифодаи ғайрикиштигардии маҷроҳои оби байналмилалӣ такя менамоянд» [8; 10; 15]. Санадҳои мазкур маҷмуи уҳдадориҳои байналмилалии давлатҳоро дар самти ҳифзи муҳити зист, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, истифодаи оқилонаи захираҳои об ва рушди ҳамкориҳои фаромарзӣ муайян намуда, заминаи ягонаи ҳуқуқӣ ва ниҳодиро барои пешгирӣ ва танзими ихтилофоти вобаста ба об, таҳкими эътимоди байнидавлатӣ ва густариши дипломатияи об фароҳам месозанд.

Дурнамои тағйирёбии иқлим ва вазъи захираҳои об дар Осиёи Марказӣ дар бештари арзёбиҳо нигаронкунанда дониста мешавад. Аз дидгоҳи таҳлилҳои геополитикӣ ва ояндашиносии иқлимӣ, минтақаи Осиёи Марказӣ ба гурӯҳи минтақаҳои бештар осебпазири ҷаҳон нисбат ба паёмадҳои тағйирёбии иқлим мансуб дониста мешавад. Пажӯҳишҳои илмии байналмилалӣ ва арзёбиҳои муассисаҳои бонуфузи иқлимшиносӣ нишонмедиҳанд ки суръати болоравии ҳарорати ҳаво дар ин минтақа нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ баландтар боқӣ монда, ин раванд метавонад ба тағйирёбии ҷиддии гидрологӣ, экологӣ ва геополитикӣ оварда расонад. Дар чунин шароит пиряхҳо ҳамчун манбаи стратегии ташаккули захираҳои об ва омили калидии таъмини амнияти оби аҳолии зиёда аз 60 миллионнафараи минтақа зери хатари босуръати обшавӣ қарор гирифтаанд [51].

Хусусияти фаромарзии қисми зиёди захираҳои оби Осиёи Марказӣ боис мегардад, ки коҳиши ҳаҷми пиряхҳо ва дигаргун шудани низоми маҷрои дарёҳо ба тавозуни манфиатҳои давлатҳои минтақа бевосита таъсир расонанд. Дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат дастрасӣ ба об метавонад дар муносибатҳои байналмилалӣ, рақобатҳои геоиқтисодӣ ва таъмини амнияти минтақавӣ аҳаммияти бештар пайдо кунад. Бо ин сабаб, паёмадҳои тағйирёбии иқлим аз доираи масъалаҳои экологӣ фаротар рафта, бо сиёсати байналмилалӣ, дипломатияи об,

амнияти энергетикӣ ва суботи геостратегии минтақа робитаи мустақим пайдо мекунанд. Ин пайванд зарурати таъсиси механизмҳои ҳамоҳанги идоракунии об ва густариши дипломатияи бисёрҷонибаи обиро миёни давлатҳои минтақа ва созмонҳои байналмилалӣ тақвият медиҳад: «Коҳиш додани хатари ихтилофоти эҳтимолӣ танҳо дар сурати ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ, ҳамгироии сиёсӣ ва татбиқи стратегияҳои муштараки мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим имконпазир мегардад» [48]. Аз ин рӯ, рушди чунин ҳамкориҳо ҳам барои идоракунии захираҳои об ва ҳам барои таҳкими пояҳои рушди устувору амнияти минтақавӣ аҳаммияти ҳаётӣ дорад.

Дар таҳқиқи Ф. Н. Салимов оид ба пешгирии хатарҳои минтақавӣ масъалаҳои обу иқлим ба хатарҳое мансуб дониста мешаванд, ки тадриҷан ҷамъ шуда, метавонанд танишҳои байнидавлатиро шиддат диҳанд. Барои коҳиши онҳо мубодилаи мунтазами маълумот, тартиби мувофиқашудаи идоракунӣ, банақшагирии муштарак ва маблағгузории устувори чораҳои пешгирикунанда зарур шуморида мешаванд [124, с. 12–13].

Раванди обшавии босуръати пиряхҳо аз ҷиҳати гидрологӣ ду марҳалаи ба ҳам алоқаманд дорад. Дар оғоз ҳаҷми оби дарёҳо муваққатан меафзояд, ва ҳамзамон, хатари обхезӣ ва дигар офатҳои табиии марбут ба об зиёд мешавад. Баъдан, бо коҳиши захираи ях, маҷрои дарёҳо ба таври назаррас кам мегардад ва бисёре аз дарёҳои хурду миёна хусусияти мавсимӣ пайдо мекунанд [55]. Пайдарҳамии афзоиши муваққатии об ва коҳиши устувори баъдии он нишон медиҳад, ки обшавии пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон барои тамоми минтақа таҳдиди стратегии бесобиқа ба вуҷуд меорад. Пешгӯиҳои мавҷуда миқёси эҳтимолии чунин мушкилотро барои кишварҳои минтақа нишон медиҳанд. Тибқи онҳо, то соли 2040 норасоии захираҳои об дар Ҷумҳурии Қазоқистон метавонад аз 50

дарсади ниёзмандиҳои кишвар бештар гардад. Вобастагии қариб ҳамаи бахшҳои иқтисод ба об боис мешавад, ки ин раванд то соли 2050 эҳтимолан ба коҳиши 6-дарсадии ММД-и Қазоқистон оварда расонад. Дар Ӯзбекистон таъсири манфии тағйирёбии иқлим метавонад то ҳамин сол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро 10–15 дарсад кам кунад. Чунин дурнамо дар ин арзёбӣ бо ногузир гардидани буҳрони озуқа ва иҷтимоӣ алоқаманд дониста мешавад.

Бино ба маълумоти илмии Созмони ҷаҳонии метеорологӣ, солҳои 1999–2018 беш аз 12 ҳазор ҳодисаи вобаста ба тағйирёбии иқлим сабт гардидааст. Хисороти иқтисодии онҳо аз 3,54 триллион доллар гузашта, шумораи қурбониён беш аз 500 ҳазор нафарро ташкил додааст [139]. Қисми зиёди ин ҳодисаҳо, аз ҷумла, тӯфон, обхезӣ, хушксолӣ ва боришоти ногаҳонӣ, бо об робитаи мустақим доранд. Дар Осиёи Марказӣ низ чунин ҳодисаҳо солҳои охир нисбат ба даҳсолаҳои гузашта бештар ба мушоҳида мерасанд. Тағйирёбии иқлим ба давраҳои мавсимии минтақа низ таъсир расонидааст: зимистонҳо сардтару дарозтар ва тобистонҳо гармтару хушктар шудаанд. Дар натиҷа, талабот ба нерӯи барқ дар фасли зимистон ва ба оби обёрӣ дар тобистон афзудааст. Ин мушкилот бо коҳиши захираҳои об, номувозинатии доимии байни талабот ва дастрасӣ ба обро ба вуҷуд меорад.

Заминаи таърихии ҳамкориҳои обии Осиёи Марказӣ бо дигаргун шудани низоми идоракунии минтақа алоқаманд аст. Дар давраи шуравӣ минтақа дар доираи иқтисоди ягона фаъолият мекард ва тақсими об бо усулҳои мутамаркази нақшавӣ танзим мешуд. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ин низом ба ихтиёри панҷ давлати мустақил гузашт, аммо механизмҳои ҳамоҳангсозӣ ба талаботи нави онҳо пурра мутобиқ набуданд. Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал (ХБНА) ва Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии об

(КБМО), ки солҳои 1992–1993 таъсис ёфтанд, низ тамоми ниёзмандиҳои минтақаро фаро гирифта натавонистанд: «Тафовути манфиатҳои кишварҳои болооб ва поёноб яке аз омилҳои асосии мушкилоти ҳамкории обӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Тоҷикистон ва Қирғизистон ба рушди иқтидори гидроэнергетикии худ таваҷҷуҳ доранд, дар ҳоле ки Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон барои обёрии кишоварзӣ ба ҳаҷми зиёди об ниёз доранд. Афзоиши истеъмоли об ин масъалаи ҳамоҳангсозии манфиатҳоро мураккабтар мегардонад: ҳаҷми истеъмол аз 60 километри мукааб дар соли 1960 ба беш аз 110 километри мукааб расидааст ва то соли 2030 афзоиши минбаъдаи он ба андозаи 15–20 дарсад пешбинӣ мешавад» [139].

Дар ин чаҳорчӯба раванди тағйирёбии иқлим ва коҳишёбии захираҳои об метавонад дурнамои ҳамкориро ба ду самт тағйир диҳад. Аз як тараф, коҳиши умумии об метавонад рақобат ва танишҳои байни давлатҳоро шиддат бахшад. Аз тарафи дигар, таҳдиди умумии буҳрон метавонад ҳавасмандии кишварҳоро барои гуфтушунид ва ҳамкорӣ зиёд кунад. Вобаста ба он, ки кадом тамоюл бартарӣ пайдо кунад, раванди ҳамкории оянда метавонад ё ба густариши бебозгашти низоъҳои обӣ оварда расонад, ё ба ҳамгироии тадриҷиву устувори минтақавӣ мусоидат кунад. Даҳсолаи байналмилалии об чаҳорчӯбаест, ки тамоюли дуввумро тавонотар мекунад: «Таъмини амнияти обӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ дар баробари суботи экологии Осиёи Марказӣ иҷрои маҷмуи вазифаҳои мушаххасро талаб мекунад. Нахуст, вазъи кунунии ин се самти амният бояд арзёбӣ ва омилҳои ноустуворӣ онҳо муайян карда шаванд. Сипас, дар асоси ин арзёбӣ таҳияи стратегияи ягонаи минтақавӣ зарур аст, ки масъалаҳои об, энергетика ва озуқавориро дар робитаи мутақобил фаро гирад. Вазифаи дигар муайян намудани сатҳи пешбинишавандаи амният дар ҳар се самт то

соли 2030 бо дарназардошти идома ёфтани тамоюлҳои мавҷуда мебошад» [158].

Яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои байналмилалӣ дар доираи Даҳсола, истифодаи технологияҳои нави обӣ аст. Ин, пеш аз ҳама, низоми обёрӣ, усулҳои обёрии нав ва барномаҳои идоракунии рақамии захираҳои обро дар бар мегирад. Далелҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки гузариш ба технологияҳои каммасрафи обӣ дар кишоварзӣ метавонад ба 30–50 дарсад кам кардани истеъмоли об дар ин соҳа мусоидат кунад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки кишоварзӣ 80–90 дарсади захираҳои обро истеъмол мекунад, ин тағйирот метавонад дигаргунии амиқу мусбати иқтисодӣ ба вуҷуд оварад. Дар ин чаҳорчӯба маблағгузории байналмилалӣ аз Фонди сабзи иқлим, Фонди рушди Осиё, Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки рушди Осиё ба кишварҳои минтақа имкон медиҳад, ки инфрасохтори куҳна ва камсамари оби давраи шуравиро тадриҷан бо технологияҳои муосир иваз намоянд. Дар айни ҳол, ба ҳисоби миёна ҳосилнокии заминҳои обии кишоварзии Осиёи Марказӣ нисбат ба кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон 6–8 баробар пасттар аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ташаббусҳои ояндабинона ва иқдомҳои дипломатии ҳукумати кишвар, дар пешбурди Даҳсолаи байналмилалии об нақши муҳим ва муассир дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «муаллифи дипломатияи оби байналмилалӣ» эътироф мегардад. он дар арсаи байналмилалӣ кишварест, ки захираҳои асосии оби минтақаро дар пиряхҳо ва ҳавзаҳои худ нигоҳ медорад ва, ҳамзамон, дар баробари паёмадҳои тағйирёбии иқлим, аз ҷумла, обшавии пиряхҳо, обхезӣ ва хушксолӣ, хеле осебпазир аст. Маҳз ба ҳамин сабаб, Ҷумҳурии Тоҷикистон ду конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи оби СММ-ро дар солҳои 2018 ва 2022 дар шаҳри Душанбе мизбонӣ намуд [17].

Фаъолияти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзномаи ҷаҳонии об чанд самти ба ҳам алоқамандро фаро мегирад: пешниҳоди қатъномаҳои СММ доир ба обу иқлим, мизбонии форумҳои байналмилалии об ва таъсиси Маркази минтақавии омӯзиши пиряхҳо ҳамчун заминаи илмии ҳамкориҳои минтақавӣ: «Дар доираи Созишномаи Париж кишвар ихтиёран уҳдадор шудааст, ки партови газҳои гулхонаиро аз 80–90 дарсади сатҳи соли 1990 зиёд накунад» [45]. Бо сабаби саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми умумиҷаҳонии партовҳо ҳамагӣ 0,0003 дарсад арзёбӣ мешавад, чунин уҳдадорӣ ифодагари сатҳи баланди масъулиятшиносии сиёсии миллӣ дар пешбурди сиёсати ҷаҳонии иқлим дониста мешавад.

Ба манфиати кишварҳои минтақа аст, ки нақши миёнаравӣ ва пешсафии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди рӯзномаи оби Осиёи Марказӣ дар доираи Даҳсолаи байналмилалӣ тақвият ёбад. Таъсиси Маркази омӯзиши пиряхҳо аз иқдомҳои дорои аҳаммияти стратегии кишвар дар ин самт мебошад. Дурнамои фаъолияти марказ метавонад назорати минтақавии вазъи пиряхҳо, таҳлили маълумоти гидрологӣ ва пешгӯии захираҳои обро барои ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ фаро гирад. Аз ин рӯ, яке аз тавсияҳои муҳим ба Маркази омӯзиши пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон додани мақоми минтақавӣ ва бо иштироки молиявии ҳамаи кишварҳои минтақа таъмин намудани фаъолияти он мебошад.

Даҳсолаи байналмилалии об барои ҳамкории ин марказ бо Шабакаи байналмилалии назорати пиряхҳо (WGMS), Барномаи гидрологии байналмилалии ЮНЕСКО (IHP) ва дигар созмонҳои илмии байналмилалии соҳаи об имконият фароҳам меорад. Чунин робитаҳо метавонанд дастрасии кишварҳои минтақаро ба маълумоти илмӣ, технологияҳои зарурӣ, таҷрибаи байналмилалӣ ва дастгирии молӣ таъмин намоянд: «Созишномаи Париж ва Конвенсияи қолабии

Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим заминаи муҳимми ҳуқуқию ниҳодии рушди дипломатияи об ва ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ба ҳисоб мераванд» [55]. Ин санадҳо барои ҳамоҳанг сохтани идоракунии захираҳои об, коҳиш додани хатари ихтилофоти фаромарзӣ ва таҳкими амнияти экологию гидросиёсии минтақаҳо имкон фароҳам меоранд. «Созишномаи Париж 12 декабри соли 2015 қабул шуда, 4 ноябри соли 2016 эътибор пайдо кард» [15]. «Пайванди ин созишнома бо ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии об аз он бармеояд, ки таъсири тағйирёбии иқлим ба ҷомеаҳои инсонӣ асосан тавассути дигаргуншавии захираҳои об зоҳир мешавад» [15].

«Барои давлатҳои Осиёи Марказӣ - Тоҷикистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон - аҳаммияти ҳуқуқии Созишномаи Париж ба имконияти дархости кумаки молиявию технологӣ аз кишварҳои пешрафта низ вобаста мебошад. Дар ин самт дастрасӣ ба маблағгузории Фонди сабзи иқлим, ки дар чаҳорчӯбаи созишнома фаъолият мекунад, метавонад ба навсозии соҳаи об мусоидат намояд. Ҷалби чунин маблағҳо барои ҷорӣ намудани технологияҳои нави истифодаи об ва бунёди инфрасохтори тозаи гидроэнергетикӣ имкониятҳои муҳими сармоягузорӣ фароҳам меорад» [52].

Дар ин раванд рушди гидроэнергетика ҳамчун як манбаи асосии энергияи тоза, яъне «энергияи сабз», нақши дугонаро мебозад: аз як тараф, ба минтақа қувваи барқи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза медиҳад; аз тарафи дигар, партовҳои газҳои гулхонаиро дар минтақа чандин маротиба коҳиш медиҳад [52].

Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим ва механизмҳои Созишномаи Париж, аз ҷумла раванди таҳия ва татбиқи нақшаҳои миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим (NAP), дар Осиёи

Марказӣ метавонанд ба пешгирӣ ва ҳалли мусолиматомези ихтилофоти обӣ мусоидат кунанд [8; 15; 151]. Аҳаммияти ин чаҳорчӯбаи ҳуқуқии байналмилалӣ дар он аст, ки татбиқи муқаррароти он ҳамкории давлатҳои минтақаро дар истифодаи оқилонаи об ва идоракунии муштараки захираҳо густариш медиҳад. Ин раванд, дар навбати худ, барои коҳиш додани паёмадҳои манфии тағйирёбии иқлим замина фароҳам меорад.

Дар дурнамо таҳкими чаҳорчӯбаи ҳуқуқии минтақавии идоракунии об метавонад нақши калидӣ дошта бошад. Таҳияи санадҳое чун Паймони оби Осиёи Марказӣ ё Оинномаи истифодаи муштарак ва ҳифзи об дар ҳавзаҳои байнидавлатӣ имкон медиҳад, ки тартиби истифодаи захираҳо ва роҳҳои ҳалли ихтилофот равшантар муайян шаванд. Ҳангоми таҳияи чунин санадҳо таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо дар танзими масъалаҳои оби байнидавлатӣ, аз ҷумла, Дастурамали чаҳорчӯбавии оби Аврупо, метавонад барои Осиёи Марказӣ ҳамчун намунаи омӯзиш ва истифода хидмат намояд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои рушди устувор дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки дар шароити афзоиши таҳдидҳои иқлимӣ ва нобаробарии дастрасӣ ба захираҳои об, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018–2028» метавонад ҳамчун заминаи стратегии таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ, рушди дипломатияи об ва ҳамоҳангсозии сиёсати обию энергетикӣ барои ноил гардидан ба ҲРУ, бахусус ҲРУ №6 «Оби тоза ва беҳдошт», нақши меҳварӣ ва муттаҳидкунанда иҷро намояд.

Дар доираи Даҳсолаи байналмилалии об ва бо такя ба дастгирии шарикони байналмилалӣ, кишварҳои минтақа метавонанд талошҳои худро то соли 2028 ба ҳадафҳои мушаххаси зерин дар самти ҲРУ № 6 равона намоянд: а) таъмини дастрасии 100-дарсадии аҳолии шаҳрӣ ба оби ошомиданӣ; б) ба 80 дарсад расонидани дастрасии аҳолии деҳот ба

оби тоза; в) на камтар аз 30–40 дарсад коҳиш додани талафоти об дар шабакаҳои интиқол; г) мутобиқ намудани нақшаҳои миллии идоракунии захираҳои об ба меъёрҳои байналмилалӣ.

Яке аз сенарияҳои дурнамои ҳамкориҳои обии Осиёи Марказӣ, идома ёфтани вазъи мавҷударо пешбинӣ мекунад. Дар ин сенария нокифоя будани ҳамоҳангсозии сиёсати обию иқлимӣ, маҳдудияти эътимоди байнидавлатӣ ва заъфи механизмҳои ниҳодии ҳамкорӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ҳамзамон, фишорҳои демографӣ ва иқлимӣ меафзоянд. Пайвастшавии ин омилҳо метавонад дар дурнамои миёнамуҳлат рақобат барои обро шиддат бахшида, ихтилофоти геоиқтисодиро афзоиш диҳад ва сатҳи амнияти минтақавиро коҳиш диҳад.

Дар сурати гузариш ба сенарияи ҳамгироӣ, кишварҳои минтақа метавонанд то соли 2028 ба натиҷаҳои зерин ноил гарданд: а) ташкили механизми ягонаи минтақавии назорати захираҳои об ва пиряхҳо; б) имзои Созишномаи минтақавии идоракунии муштараки захираҳои оби Амударё ва Сирдарё бо муқаррароти нав, аз ҷумла, мутобиқсозии идоракунӣ ба паёмадҳои тағйирёбии иқлим; в) ҷалби беш аз 5 миллиард доллар сармоягузории байналмилалӣ барои навсозии инфрасохтори об; г) таъсиси шабакаи минтақавии таҳқиқоти илмию технологӣ дар соҳаи обшиносӣ; д) гузариш ба «иқтисоди сабз» тавассути рушди муштараки гидроэнергетика.

Барои татбиқи самараноки ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии об дар минтақаи Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, ислоҳоти ниҳодии минтақавии чандзинагӣ зарур аст. Дар ин самт тавсияҳои зерин муҳим мебошанд: а) мутобиқ гардонидани ваколатҳои ХБНА ба талаботи нав тавассути ҷорӣ намудани принсипҳои идоракунии ҳамгирои захираҳои табиӣ, ки робитаи мутақобилаи байни об, энергетика, озуқаворӣ ва муҳити зистро ба назар мегирад; б) таҳияи Паймони нави оби

минтақавии Осиёи Марказӣ, ки ба ҷойи механизмҳои мавҷуда, тақсими оқилонаи захираҳои об байни болооб ва поёнобро дар шароити нави иқлимӣ танзим менамояд; в) таъсиси суди байнидавлатии ҳалли ихтилофоти обӣ дар Осиёи Марказӣ бо пуштибонии байналмилалии СММ.

Тақвияти ҷойгоҳи дипломатияи об дар сиёсати хориҷии ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ аз шартҳои муҳимми пешбурди ин ҳамкориҳо мебошад. Дар ин робита се тадбир пешниҳод мегардад. Нахуст, дар ҳар кишвари минтақа таъсис ё таҳким додани вазорат ё идораи махсуси дипломатияи об зарур аст. Дуюм, мулоқотҳои роҳбарони олии давлатҳои Осиёи Марказӣ доир ба масъалаҳои об бояд мунтазам, ҳадди ақал соле як бор, баргузор шаванд. Сеюм, такмили малакаҳои музокира ва истифодаи имкониятҳои миёнаравии муассири байналмилалӣ метавонад ба ҳалли масъалаҳои байнидавлатии об мусоидат намояд.

Арзёбии маҷмуии захираҳои об, тамоюлҳои тағйирёбии иқлим ва низоми ҳамкориҳои байналмилалии Осиёи Марказӣ аҳаммияти имкониятҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018–2028»-ро ошкор месозад. Истифодаи оқилонаи ин фурсат метавонад оғози марҳалаи нави ислоҳоти фарогири идоракунии захираҳои оби минтақаро таъмин намояд.

Рушди баъдии ҳамкориҳо дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018–2028» ба чанд омили муайянкунанда вобаста мебошад. Омили аввал, иродаи муштараки сиёсии ҳукуматҳои Осиёи Марказӣ барои гузариш аз рақобат ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои об аст. Омили дуюм, ҷалби пайвастаи сармояи байналмилалии молию технологӣ ба навсозии инфрасохтори об мебошад. Тақвияти дипломатияи обию иқлимии кишварҳои минтақа дар арсаи байналмилалӣ ва ташкили низоми ягонаи минтақавии

назорати обу пиряхҳо омилҳои дигари пешбурди ин раванд ба шумор мераванд.

Дурнамои ҳамкориҳои байналмилалии об дар Осиёи Марказӣ зимни Даҳсолаи байналмилалии об аз ин дидгоҳ метавонад ба ду самт рушд кунад: якум, самти инерсионӣ, ки дар он тамоюлҳои кунунии ихтилоф ва набудани ҳамкориҳои мустаҳкам боиси буҳрони оби ногузири минтақавӣ мегардад; дуввум, самти ҳамгироӣ, ки дар он бо иродаи муштарак ва дастгирии сохторҳои байналмилалӣ минтақа ба намунаи ҷаҳонии ҳамкориҳои муассири обию иқлимӣ табдил меёбад. Вазифаи дипломатияи муосир ва ҳамкориҳои минтақавӣ таъмин кардани ин тамоюли дуввум аст.

Чунин равиши маҷмуӣ ҳам барои ҳалли мушкилоти ҷорӣ ва ҳам барои рушди «иқтисоди сабз» ва пешрафти босуботи минтақа заминаи боэътимод фароҳам меорад. Самаранокии он ба тавоноии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сафарбар намудани захираҳои мавҷуда ва истифодаи муштараки онҳо вобастааст. Дар сурати амалӣ гардидани ин имкониятҳо, об ба манбаи рушду шукуфоии минтақа табдил ёфта, аз шиддат гирифтани буҳрону низоъҳо пешгирӣ менамоянд.

ХУЛОСА

I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқи мавзуи «Ташаккули дипломатияи оби Тоҷикистон дар низоми ҲРУ-и СММ ва дурнамои он (солҳои 2003–2025)» имкон дод, ки ташаккул, инкишоф ва таҳкими дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо сиёсати хориҷии кишвар арзёбӣ гардад. Дар ин замина, нақши он ҳамчун механизми таъмини амнияти минтақавию экологӣ ва мусоидат ба рушди устувор таҳлил карда шуд. Натиҷаҳои бадастомада барои пешниҳод намудани нуктаҳои зерини хулосавӣ ва муайян кардани дастовардҳои асосии илмии диссертатсия асос мегарданд:

1. Таҳқиқ нишон дод, ки дипломатияи об дар шароити муосир вазифаҳои аз ҳамкории анъанавии соҳавӣ васеътарро иҷро мекунад. Он ба унсури стратегии сиёсати байналмилалӣ, воситаи таҳкими эътибори давлат ва механизми танзими муносибатҳои геополитикӣ дар истифодаи об табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари болооб бо захираҳои бузурги обӣ тавассути ташаббусҳои байналмилалии худ тарҳи нави дипломатияи обро ташаккул додааст. Асоси ин тарҳро ҳамкорӣ, эътимод, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва мусоидат ба татбиқи ҳадафҳои умумиҷаҳонии рушди устувор ташкил медиҳанд [1-М].

2. «Дар диссертатсия собит гардид, ки ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули низоми нави ҳамкорӣ дар соҳаи об заминаи сиёсиву ҳуқуқӣ фароҳам овардаанд. Ба ин ташаббусҳо эълони «Соли байналмилалии оби тоза – 2003», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005–2015), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018–2028) ва иқдоми «Ҳифзи пиряхҳо» дохил мешаванд. Пешбурди онҳо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар дипломатияи ҷаҳонии об фаъолтар намуда, мавқеи

кишварро дар ин раванд мустаҳкам сохтааст. Ҳамзамон, ин фаъолияти ташаббускорона ба афзоиши нуфузи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созмони Милали Муттаҳид мусоидат кардааст» [3-М].

3. Яке аз натиҷаҳои таҳқиқ муайян намудани хусусияти бисёрсатҳии дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин дипломатия вазифаҳои сиёсӣ, экологӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ ва гуманитариро ба ҳам мепайвандад. Дар сиёсати хориҷии кишвар тавассути он ҳам масъалаҳои истифодаи захираҳои обӣ баррасӣ мешаванд ва ҳам заминаҳои суботи минтақавӣ, пешгирии низоъҳои фаромарзӣ ва тавсеаи ҳамкории байналмилалӣ тақвият меёбанд. Аз ин таҳлил бармеояд, ки об дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти геополитикӣ пайдо кардааст. Бо ҳамин асос дипломатияи об ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти дипломатии давлат арзёбӣ мегардад [4-М].

4. Таҳлили қойгоҳи ҲРУ-и СММ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки кишвар аз қумлаи аввалин давлатҳое мебошад, ки масъалаҳои об, иқлим ва ҳифзи пиряхҳоро бо ҳадафҳои умумиҷаҳонии рушди устувор пайваст намудааст. «Ҳамоҳанг сохтани ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ҳадафҳо, махсусан бо ҲРУ-6 («Таъмини дастрасӣ ба об ва беҳдошт барои ҳама»), ба ташаккули механизми нави дипломатияи байналмилалӣ мусоидат кардааст. Дар чунин механизми ҳамкорӣ ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти инсонӣ қойгоҳи меҳварӣ доранд» [2-М].

5. Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи пиряхҳо дар диссертатсия ҳамчун қузъи муҳимми дипломатияи оби иқлим асоснок гардиданд. Дар шароити тағйирёбии иқлим ва коҳиши захираҳои пиряхӣ, иқдоми «Ҳифзи пиряхҳо» барои густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ майдони нав фароҳам овардааст. Он

масъалаи пиряхҳоро аз доираи масъалаҳои муҳити зист ба сатҳи вазифаи стратегии амнияти байналмилалӣ баровардааст. Натиҷаҳои таҳлил собит мекунанд, ки дипломатияи об ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон додааст, то масъалаҳои тағйирёбии иқлим, обшавии пиряхҳо ва амнияти экологиро ба рӯзномаи сиёсии ҷаҳонӣ ворид намояд.

6. Даврабандии рушди дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2003–2025 чанд марҳалаи ташаккул ва инкишофи онро муайян менамояд. Дар марҳалаи аввал, заминаҳои консептуалӣ ва ҳуқуқии ташаббусҳои байналмилалӣ ташаккул ёфтанд. Марҳалаи дуюм, бо густариши ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ алоқаманд мебошад. «Марҳалаи сеюм бошад, ҷаҳонишавии масъалаҳои об, иқлим ва пиряхҳоро дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мегирад. Таҳлили ин пайдарҳамӣ собит намуд, ки дипломатияи об дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми устувор пайдо карда, барои рушди минбаъдаи байналмилалӣ имкониятҳои васеъ дорад» [6-М].

Таҳлилҳои анҷомёфта нишон медиҳад, ки таҷрибаи дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар оянда барои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар минтақаҳои дорои захираҳои оби фаромарзӣ истифода шавад. Мавқеи геополитикии кишвар, таҷрибаи пешбурди ташаббусҳои байналмилалӣ ва сиёсати созандаи он дар соҳаи об барои таҳияи механизмҳои нави дипломатияи экологию обӣ заминаи мусоид муҳайё месозанд. Аз ин ҷиҳат, таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имконияти татбиқ дар сатҳи байналмилалӣ мебошад.

II. ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар шароити муосир масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо ва таъмини рушди устувор ба самтҳои муҳимми муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии давлатҳо табдил ёфтаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз

ташаббускорони фаъоли масъалаҳои глобалии об дар доираи Созмони Милали Муттаҳид дар пешбурди ҳамкориҳои байналмилалии об мавқеи назаррас дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки таҳкими баъдии дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки механизмҳои сиёсӣ, дипломатӣ, ниҳодӣ ва илмии ҳамкориҳои байналмилалӣ такмил дода шаванд. Дар ин замина, ҷиҳати истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1. Таҳия ва қабули Стратегияи миллии рушди дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. Таъмини пайдарпайӣ ва самаранокии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим таҳияи Стратегияи миллии рушди дипломатияи обро барои давраи то соли 2040 тақозо мекунад. Дар ин санад муайян намудани афзалиятҳои ҳамкориҳои байналмилалии обӣ, механизмҳои пешбурди ташаббусҳои ҷаҳонии кишвар, роҳҳои ҷалби шарикони рушд ва воситаҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар истифодаи захираҳои обӣ мувофиқи мақсад аст. Стратегия бояд бо санадҳои амалкунандаи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва уҳдадориҳои байналмилалии он ҳамоҳанг карда шавад.

2. Такмили механизмҳои ҳамоҳангсозии байниидоравӣ дар самти дипломатияи об. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об, таъсиси Шурои байниидоравии дипломатияи об дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти сохторҳои ҳамоҳангсозии мавҷуда, пешниҳод мегардад. Ба фаъолияти он ҷалб намудани намояндагони Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои об, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдор мувофиқи мақсад мебошад. Вазифаҳои асосии шуро бояд ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳияи пешниҳодҳои муштараки дипломатӣ, таъмини иштироки муассири

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва пайгирии иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии кишвар дар соҳаи обу иқлим бошанд.

3. Таҳия ва татбиқи Барномаи давлатии рушди ҳамкориҳои байналмилалии об ва иқлим барои солҳои 2030–2040. Барои ба амал баровардани афзалиятҳои дипломатияи об таҳияи барномаи махсуси давлатии рушди ҳамкориҳои байналмилалии обу иқлим пешниҳод мешавад. Вазифаҳои он бояд тавсеаи робитаҳои дуҷонибаю бисёрҷониба, иҷрои лоиҳаҳои муштараки обию экологӣ, ҷалби сармоя ва технологияҳои муосирро фаро гиранд. Таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ дар истифодаи оқилонаи захираҳои об низ бояд дар ин барнома ҷойгоҳи муҳим дошта бошад. Аз ҷумла, муносибатҳо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар идоракунии обҳои фаромарзӣ, ҳифзи пиряхҳо ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ҳамчун самти афзалиятнок муайян шаванд. Бо ин мазмун, барнома механизми амалисозии стратегияи пешниҳодшуда хоҳад буд.

4. Тақвияти заминаҳои илмӣ ва иттилоотии дипломатияи об тавассути рушди ҳамкориҳои байналмилалии таҳқиқотӣ. Аҳаммияти илмии масъалаҳои обу иқлим зарурати тақвияти муассисаҳои илмӣ ва таҳқиқотии кишварро дар омӯзиши об, пиряхҳо ва тағйирёбии иқлим ба миён мегузорад. Аз ин рӯ, таъсиси Маркази байналмилалии таҳқиқоти об, пиряхҳо ва тағйирёбии иқлим дар шаҳри Душанбе ё густариши иқтидори ниҳодҳои мавҷуда барои ҳамоҳангсозии таҳқиқоти байналмилалӣ мувофиқи мақсад мебошад. Чунин марказ бояд иҷрои лоиҳаҳои муштараки илмӣ, табодули маълумот, назорати вазъи пиряхҳо ва таҳияи тавсияҳои илмиро таъмин намояд. Натиҷаҳои фаъолияти он метавонанд ҳамчун заминаи таҳлилӣ дар қабули қарорҳои дипломатӣ истифода шаванд.

5. Такмили низоми омодасозии мутахассисон дар соҳаи дипломатияи об ва ҳамкориҳои байналмилалии обӣ. Барои таҳкими иқтидори кадрии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани барномаҳои махсуси таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар тавсия мешавад. Мазмуни ин барномаҳо бояд дипломатияи об, иқлим, ҳуқуқи байналмилалии об, идоракунии обҳои фаромарзӣ ва Ҳадафҳои рушди устувори СММ-ро фаро гирад. Омӯзиши кормандони мақомоти давлатӣ ва намояндагиҳои дипломатӣ тавассути курсҳои такмили ихтисос низ зарур аст. Ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ ва созмонҳои байналмилалӣ метавонад барои рушди чунин низоми таълимӣ замина фароҳам оварад. Ин тадбирҳо сатҳи касбии мутахассисон ва самаранокии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар музокироту равандҳои байналмилалии об баланд мебардоранд.

